**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД:** 347.1 (575.3)
**ТКБ:** 67.99 (2) (2 тоҷикӣ)
**И -** 73

**ИСМОИЛЗОДА МАДИНА ИСМОИЛ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-МАДАНИИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ;
ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Меликов У.А.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.........................................................................................................3**

**МУҚАДДИМА…………………………………………………...........4-16**

**БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА..........17-46**

**1.1.** Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста**.........................................17-34**

**1.2.** Асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста**....................34-46**

**БОБИ 2. НАМУДҲОИ ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА ВА РЕҶАИ ҲУҚУҚИИ ОНҲО...................................................................47-112**

**2.1.** Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста**..........................................................................................................47-62**

**2.2.** Иҷро ва басаҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста**..........................................................................................................62-78**

**2.3.** Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста**..........................78-98**

**2.4.** Пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста**........................................................................................................98-112**

**БОБИ 3. АМАЛИГАРДОНӢ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА........................................................................................113-150**

**3.1.** Амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста**..........................................113-130**

**3.2.** Тарзҳои ҳуқуқӣ-мадании ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста**..............130-150**

**ХУЛОСА...............................................................................151-154**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.........................................................................................155**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).......................................156-174**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..........175-178**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**ВАО** – воситаҳои ахбори омма;

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ;

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КГ ҶТ** – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КГ ФР** – Кодекси граждании Федератсияи Россия;

**МЭҲ** – Мошинаи электронии ҳисоббарор;

**СУМЗ** – Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ;

**ФР** – Федератсияи Россия;

**ҶРМ** – Ҷамъияти россиягии муаллифӣ;

**Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»** – Қонуни муаллифӣ;

**Конвенсияи Брюсселӣ** – конвенсия дар бораи паҳнкунии барандаи барномаҳои сигналҳо, ки бо ёрии моҳвора интиқол дода мешаванд, соли 1974 дар Брюссел ба имзо расидааст;

**Конвенсияи Женева** – Конвенсия доир ба ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограмма аз таҷдиди ғайриқонунии фонограммаҳои онҳо, ки соли 1971 дар Женева имзо шудааст;

**Конвенсияи Рим** – Конвенсия доир ба ҳифзи ҳуқуқҳо, манфиатҳои ҳунармандон-иҷрогарон ва ташкилотҳои пахш дар соли 1961 дар Рим баста шудааст;

**Шартномаи СУМЗ** – шартнома доир ба иҷро ва фонограммаҳо, ки соли 1996 дар Женева имзо шудааст, танҳо барои давлатҳои аъзои СУМЗ ба ҳамроҳшавӣ боз аст;

**м.** – модда;

**м.м**. – моддаҳо;

**қ.** – қисм;

**ғ.** – ғайра;

**С.** – саҳифа.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Истиқлоли давлатӣ ба марҳилаи нави инкишоф ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) заминаи воқеӣ гузошт. Дар ин раванд, аз ҷониби давлат ба масъалаи ташаккул ва рушди моликияти зеҳнӣ таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст.

Дар масири соҳибистиқлолии миллӣ бевосита аз ҷониби давлату ҳукумати мамлакат ба ин соҳа таваҷҷуҳи махсус равона карда шуда, нерӯи зеҳнӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт ва доир ба рушди самараноки фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсионӣ, эҷодӣ, инчунин ҳифзи онҳо чораҳои судманд амалӣ карда шуд. Заминаи асосии чунин чораандеширо муқаррароти м. 40 Конститутсияи ҶТ, ки дар он омадааст: «моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст» ба вуҷуд овард [1].

Дар шароити ҳозира, ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ на танҳо дар ҶТ, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Зеро, он ба дастовардҳои зеҳнӣ, хусусан дастовардҳои технологии замони муосир алоқаманд мебошад. Ҳар як нафар натанҳо истифодабарандаи чунин объектҳо, балки офарандаи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ҳам буда метавонанд. Зеро ҳар нафаре, ки телефонҳои ҳушманд дорад, имкони сабту навор ва офаридани маводҳои гуногуни зеҳниро дорад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо ва дигар сарчашмаҳо шумораи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст. Ҳамзамон, бо рушди истифодаи интернет ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт хеле зиёд ба назар мерасанд. Мусаллам аст, ки интернет шабакаи умумиҷаҳонӣ мебошад ва он хоси як давлат нест.

Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста маҳз дар сарчашмаҳои интернет бештар ғайриқонунӣ нусхабардорӣ карда шуда, паҳн мегарданд. Аксарияти меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста замоне эҷод шуда буданд, ки ин технологияҳо набуданд. Айни ҳол тавассути

меъёрҳои зикршуда бо қонуншиканиҳои дар фазои интернетӣ бавуҷудоянда мубориза бурдан душвор аст. Яъне табиати ҳуқуқии ин қонуншиканиҳо тақозо менамояд, ки ҳуқуқшиносон меъёрҳои хоси онро коркард ва пешниҳод намоянд.

Табиист, ки баробари рушди технология, офаридан ва паҳн кардани объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, саволҳои ҳуқуқӣ ва ниёз ба танзимнамоӣ афзуда истодааст. Дар айни замон вазъу ҳолати назариявии ҳуқуқҳои вобаста мухталиф ва гуногунҷабҳа мебошад ва он боис мегардад, ки асосҳои ҳуқуқиаш таҷдид ва такмил дода шаванд.

Ин аст, ки дар б. 9 Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии ҶТ барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст, ки «сарфи назар аз дастовардҳои муайян, моликияти зеҳнӣ ҳоло ҳам омили калидӣ дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар нагардидааст. Бинобар ин, дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он унсури асосии инфрасохтор ташкилотҳо оид ба идоракунии коллективии ҳуқуқи молумулкӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо фаъолияти худро дар натиҷаи ихтиёран муттаҳид намудани моликони бевоситаи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он амалӣ менамоянд ва ё аъзои ташкилотҳои мазкур мегарданд, ё ба онҳо дар асоси шартномаи хаттӣ ваколат дода мешавад» [28].

Баъзе ҳуқуқҳои вобастаи мавҷудбуда, дар қонунгузории амалкунанда такрор шудаанд ва муқаррароти ба онҳо бахшидашуда комил нест, ки дар натиҷа номуайянӣ дар назария ва мушкилот дар амалияи ҳифзи чунин ҳуқуқҳо ба вуҷуд меояд.

Дар байни муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва илми сивилистика роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста андешаи ягона вуҷуд надорад. Ҳатто ибораи «ҳуқуқҳои вобаста» дар санадҳои қонунгузории мамлакат бевосита ва ба таври мушаххас тарҷума нагардидааст ва он дар аксар маврид аз забони русӣ (смежные права) ҳамчун «ҳуқуқҳои вобаста ба он» тарҷума гардидааст, ки фаҳмишу дарки масъалаи мазкурро коҳиш медиҳад.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки зарурати таҳқиқоти мавзуи интихобшуда ва пешниҳодҳои дахлдор оид ба мукаммалнамоии танзими лозимаи онҳо дар шароити ҳозира тақозои замон мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои ҳуқуқӣ-назариявии ҳуқуқҳои вобаста на танҳо аз ҷониби мутахассисони соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста, балки олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ, махсусан мутахассисони дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар умум мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар ҶТ роҷеъ ба масъалаи ҳуқуқҳои вобаста, гарчанде таҳқиқоти бунёдии мукаммал ба анҷом расонида нашуда бошад, ҳам ин маънои онро надорад, ки таҳқиқи масъалаи мазкур аз нуқтаи назари олимони кишварамон дур монда бошад. Аз ин рӯ, мо метавонем натиҷаи илмии муҳаққиқони мазкури ватаниро ёдовар шавем: В.И. Коретский [74, 371 с.], М.З. Раҳимзода [92, 304 с.], Ш.К. Ғаюрзода [58, 324 с.; 57, 96 с.; 106, с.12-14], У.А. Меликов [77, 104 с.; 78, 191 с.; 79, 372 с.; 80, 191 с.], Б.Р. Расулов [143, 28 с.], И.Ғ. Ғаффорзода (И.Ғ. Ахмедҷонов) [126, 26 с.], Н.Ш. Қурбонализода [137, 340 с.], А.А. Абдуллоев [40, 294 с.], М.А. Қодирзода [69, 188 с.], Ш.Х. Ҳафиззода [85, 80 с.], ки роҷеъ ба паҳлуҳои ҳамҷавори самти мазкур таҳқиқотҳои алоҳидаро ба анҷом расонидаанд. Аммо чуноне ёдрас шудем, таҳқиқоти маҷмуӣ дар сатҳи рисолаи илмӣ доир ба мавзуи мазкур то ҳол вуҷуд надорад.

Солҳои охир ҳуқуқҳои вобаста махсусан аз тарафи мутахассисони ИДМ дар доираи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ низ таҳқиқ шудаанд. Дар ҷодаи мазкур мо метавонем, ки ба сифати натиҷаҳои бунёдии самти мазкур дар солҳои охир натиҷаҳои таълимию илмии муҳаққиқон ба монанди М.К. Доброволская, К.А. Дубаренко, В.С. Доброволский ва монанди инҳоро қобили зикр шуморем.

Қобили таваҷҷуҳ будани таҳқиқоти мазкурро мо метавонем аз натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони зерин: В.В. Брилев [127, 289 с.], О.Ю. Волков [128, 215 с.], О.С. Фролова [150, 211 с.], Н.И. Федоскина [149, 189 с.], С.П.

Гришаев [60, 238 с.], Т.Б. Тулегенов [145, 204 с.], Е.В. Якубова [151, 227 с.], А.М. Минков [82, 719 с.; 140, 200с.], С.Т. Осипенко [142, 196 с.] ва М.В. Опарина [141, 153 с.] баръало мушоҳида намоем, ки онҳо яке аз заминаҳои илмии муосирро дар ҷодаи мазкур ташкил намудаанд.

Дар сатҳи байналмилалӣ танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста аз нимаи асри XX ҷой дошт ва дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бошад, ба ин соҳа таваҷҷуҳ ва эътибори хоссае зоҳир карда намешуд. Ҳуқуқҳои вобаста танҳо дар Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо аз 31 майи соли 1991 бо таври низомнок муқаррар карда шуд. Дар таҷрибаи танзими расмӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар самти ҳуқуқҳои вобаста дар ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, №726 қабул карда шудааст [10]. Маҳз аз ҳамин давра механизмҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ҳуқуқҳои вобаста дар ҶТ марҳилаи нави рушдро оғоз намуд.

Таҳқиқоти мазкур бо асарҳои болозикр алоқамандӣ дорад. Вале диссертатсияи мазкур бо услуби хоси таҳқиқот, инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии Тоҷикистон, масъалаҳои нави танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ ва таҳлили амалӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ таҳти унвони «Рушди асосҳои хусусӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҶТ» барои солҳои 2015-2019 ва «Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар ҶТ» барои солҳои 2021-2025 ба иҷро расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф ва коркарди муқарраротӣ назариявӣ ва равшансозии моҳияти ҳуқуқҳои субъективии вобаста ва мазмуни онҳо, василаҳои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо бо тарзҳои ҳуқуқӣ-маданиро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади қайгардида вазифаҳои зерини мушаххас дар назди таҳқиқот гузошта шудаанд:

–таҳлилу омӯзиши масъалаҳо вобаста ба мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста дар ҶТ;

–муайян намудан ва баҳодиҳии заминаҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста дар ҶТ;

–бо дарназардошти нуктаҳои назари илмии мавҷуда ва муқарраротӣ санаҳои қонунгузории ҶТ таҳлил кардани мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста ва ошкорнамоии ихтилофоти мавҷудбуда дар ин самт;

–муайян кардани аломатҳои тавсифкунандаи ҳуқуқҳои вобастаи субъективӣ дар такя ба ҳуқуқи муосири маданӣ бо муқарраркунии мазмуни ҳуқуқҳои вобастаи субъективию ошкоркунии хусусиятҳои салоҳияти соҳибҳуқуқҳо;

–муайян кардани реҷаи ҳуқуқии иҷро ва басаҳнагузорӣ, фонограмма, пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар робита бо ҳуқуқҳои вобаста ба вуҷуд меоянд ва инчунин масъалаҳои амалисозӣ ва ҳимояи онҳоро бо тарзу усулҳои ҳуқуқӣ-маданӣ фаро мегиранд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, таҳлили ҳуқуқии муқоисавии он бо қонунгузории кишварҳои алоҳидаи ИДМ ва давлатҳои дигар, ҳамчунин

шартномаҳои байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои вобаста, амалияи судӣ, ки тавассути онҳо хусусиятҳои табиати ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста дар ҶТ таҳқиқ карда мешаванд, иборат аст.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур дар доираи 3 марҳилаи бо ҳам алоқаманду пай дар пай анҷом шудааст.

Дар марҳилаи аввал (солҳои 2014-2016) омӯзиши он дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ анҷом шуд. Дар ин давра сарчашмаҳои илмию иттилоотии истифодашаванда ҷамъоварӣ ва ба низом даровардa шуд. Дар ин давра ном ва нақшаи рисола рисола дар шурои илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ тасдиқ гардид.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2017-2021) матни рисола пурра таҳия гардид. Маводҳои рисола дар ин давра дар шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ таҳти корбурди амалӣ қарор дода шуд.

Дар марҳилаи сеюм (соли 2022-2024) рисола барои муҳокима ба шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ пешниҳод карда шуд. Дар давоми муҳокимаи мазкур маълумотнома оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда таҳия шуда, ба шуъба пешниҳод гардид. Маълумотномаи мазкур мусбат арзёбӣ шуд ва аз ҷониби шуъба ба рисола хулосаи мусбат барои пешниҳоди рисола ба ҳимоя дар шурои дахлдори ДМТ дода шуд.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро муқаррароти назариявии бунёдии илми ҳуқуқи маданӣ, назарияи умумии ҳуқуқ, ки дар корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ш.К. Ғаюрзода, А.В. Золотухин, В.И. Коретский, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш.М. Менглиев, Ҷ.С. Муртазозода, Б.Р. Расулов, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзод, Ш.Т. Тағойназаров, О.У. Усмонов, Д.А. Сидиқов ва дигарон инъикос ёфта, ташкил медиҳад.

Ҳамзамон асарҳои назарияҳои бунёдии олимони кишварҳои хориҷа, аз ҷумла, Б.С. Антимонов, В.А. Белов, Э.П. Гаврилов, С.П. Гришаев, В.А. Дозортсев, В.О. Калятин, Е.А. Флейшитс, Р.О. Халфина, М.Д. Чупова, Б. Шерман, Г.П. Шершеневич, А.М. Эрделевский ва дигарон ҳангоми таҳияи рисола мавриди омӯзиш, таҳлил ва истифода қарор дода шудаанд.

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** маҷмуи усулҳои аз ҷониби муаллиф барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда истифодагардида ташкил медиҳанд, аз ҷумла ҳам усулҳои умумии илмӣ ва ҳам усулҳои соҳавию илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, низомӣ-сохторӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ.

**Асоси эмпирикии таҳқиқотро** амалияи судӣ оид ба баҳсҳои мутааллиқ ба амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста, таҳлили ҳуқуқтатбиққунӣ ва маълумотҳои оморию барномавӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар низоми соҳаи ҳуқуқи маданӣ нахустин ба шумор рафта, таҳқиқи комплексии масъалаҳо доир ба ҳуқуқҳои вобаста дар Тоҷикистонро дар бар мегирад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои диссертатсияро ифода мекунанд:

1. Ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф – ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии субъектонеро номанд, ки онҳо дар заминаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ё бидуни он ба вуҷуд овардаанд, ки тибқи қонунгузорӣ муқаррар ва ҳифз карда мешаванд. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки дар Тоҷикистон консепсияи «моликияти зеҳнӣ» ва консепсияи «ҳуқуқҳои истисноӣ» дар якҷоягӣ ва шабоҳатӣ амал менамоянд. Пешниҳод мегардад, ки ин консепсияҳои ҳуқуқӣ бояд вобаста ба мазмун ва доираи ҳуқуқҳои фарогирандаашон дар адабиётҳо ва қонунгузорӣ истифода карда шавад. Ҳуқуқҳои истисноӣ бояд танҳо фарогири ҳуқуқҳои молумулкии марбут ба моликияти зеҳнӣ бошад ва бояд ҳамин тавр истифода гардад.

Моликияти зеҳнӣ ба таври васеъ, фарогири ҳам ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкии марбут ба объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бояд бошад.

2. Муайян гардидааст, ки аксари ҳуқуқҳои вобаста ба истифодаи технологияҳо алоқамандӣ доранд. Яъне ҳангоми пайдоиши технологияҳои нав, объектҳои нав офарида мешаванд ва табиист, ки бояд нисбати онҳо ҳуқуқҳои соҳибони онҳо муқаррар карда шавад. Аз ҳамин лиҳоз дар қонунгузорӣ гурӯҳи ҳуқуқҳои нави вобаста муқаррар кардан зарур мешаванд. Айни ҳол дар ҶТ се гурӯҳи ҳуқуқҳои вобаста (ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ) муқаррар шудааст. Аммо дар баъзе давлатҳо, ин ҳуқуқҳо ба панҷ-шаш гурӯҳ рафта расидаанд. Ҳамзамон, оянда дар алоқамандӣ ба рушди технология ҳуқуқҳои нав пайдо шуданаш имконпазир аст.

3. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки ҳуқуқҳои иҷрогарон ба ҳуқуқҳои муаллифон наметавонад дохил карда шавад ва онҳо бояд ҳамчун ҳуқуқи вобаста боқӣ монанд. Зеро, объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон на ҳамеша хусусияти аслӣ ва эҷодӣ дорад. Баръакс объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ хосияти эҷодию аслиро доранд. Баъдан объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон аз объектҳои муаллифон маншаъ мегирад. Барои ҳамин ҳам он объектҳоро объекти ҳуқуқи муаллифӣ эътироф кардан баҳснок аст.

4. Доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста тарзу усулҳои хос ба объектҳои нави пайдомешуда зарур мебошад. Барои мисол, дар шароити кунунӣ аксари объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар интернет ҷойгир шудаанд. Аз ҳамин ҷиҳат дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи соҳибони ҳуқуқҳои вобаста, тарзҳои нави ҳифзи ҳуқуқро (бастани саҳифаи сомонае, ки дар он ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд аст (блокировка), хориҷ кардани маводи ғайриқонунӣ аз сомона коркард ва истифода бурдан зарур аст. Ҳамзамон, асоснок карда шудааст, ки миёнаравони иттилоотӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муллиф нақши калон доранд. Зеро, маҳз аз вазъи ҳуқуқии онҳо вобаста аст, ки

объектҳои ҳуқуқи вобастаро бо таври дахлдор ҳифз карда онҳоро, тибқи асосҳои қонунӣ манзури доираи шахсони номуайян гардонанд.

**Пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ:**

1. Айни ҳол дар ҶТ реҷаи ҳуқуқии се гурӯҳи ҳуқуқҳои вобаста (ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ) муқаррар шудааст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳуқуқиноширони асарҳои илм, адабиёт ва санъат ва ҳуқуқи таҳиягарони манбаи маълумот ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста дар алоҳидагӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад. Чунин объектҳо дар Тоҷикистон ҳам хеле зиёд истифода мешавад, аз ҳамин хотир дар КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ин ҳуқуқҳоро ворид намудан зарур аст.

2. Чуноне ки таҳқиқот нишон дод, дар м. 31 Қонуни муаллифӣ 4 номгӯйи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ пешбинӣ гардидааст: 1) намоишҳо; 2) иҷроҳо; 3) фонограммаҳо; 4) барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ. Реҷаи ҳуқуқии иҷро, фонограмма ва барномаҳои телевизион ва радио дар ҳамин қонун мушаххас шудаанд. Намоиш ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқҳои вобаста пешбинӣ гардидааст, аммо доир ба реҷаи ҳуқуқии он минбаъд дар матни қонун меъёрҳои зарурӣ муқаррар нагардидааст. Аз ҳамин лиҳоз, зарур мешуморем, ки калимаи «намоиш» аз матни м. 31 Қонуни муаллифӣ хориҷ карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар ташаккули нигоҳи нав ба табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ ва назарияи ҳуқуқи муаллифӣ метавон мавриди истифода қарор дода шаванд. Натиҷаҳои ба даст омада, муқаррарот ва хулосаҳои дар таҳқиқоти илмӣ ифодашуда, метавонанд таълимотро доир ба ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ васеъ кунанд, боиси азхудкунии назариявии аҳаммияти асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии онҳо шавад ва ба тавсияҳои илми ҳуқуқи маданӣ таъсир расонад, ки ба қонунгузор ва амалияи судӣ роҷеъ ба бунёди табиати ҳуқуқӣ, низом, мазмун ва ҳимояи ҳуқуқҳои

таҳқиқшаванда асос карда шудаанд. Натиҷаҳои зикршуда метавонанд дар таҳқиқотҳои минбаъда роҷеъ ба ҳуқуқҳои вобаста татбиқ карда шаванд.

Дар диссертатсияи мазкур ғояҳои муосири илмии ба мавзуи таҳқиқ вобастабуда, ки пештар аз ҷониби дигар муҳаққиқон ҳангоми таҳлили масъалаҳои ҳуқуқҳои вобаста мавриди истифода қарор дода нашудаанд, пешниҳод карда мешавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**, пеш аз ҳама бо татбиқи амалии кор, ки бевосита ва ё бавосита тавассути таъсир ба назарияи (таълимот) илмии сивилистика дар кор аз болои муқаррароти нави қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҳуқуқҳои вобаста, инчунин дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судҳо ифода меёбад.

Пешниҳодоти дар кор овардашуда то ба дараҷаи тавсияҳои мушаххас расонида шудаанд ва минбаъд онҳоро метавон ҳам ҳангоми коркард ё такмили санадҳои қонунгузории ҶТ ва ҳам дар корҳои амалии мақомотҳои судӣ мавриди истифода қарор дод.

Ин маводҳо ҳамчунин ҳангоми коркарду таҳияи курсҳои таълимӣ, барномаҳо ва гузаронидани машғулиятҳо дар муассисаҳои олии таълимӣ роҷеъ ба масоили ҳуқуқҳои вобаста, метавон татбиқ намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, дар робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони насли гузашта, одоби илмии ҷойдошта ва инъикоси объективонаи масъалаҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ, таҳлили сарчашмаҳои илмию амалии соҳавӣ, татбиқи амалии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон натиҷаҳои илмию амалии рисоларо муаллиф дар такмили қонунгузории маданӣ, хусусан ҳангоми фаъолият дар шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ истифода бурдааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ омода шудааст. Мазмуну мундариҷаи асосӣ, натиҷаҳо ва маводҳои таҳқиқоти мазкур дар мақолаҳо ва корҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар интишор гардидаанд. Ҳамзамон масъалаҳои дар рисолаи мазкур баррасигардида, ҳангоми такмили сандаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ истифода гардидаанд. Мазмуну мундариҷаи асосӣ, натиҷаҳо ва маводҳои таҳқиқоти мазкур дар мақолаҳо ва корҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар интишор гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи IX илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Потенсиали инноватсионии рушди илм дар замони муосир» – маърӯза дар мавзуи «Мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф тибқи қонунгузории ҶТ». – Уфа, 21.06.2022;

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии рушди устувор» – маърӯза дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунии ҳуқуқҳои вобаста дар ҶТ». – Копенгаген, 6-8.07.2022;

– конференсияи XII илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Таҳқиқоти илмӣ дар асри XXI» – маърӯза дар мавзуи «Иҷро ва басаҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста». – Оттава, 16-18.07.2022;

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ» – маърӯза дар мавзуи «Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он». – Бостон, 7-8.07.2022;

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Проблемаҳои рушди илми муосир» – маърӯза дар мавзуи «Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузории ҶТ». – Алмаато, 15-16.07.2022.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Методологияи танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия» – маърӯза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳо оид ба амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дар ҶТ». – Душанбе, 17.06.2022;

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» – маърӯза дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии марказҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ». – Душанбе, 24.12.2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 12 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Ҳамчунин дар ҳаммуаллифӣ 1 монографияи дигар дар самти танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста

Аз таҳлили ҳолати назариявӣ ва қонунгузории амалкунанда дар самти ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, маълум мегардад, ки ҳуқуқҳои вобаста барои ҶТ нисбатан падидаи нав ба шумор рафта, нисбати он таҳқиқоти мукаммалӣ илмӣ ҳоло ба анҷом расонида нашудааст.

Дар баробари таваҷҷуҳи бештари намояндагони илм, қонунгузорон ва аҳли ҷомеа ба моликияти зеҳнӣ, риоя намудани чунин намуди ҳуқуқ ҳоло хеле мубрам аст. Ба равшан сохтани мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста оғоз намуда, якбора қайд мекунем, ки аз матни Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, №726 [10] бармеояд, ки ҳуқуқҳои вобаста ҳуқуқи иҷрогарони асар, ҳуқуқи истеҳсолкунандаи фонограмма, ҳуқуқи ташкилоти пахши эфирию кабелӣ дониста мешавад. Чуноне мебинем, ин мафҳуми дар қонун муқарраркардашуда на ба мафҳум монанд аст, балки аз номгӯйи ҳуқуқҳои вобаста иборат аст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки мафҳуми «ҳуқуқҳои вобаста» бо мафҳуми «моликияти зеҳнӣ» ва «ҳуқуқҳои истисноӣ» алоқамандии зич дорад. Дар ҶТ мафҳуми «ҳуқуқҳои истисноӣ» бояд гуфт, ки дар шакли васеъ истифода мегардад. Он ҳам ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкиро ифода менамояд ва ҳамчунин мазмуни ҳуқуқи моликияти зеҳниро ташкил менамояд.

Дар асл консепсияи ҳуқуқҳои истисноӣ ба ҳуқуқҳои молумулкие, ки дар доираи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ вуҷуд доранд, рабт дорад. Ин консепсия маҳсули эҷоди олимони рус мебошад, ки онро аксаран ба ҷойи ибораи «моликияти зеҳнӣ» истифода мебаранд. Дар Тоҷикистон консепсияи «моликияти зеҳнӣ» (ки маҳсули эҷоди олимони ғарб мебошад) бо консепсияи «ҳуқуқҳои истисноӣ» омехта шудааст. Хуб мешавад, ки ҳар кадом аз ин

консепсияҳо дар мавриди худаш истифода гарданд. Ба андешаи мо, ҳуқуқҳои истисноӣ бояд танҳо фарогири ҳуқуқҳои молумулкии марбут ба моликияти зеҳнӣ бошанд, моликияти зеҳнӣ фарогири ҳам ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ бошад. Масъалаи мазкур барои шакл гирифтани мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ҳам таъсиргузор аст [92, с. 5-6].

Муҳаққиқи ватанӣ У.А. Меликов қайд менамояд, ки «вақте муаллиф асарро меофарад, ба ин асар ҳуқуқҳои муайян пайдо менамояд ва ин ҳуқуқҳо тартиби истифода ва ҳифзи асарро муайян мекунанд. Ҳуқуқҳои муаллиф ба асар ду навъанд: ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф. Ин ду навъи ҳуқуқҳо асоси ҳуқуқи муаллифӣ мебошанд» [77, с. 33]. Маҳз дар заминаи ҳамин ҳуқуқҳои муаллиф ҳуқуқҳои вобаста пайдо ва рушд менамоянд.

Дар навбати худ, ба андешаи В.И. Коретский «ҳуқуқи муаллифӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои ҳангоми офаридан ва истифодаи чунин асарҳои илм, адабиёт ва санъат ба миён меоянд ва натиҷаи фаъолияти эҷодии меҳнатии муаллифон буда, ба рушди фарҳанг мусоидат мекунанд» [74, с. 145].

Ҷойи дигар муаллиф ишроз медорад, ки «муносибатҳои ҳуқуқии муаллифӣ он муносибатҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар натиҷаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, созишномаҳо ё дигар фактҳои ҳуқуқии байни муаллифони асарҳои илм, адабиёт, санъат ва ташкилотҳо (шаҳрвандон) оид ба офаридан ва истифодаи ин асарҳо бо мақсади рушди фарҳанг ва амалӣ намудани ҳуқуқи муаллифон ба вуҷуд омадаанд» [74, с. 191].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии ҶТ чунин зикр намуданд: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши

технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Аз ин рӯ, мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем» [84, с. 585-586].

Дар ҶТ ба ин самти фаъолият таваҷҷуҳи махсус равона гардида дар мамлкат аз соли 2022 бо қарори Ҳукумати ҶТ Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2040 [29] таҳия ва қабул гардида, дар он масъалаҳои умумӣ – ҳадафу моҳият ва мақсад, тамоюли истифодаи зеҳни сунъӣ дар ҷаҳон, арзёбии вазъи имрӯза ва имкониятҳои рушди зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногуни ҶТ, таҳлил ва ташаккули заминаи қонунгузорӣ ва институтсионалӣ дар самти зеҳни сунъӣ, биниши дарозмуҳлати зеҳни сунъӣ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии он, имкониятҳо ва таҳдидҳо, давраҳои амалисозии ҳуҷҷат, зеҳни сунъӣ дар ҳушмандсозии минтақаҳо ва аҳолии онҳо, зеҳни сунъӣ дар маориф ва неруи инсониро мавриди танзим ва муаянсозӣ қарор додааст.

Дар он пешбинӣ мегардад, ки «бо дарназардошти рушди бемайлони илму техника ва технология, кишварҳои ҷаҳон барои амалигардонии низоми рақамии фаъолияти соҳаҳо талош варзида, ҷиҳати осон намудани кор ва сарфаи вақт, инчунин самаранок кардани фаъолияти соҳаҳо аз технологияҳои зеҳни сунъӣ васеъ истифода намуда истодаанд. Зеҳни сунъӣ яке аз равандҳои неруманди асри 21 буда, ҷорӣ намудани он ба раванди суръатноки истеҳсол ва тақсимоти мол, кор ва хизматрасониҳо таъсири мусбат мерасонад. Ин технологияҳо ба тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон ворид шуда, асоси рушдро ташкил медиҳад» [29].

Дар замони муосир натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ яке аз объектҳои муҳимми иқтисодиёт мебошад. Он баҳри ташаккул ва рушди иқтисодиёти кишвар нақши арзанда мебозад. Ғайр аз ин, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ баҳри рушди маънавиёти шахс низ хизмат мекунад. Бинобар ин, он аз ҷониби

қонунгузории давлатҳо аз ҷумла, ҶТ ҳифз ва ҳимоя гардида, ҳамзамон кафолат дода мешавад. Ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ яке аз ҳуқуқҳои конститутсонии шахс маҳсуб меёбад [69, с. 6].

Роҷеъ ба мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста андешаҳои мухталиф пешниҳод шудааст, ки ҳолати мазкур метавонад барои мукаммал гардидани фазои ғоявии самти мазкур заминагузорӣ намояд.

Ба андешаи Д. Липстик ибораи «ҳуқуқҳои вобаста» дар назария асоснок карда нашудааст ва мазмуни он номуайян мебошад [75, с. 305]. Д. Ҷервейс қайд мекунад, ки таърифи умумии консептуалии ҳуқуқҳои вобаста вуҷуд надорад [157].

Мураккабӣ дар ҷустуҷӯи ғояи ҳуқуқҳои вобаста ғайр аз он вобаста аст, ки дар ин соҳа мавҷудияти стандартҳои байналмилалӣ батартибандозии миллии ин ҳуқуқҳо махсусан дар мамлакатҳои дорои ҳуқуқи англо-амрикоӣ бо рангорангии қатъӣ тавсиф карда мешавад.

С.А. Судариков менависад: «Назар ба объектҳои ғайримоддии ҳуқуқи муаллиф, объектҳои ҳуқуқҳои вобаста объектҳои моддӣ – мол (маҳсулот) ба ҳисоб меравaнд. Аз ин хотир ҳуқуқҳои вобаста ҳамчун молу маҳсулот пешниҳод мегарданд» [98, с. 149-150].

О.С. Фролова доир ба ин масъала бамавқеътар нуктаи назар баён сохта, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро аз рӯйи хусусияти фаъолияти субъектҳои мувофиқ тақсимбандӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф, «агар фаъолияти муаллиф эҷодӣ бошад ва барои офаридани асари нав равона шудааст, пас фаъолияти иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфирӣ бо аслият тавсиф карда мешаванд, ки дар беназирӣ ва беҳамтоии тарзҳо ва равишҳо, маҳорати (бадеӣ, эҷодӣ, техникӣ ва ғ.) ин ва ё он субъектҳо, ки бо ёрии асарҳои муаллифӣ ва ё дигар объектҳои ҳуқуқҳои истисноӣ барои доираи васеи шахсон дастрас мешаванд» [150, с. 6].

Воқеан, махсусияти эҷодӣ пеш аз ҳама ин шартҳои ҳатмии қобилияти ҳифзшавандагии асарро ифода менамоянд. Дар баробари ин, мусаллам аст,

ки ба объектҳои ҳуқуқҳои вобаста аломати мазкур татбиқнашаванда мебошад.

Чуноне ки Клод Коломбо баён медорад «барои ҳуқуқи континенталӣ ғояи классикии ҳуқуқҳои вобаста асос мебошад» [158, с. 87]. Ҳамзамон, ба андешаи муаллиф, «ибораи «ҳуқуқҳои вобаста» дуруст интихоб шудааст, зеро онҳо дар эҷодиёти адабӣ ва бадеӣ мақоми ёрирасонро иҷро мекунанд ва мақсади эътирофи ин ҳуқуқҳо ҳифзи намоишҳои паҳншуда мебошад, на офаридану эҷоди асарҳои адабӣ ва бадеӣ» [158, с. 88]. Доир ба ҳуқуқҳои вобаста К. Коломбо нуктаи назар иброз намуда, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфириро дар назар дошта буд. Вай ҳуқуқҳои вобастаро таҳлил намекард, агарчӣ дар замони ӯ онҳо аллакай эътирофшуда буданд» [158, с. 88].

Дар ин замина, маълум аст, ки мафҳуми «ҳуқуқҳои вобаста» барои кишварҳои шомили оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ хос мебошад [118, с. 44; 102, с. 169]. Ба андешаи Р.О. Оморова «ҳуқуқҳои вобаста – маънои ҳаммонанди муаллифӣ, ба таври дигар реҷаи ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста бо реҷаи ҳуқуқии ҳуқуқи муаллиф алоқаманд мебошад» [90, с. 47].

«Ҳуқуқҳои вобаста дар забони англисӣ мутаносибат ҳарф ба ҳарф ҳамчун ҳамсоя (neighboring) ё алоқаманд (related) тарҷума мегарданд. Ҳуқуқҳои вобаста – ҳуқуқҳои истисноӣ мебошанд, ба иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ё кабелии барномаҳо муҳайё шуданд. Барои ҳамин ном мегиранд, ки бо ҳуқуқи муаллиф вобаста мебошанд» [90, с. 47].

Бо дарназардошти муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» [10], инчунин назарияҳои илмӣ, махсусан ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқҳои вобаста ҳамчун ҳуқуқҳои истисноӣ фаҳмида шуда, қабул карда мешаванд, ки ба иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ё кабелии барномаҳо аз ҷониби қонунгузор қабул шудааст.

Моҳияти меҳварии ҳуқуқҳои вобастаро унсури зерин ифода менамояд, ки аз тарафи шахсони сеюм истифодабарии объектҳо ба мисли фонограмма, барномаҳои телевизион ва радио, инчунини дигар иҷрои натиҷаҳои эҷодӣ розигии ҳунармандӣ амаликунандаи иҷро ё ташкилоти анҷомдиҳандаи сабти овоз ё ташкилоти радио ва телевизиониро тақозо менамояд.

Таҳлили қонунгузории мадании ФР собит менамояд, ки дар он ҳуқуқҳои вобаста ҳамчун маҷмуи меъёрҳои тибқи қонунгузорӣ барои ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои категорияи соҳибҳуқуқҳои мутобиқ нисбати натиҷаҳои (объектҳои) зерини фаъолияти зеҳнии пешниҳодшуда мебошанд: «а) иҷрои ҳунармандон-иҷрогарон ва коргардонҳо, басаҳнагузории намоишномаҳо коргардони басаҳнагузорон (иҷро), агар ин иҷроҳо дар шакли бо тавассути воситаҳои техникӣ паҳнкунӣ ва таҷдид имконпазир бошад; б) фонограмма – ҳар гуна сабти сирф овозии иҷроҳо ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳо, ба ғайр аз сабти овоз, ки ба асари аудиовизуалӣ дохил карда шудааст; в) барномае, ки аз тарафи худи ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ, ҳамчунин бо фармоиш ва аз ҳисоби маблағу васоили он аз тарафи ташкилоти дигар таҳия шудааст; г) манбаи маълумот, аз ҷумла ҳифзи онҳо аз беиҷозат гирифтан ва истифодаи такрории дорои мазмуни маводҳои фарогири онҳо; д) асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъати интишоршудаи пас аз гузариши онҳо ба дастоварди ҷамъиятӣ, дар қисмати ҳифзи ҳуқуқҳои нашрони чунин асарҳо» [159].

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар диссертатсияҳои муҳаққиқон О.С. Фролова, Т.Б. Тулегенов ва дигарон доир ба таърихи бавуҷудоӣ ва рушди категорияи ҳуқуқии «ҳуқуқҳои вобаста» параграфҳои алоҳида мавҷуд буда, омилҳо ва шартҳои таърихии дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардидани ҳуқуқҳои вобаста ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд [150, с. 18-30; 145, с. 16-28].

Дар заминаи таҳлили муфассали таҳқиқотҳои болозикр метвон заминаҳои асосии пайдоиши ҳуқуқҳои вобастаро чунин маънидод намуд. Сабаби асосии пайдоиши объектҳои нав рушду инкишофи илмӣ-техникӣ

гардид, ки дар асоси асарҳои муаллифӣ дар натиҷаи ба онҳо додани як шакли махсус устувории мавҷудият, офарида шудаанд. Аз рӯйи хосияти пайдоишаш ин объектҳоро нисбат ба асарҳои муаллифӣ бояд дуюмдараҷа ҳисобем. Аммо объектҳои мазкур дорои чанд хусусият мебошанд, ки мақом ва хусусияти онҳоро дар муомилоти маданӣ муайян менамоянд.

Пеш аз ҳама, объектҳои дуюмдараҷа дар худ натиҷаҳои эҷодиёти маънавиро ҷойгир менамоянд, ки онҳо барои шахс арзиши махсус доранд. Сониян, объектҳои мазкур имконият фароҳам меоранд, ки истифодабарии ин натиҷаҳо бе такрори ҳамаи раванди офаридани онҳо аз эҷодкунандаашон ҷудо амалӣ карда шаванд. Дигар, объектҳои мазкур имконият медиҳанд, ки ба таври зуд ва бидуни иштироки эҷодкор натиҷаҳои эҷодиёт дар шакле нашр гардад, ки намунаи нав ҳосилшуда хусусиятҳои аслро такрор мекунад ва барои шахс ҳамон арзиши пешинаро нигоҳ медорад. Охирон хусусият онро ифода менамояд, ки новобаста аз иродаи эҷодкунандаи асар ва эҷодкунандаи шакли махсуси он раванди таҷдиди он ба ҳама дастрас мебошад.

Ба андешаи Т.Б. Тулегенов «ҳамаи ин сифат дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ин объектҳоро на танҳо васоити қаноатмандкунии талаботҳои маънавии мардум, балки қобили ба дастоварии даромад низ гардидаанд. Раванди таҷдиди дастрас ва хароҷоти зиёдтарро тақозо надоштаи чунин мол барои манфиатҳои офарандаи он аз ҷониби рақибони бевиҷдон хатарафзо мегардад. Маҳз ҳамин ҳолат сабаб шуд, ки пешниҳод кардани ҳуқуқҳои махсус гардид, ки онҳо имконоти назорати раванди истифодабарӣ ва гардиши объектҳои дуюмдараҷаро дода бошанд» [145, с. 22-24].

Ҳамчун хусусияти ҳуқуқҳои вобаста, В.А. Хохлов, зикр менамояд, ки ҳуқуқҳои вобаста гурӯҳи объектҳои хеле «ҳаракаткунанда» мебошад, ки таркибашон метавонад тағйир ёбад [100, с. 248-249]. Ба андешаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки сол ба сол объектҳои нави ҳуқуқҳои вобаста пайдо гардида истодаанд.

А.А. Абдуллоев ва Ф.А. Очилова қайд медоранд, ки «дар қонунгузории ҶТ чун қоида ва тартиб ҳуқуқҳои вобаста ба се категорияҳои мустақил тақсимбандӣ мешаванд: а) ҳуқуқҳои иҷрогарон; б) ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагони фонограмма; в) ҳуқуқи ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ. Албатта, онҳо дорои объектҳо ва субъектҳои мухталифанд, онҳо аз рӯйи ҳаҷм ва мазмуну мундариҷаи худи ҳуқуқҳо аз ҳам тафовут доранд. Умумияти ин категорияҳо он аст, ки онҳо аз ҳуқуқҳои муаллиф офарида шудаанд, ки на танҳо моҳияти онҳо ва асоси табиати ҳуқуқии онҳоро муайян месозад» [39, с. 133].

Агарчӣ дар м. 3 Қонуни муаллифӣ аз 13 ноябри соли 1998, №726 дар мафҳумҳои асосӣ, мафҳуми ноширу манбаи маълумот дода шудааст, вале қонунгузории миллӣ ин категорияҳоро асосӣ намешуморад ва воқеан онҳоро ба объект ва субъекти ҳуқуқҳои вобаста дар Тоҷикистон ворид намесозад.

Муаллифони болозикр категорияҳои зерини соҳибҳуқуқонро ба сифати субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста тибқи қонунгузории миллӣ маънидод намудаанд: а) иҷрогарон (мутрибон, овозхонон, тақлидгарон, ҳунарпешаҳо, раққосон ва ғ.); б) истеҳсолкунандагони фонограмма (таҳиякунандагони фонограмма) [40, с. 118]. Дар ҶТ тайёркунандагони манбаи маълумот ваноширон бошанд ба ҳайати субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста ворид карда нашудаанд.

Албатта, қонунгузории миллӣ ҳангоми муайян кардани мафҳуми «ҳуқуқҳои вобаста» бешак бояд ба меъёрҳо ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ такя ва назар намояд, ки бевосита аз қ. 3, м. 10 Конститутсияи ҶТ сарчашма мегирад. Дар қарни рушди илму техника, махсусан оғоз карда аз нимаи садаи XX масъалаи офаридани низоми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба миён омад. Дар натиҷа соли 1961 дар Рим Конвенсия оид ба ҳифзи манфиатҳои иҷрочиён, офарандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои барномаи эфирӣ [32] қабул карда шуд.

Қобил ба зикр аст, ки ҳарчанд ҶТ ба ин Конвенсия шомил гардидааст, лекин дар заминаи муқаррароти Конвенсияи болозикр мафҳумҳо, дарк, танзим ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузории миллӣ то кунун мавриди такмил қарор нагирифтааст. Ба ғайр аз ин, Конвенсияи болозикр ба принсипи речаи миллӣ бо кафолати ҳатмии ҳифз (барои мисол, ҳуқуқи иҷрогар ба иҷозатгирии истифодабарии натиҷаҳои эҷодиёти онҳо ҳангоми ҳамагуна тарзҳои таҷдиду паҳнкунии онҳо) асос меёбад.

Конвенсияи Женева дар бораи ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограмма аз такрористеҳсолкунии ғайриқонунии фонограммаи онҳо аз соли 1971 қабул гардид, ки ба Конвенсияи мазкур давлатҳои ИДМ, аз ҷумла ҶТ низ шомил мебошад. Бояд гуфт, ки Конвенсияи болозикр то ҳадде нишондоди Конвенсияи Римро ташаккул медиҳад, ки ба таври зарурӣ ва ҳамаҷниба масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи истеҳсолкунандагони фонограммаро ба танзим намедаровард. Конвенсия аз принсипи речаи миллӣ даст кашид ва ҳуқуқи давлат татбиқ мешавад, ки таҳиякунандаи фонограмма мебошад.

Дар танзим ва махсусан дарк ва такомули институти ҳуқуқҳои вобаста дар Тоҷикистон Конвенсияи Брюссел [31] аз соли 1974 доир ба паҳнкунии барандагони барномаи сигналҳо, ки тавассути моҳвора интиқолшаванда, хеле муҳим мебошад. Пеш аз ҳама мамлакатҳои иштирокчии Конвенсияи болозикр уҳдадор гардида буданд, ки дар ҳадудашон ва ё тавассути ҳадуди хеш интиқоли ҳама гуна барандагони барномаи сигналҳоро ба ҳама гуна мақомотҳои паҳнкунанда, ки барояшон ин сигнал тавассути моҳвора ё тавассути он гузаштааст, пешгирӣ намоянд. Бо вуҷуди ин кишварҳо-иштирокчиён худашон тарзҳои риояи уҳдадории мазкурро интихоб мекунанд.

Қобили тазаккур мебошад, ки Конвенсияи Брюсселӣ дар як навбат манфиатҳои пеш аз ҳама муаллифон, ҳунарпешагон-иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахшро дар раванди

паҳнкунии сигналҳо тавассути моҳвора ифода менамояд. Конвенсияи фавқуззикр талаботҳои махсус доир ба пешгирии амалҳои «дуздии зеҳнӣ» фаро намегирад ва бояд гуфт, ки ҳалли чунин масъала ба салоҳдиди кишварҳо-иштирокчиёни он гузошта шудааст. Конвенсияи мазкур барои тамоми кишварҳо-аъзоёни СММ кушода мебошад.

Дар ин самт бояд зикр намуд, ки Конвенсияи болозикр меъёри дорои хусусияти моддидошта намебошад ва он танҳо кишварҳо-иштирокчиёнро дар як навбат уҳдадор менамояд то ки чораҳои муносиб қабул намоянд ва ҳам дар сатҳи низоми қонунгузорӣ ва ҳам дар доираи низоми ҳуқуқтатбиққунии таъмини ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо аз истеҳсоли нусхаи фонограммаҳо бидуни ризоияти истеҳсолкунанда, инчунин аз воридоти чунин нусхаҳо ва аз паҳнкунии онҳо байни тамошобинону шунавандагон, чораҳои мусбатро роҳандозӣ намоянд. Махсусияти хоси Конвесияи мазкур пеш аз ҳама даст кашидан аз принсипи реҷаи миллӣ маҳсуб мегардад.

Дар ҳамин асос, соли 1966 дар Женева Шартномаи СУМЗ [34] вобаста ба иҷро ва фонограммаҳо ба тасвиб расид. Бояд гуфт, ки шартномаи мазкур бевосита барои кишварҳои аъзои СУМЗ кушода мебошад. Он ба ҳуқуқҳои муаллифони асарҳо таъсир намерасонад ва танҳо ба иҷрогарону истеҳсолкунандагони фонограммаҳо паҳн мегардад. Дар асоси шартномаи зикргардида иҷрогарон дорои ҳуқуқи истисноӣ дар муносибат ба иҷрогарон мешаванд. Аз ҷумла дар шаклҳои зерин: иҷозат ё манъкунии пахши эфирӣ ва хабар барои маълумоти умумӣ сабтношудаи иҷро, сабти иҷроҳои сабтнашудаи худ, таҷдиди мустақим ё ғайримустақими иҷроҳои худ, ки дар фонограммаҳо сабт шудаанд, то ба маълумоти ҳамагон расонидани асл ва намунаҳои фонограммаҳои худ тавассути фурӯш ё дигар тарзи интиқоли ҳуқуқи моликиятӣ ва ғ.

И.Ғ. Ғаффорзода (И.Ғ. Ахмедҷонов) ба маврид қайд менамояд, ки «тағйир ёфтани шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусияти талаботи ҷамъият

мазмуни муомилоти маданиро васеъ намуда, боиси муомилоти истифодаи натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ мегардад. Зарурати таъмини мувозинат, яъне ҳуқуқи ҳар кас ба дастовардҳои зеҳнӣ ва манфиатҳои эҷодкорони инфиродӣ ҳамчун як шарти ҳатмӣ барои ҷалби ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ ҳамчун объекти мустақил бо хусусиятҳои хоси худ хизмат мекард. Аз ҷумла, ҳуқуқҳои молумулкӣ ба натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ ба муомилоти маданӣ тавассути муомилоти одии ҳуқуқи маданӣ, инчунин сохторҳои ҳуқуқии хоси додани ҳуқуқ ва иҷозат ҷалб карда мешаванд» [126, с. 6].

Қобили тазаккур мебошад, ки дар ҳама маврид истеҳсолкунандагони сабти овозӣ мавриди ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқӣ қарор мегиранд ва ҳатто агар он объектеро, ки сабт карданд асар набошад маҳсуб нагардад ҳам. Хусусияти муҳими ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста ин огоҳӣ доир ба ба истеҳсолкунандаи фонограммаҳо ва иҷрогар дар самти ҳуқуқҳои вобастаи истисноии онҳо мебошад. Нишонаи ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста дар ҳар як нусха (копия)-и фонограмма ва ё дар ҳар як ғилофаки фарогири он ҷойгир карда мешавад.

Муҳаққиқони ватанӣ зикр менамоянд, ки дигар хусусияти ба ҳуқуқҳои вобаста хос, бо қонун муқаррар нагардидани анҷомдиҳии расмиёти ҳуқуқӣ мебошад. Бинобар ин, ҳуқуқҳои вобаста аз лаҳзаи факти офаридани объектҳои он ба вуҷуд меоянд. Дар ин маврид қонунгузор ба молики ҳуқуқҳои вобаста ҷиҳати аз ҳуқуқҳои худ огоҳ сохтани шахсони сеюм, имконияти истифодаи ҳифзи ин ҳуқуқҳоро кафолат медиҳад, ки аз се унсур иборат мебошад: ҳарфи лотинии «P» дар дохили доира (англисии Phonorecord); ном (унвони)-и соҳиби ҳуқуқҳои комили вобаста; соли аввали нашру истеҳсоли фонограмма [58, с. 89].

Ин ҳуқуқҳо табиати гуногун доранд. Таҳиягарони фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ аслан фаъолияти техникиро иҷро мекунанд. Фаъолияти иҷрогарон бошад, бештар хусусияти эҷодӣ дорад, вале дар натиҷаи ин фаъолият асари нав офарида намешавад.

Новобаста аз ин, ҳуқуқҳои мазкур бо ҳуқуқҳои муаллиф дар вобастагӣ ва алоқамандӣ қарор доранд. Барои ҳамин ҳам, онҳоро ҳуқуқҳои «вобаста ба он» (Neighbouring Rights) ё худ ҳуқуқҳои «муҷовир» меноманд. Масалан, иҷрогар танҳо дар мавриди риоя намудани ҳуқуқҳои муаллифи асари иҷрошаванда ҳуқуқҳои худро амалӣ сохта метавонад. Ё ин ки таҳиягари фонограмма дар асоси шартнома бо муаллифи асари дар фонограмма сабтгардида ҳуқуқҳои худро татбиқ менамояд.

Ҳуқуқҳои вобаста ба он мустақил низ буда метавонанд. Масалан, ҳангоми намоиш додани асари ҳифзнашаванда тавассути кабел.

Ба маънои айнӣ ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳамчун яке аз падидаҳои ҳуқуқи маданӣ фаҳмида мешавад.

Ба сифати субъектони ҳуқуқҳои вобаста ба он иҷрогарон, таҳиягарони фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ баромад мекунанд. Азбаски ҳаҷми ҳуқуқҳои ин субъектҳо гуногун аст, дар ин ҷо онҳо ба таври алоҳида тавсиф мешаванд.

Мутобиқи м. 32 Қонуни муаллифӣ, субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он инҳоянд: иҷрогарон, таҳиягарони фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ.

Таҳиягарони фонограмма, инчунин ташкилотҳои пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳуқуқҳои дар ҳамин Қонун пешбинишударо танҳо дар ҳудуди он ҳуқуқҳое амалӣ менамоянд, ки тибқи шартнома бо иҷрогар ва муаллифи асаре, ки дар фонограмма сабт гардидааст ё тавассути воситаҳои эфирӣ ё кабелӣ пахш мешавад, ба онҳо дода шудаанд.

Ҳамзамон, ҳангоми истифодаи асари саҳнавӣ, танҳо гирифтани ризоияти режиссёри таҳиягар кофӣ набуда, ҳамчунин розигии иҷрогарони нақшҳо ва муаллифи асари иҷрошаванда зарур мебошад.

Иҷрогар ҳуқуқҳои дар Қонуни муаллифӣ зикршударо танҳо бо шарти риояи ҳуқуқи муаллифи асаре, ки иҷро мегардад, амалӣ карда метавонад.

Иҷрогар, истеҳсолкунандаи фонограмма, инчунин ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳуқуқ доранд, ки барои гирифтани шаҳодатнома оид ба бақайдгирии ҳуқуқҳои вобаста ба онҳо, дар ҳар вақти давоми муҳлати ҳифзи ин ҳуқуқҳо, бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор бақайдгириро анҷом диҳанд.

Доираи шахсоне, ки метавонанд соҳиби ҳуқуқҳои вобаста бошанд, вобаста ба объектҳои ин ҳуқуқҳо муайян мегардад. Бо дарназардошти хусусияти объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, қонунгузор субъектҳои ин ҳуқуқҳоро иҷрогарон, таҳиягарони фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ё кабелӣ эътироф намудааст.

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни мазкур, мафҳуми «иҷрогар» се гурӯҳи шахсонро дар бар мегирад, аз ҷумла санъаткорон, коргардонони басаҳнагузоранда ва дирежёрҳо. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мегардад, ки мансуб донистани коргардони басаҳнагузоранда ва дирежёр ба иҷрогарон хусусияти шартӣ дорад [129, с. 69]. Сабаби ин дар он аст, ки онҳо, махсусан коргардони театрӣ, балетмейстер, басаҳнагузорандаи рақс ва шахсони ба ин монанд, бевосита дар иҷрои асар иштирок намекунанд, ҳарчанд маҳз тавассути фаъолияти эҷодии онҳо асари пурраи саҳнавӣ ташаккул мeёбад.

Иҷрогарони аслӣ шахсоне ба ҳисоб мераванд, ба монанди актёр, овозхон, мусиқинавоз, раққос (раққоса) ё дигар нафароне, ки нақш меофаранд, суруд ё матн мехонанд, суханронӣ мекунанд, асбоби мусиқӣ менавозанд ё бо дигар роҳҳо асарҳои адабиёт ва санъат, аз ҷумла барномаҳои эстрада, сирк, лӯхтакӣ ё ифодаҳои фолклориро иҷро менамоянд.

Аз меъёрҳои Қонуни амалкунанда бармеояд, ки коргардони басаҳнагузорандаи асарҳои аудиовизуалӣ, инчунин барандагон ва варзишгарон ба сифати иҷрогар эътироф намешаванд. Ин бо он асос меёбад, ки коргардони асарҳои аудиовизуалӣ субъекти ҳуқуқи муаллифӣ ба шумор рафта, барандагон ва варзишгарон бошанд, асарҳои эҷодиро иҷро намекунанд.

Иҷрогар дорои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ мебошад. Ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии иҷрогар ҳуқуқ ба ном ва ҳуқуқи ҳифзи иҷро ё намоиш аз ҳар гуна таҳриф, тағйир ё дахолате, ки метавонад ба шаъну эътибори ӯ зарар расонад, дохил мешаванд.

Манфиатҳои молумулкии иҷрогар тавассути ҳуқуқи истисноии истифодаи иҷро ё намоиш дар ҳама гуна шаклу тарзҳо таъмин мегарданд. Ба ин, аз ҷумла, ҳуқуқи гирифтани ҳаққи қалам барои ҳар як усули истифодаи иҷро ё намоиш дохил мешавад.

Иҷрои дастаҷамъии асар байни иҷрогарон муносибатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки аз ҷиҳати моҳият ба ҳаммуаллифӣ нисбати асар монанд мебошанд. Дар чунин ҳолат, иҷрогарон ҳуқуқҳои вобастаи худро дар асоси созиш ва ризоияти мутақобил амалӣ менамоянд. Дар амал, ҳуқуқҳои вобастаи дастаҳои калони иҷрогарон, аз қабили хор, оркестр ва гурӯҳҳои монанд, аз номи онҳо аз ҷониби дирежёр, коргардон, овозхони асосӣ ё роҳбари даста татбиқ карда мешаванд. Ҳудуди ваколати ин шахсон дар шартномаҳои байни иҷрогарон ба таври мушаххас муайян мегардад.

Истеҳсолкунандаи фонограмма шахси воқеӣ ё ҳуқуқие ба ҳисоб меравад, ки ташаббус ва масъулияти ибтидоии сабти овозии иҷро, дигар овозҳо ё инъикоси овозҳоро ба зимма мегирад. Дар сурати мавҷуд набудани далелҳои дигар, истеҳсолкунандаи фонограмма шахсе эътироф мешавад, ки ном ё унвони ӯ дар худи фонограмма ё дар ғилоф (ҷилди) он ба таври маъмулӣ нишон дода шудааст.

Ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун ташкилотҳое эътироф мегарданд, ки асарҳо, фонограммаҳо, иҷроҳо, намоишҳо ва барномаҳоро тавассути воситаҳои алоқаи бесим ё кабелӣ, сим, нахи оптикӣ ва дигар технологияҳои монанд ба омма мерасонанд. Ин ташкилотҳо дорои қобилияти махсуси ҳуқуқӣ буда, фаъолияти худро дар асоси иҷозатнома анҷом медиҳанд.

Ҳангоми бастани шартнома оид ба сабти иҷро ё намоиш ба фонограмма, ҳуқуқҳои дахлдор ба истеҳсолкунандаи фонограмма мегузаранд. Бо вуҷуди ин, иҷрогар ҳуқуқи гирифтани ҳаққи қаламро барои ба кироя додани нусхаҳои чунин фонограмма нигоҳ медорад. Ҳамчунин, паҳн намудани нусхаи асл ё нусхаи иҷрое, ки дар фонограмма сабт шудааст, тавассути фурӯш ё дигар шаклҳои таҳвили ҳуқуқи моликият иҷозат дода мешавад. Агар нусхаи асл ё нусхаҳои қонунан нашршудаи фонограмма аллакай тавассути фурӯш ё дигар роҳҳои қонунии таҳвили ҳуқуқи моликият ба муомилоти шаҳрвандӣ ворид гардида бошанд, паҳнкунии минбаъдаи онҳо бе гирифтани иҷозати иҷрогар ва бе пардохти ҳаққи қалам мумкин мебошад.

Ғайр аз ин, иҷрогар ҳуқуқ дорад, ки иҷро ё намоиши дар фонограмма сабтшударо барои истифодаи интерактивӣ ба маълумоти умум расонад, инчунин онро дар фазои рақамӣ ба тавре ҷойгир намояд, ки ҳар як истифодабаранда дар реҷаи вақти воқеӣ мутобиқи интихоби шахсии худ ба он дастрасӣ пайдо кунад.

Иҷрогар метавонад аз дигар ҳуқуқҳое низ истифода намояд, ки ба ӯ имконияти истифода ва назорати истифодаи иҷро ё намоишро фароҳам меоранд.

Ҳуқуқи комили иҷрогар ба ҳолатҳое зерине, ки Қонун пешбинӣ намудааст, татбиқ намегардад. Аз ҷумла, дар ҳолате ки сабти аввалини фонограмма хусусияти тиҷоратӣ надошта бошад, ҳуқуқи комили иҷрогар маҳдуд мегардад. Зеро, мутобиқи меъёрҳои Қонуни муаллифӣ, новобаста аз он ки ҳуқуқи моликият ба нусхаҳои фонограмма ба кӣ тааллуқ дорад, истеҳсолкунандаи фонограмма ҳуқуқи паҳн намудани нусхаҳои онро тавассути ба кироя додан нигоҳ медорад. Ин ҳуқуқ, мисли дигар ҳуқуқҳои истисноии ба истеҳсолкунандаи фонограмма тааллуқдошта, метавонад тибқи шартнома ба шахсони сеюм гузаронида шавад.

Монанди истеҳсолкунандагони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ низ фаъолияти мустақими эҷодӣ анҷом намедиҳанд, балки ба

дастраси омма расонидани барномаҳоро тавассути эфир ё кабел, ки бештар хусусияти техникиро дорад, таъмин менамоянд. Барои таҳия ва пахши барномаҳои радио ва телевизион хароҷоти молиявии назаррас сурат мегирад, ки бояд ҷуброн карда шавад. Таъмини чунин манфиат танҳо тавассути татбиқи ҳуқуқи инҳисорӣ ба истифодаи барномаҳо имконпазир мебошад. Бо дарназардошти ин ҳолат, Қонуни муаллифӣ ба ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳуқуқи комили истифодаи барномаҳои худро дар ҳама гуна шакл, инчунин ҳуқуқи додани иҷозат барои истифодаи онҳо ва гирифтани ҳаққи қалам барои чунин иҷозатро кафолат медиҳад. Ин ҳуқуқ ба ҳамаи барномаҳое паҳн мегардад, ки ё аз ҷониби худи ташкилот офарида шудаанд ё бо фармоиш ва аз ҳисоби маблағҳои он аз ҷониби дигар ташкилот таҳия гардидаанд.

Ҳуқуқи комили ташкилоти пахши эфирӣ барои додани иҷозат ба истифодаи барнома иҷозати анҷом додани амалҳои зеринро дар бар мегирад: 1) дар айни вақт аз тарафи ташкилоти дигари пахши эфирӣ ба эфир додани барномаҳои он; 2) ба омма дастрас кардани барнома ба воситаи кабел; 3) сабти барнома; 4) таҷдиди сабти барнома; 5) ба омма дастрас кардани барнома дар ҷойҳое, ки даромад пулакӣ аст; 6) тавассути фурӯш, ба кироя додан ё ба тарзи дигари таҳвили ҳуқуқи моликият дар байни омма паҳн кардани сабти барнома ё нусхаҳои сабти барнома.

Ҳуқуқи комили ташкилоти пахши кабелӣ барои додани иҷозат ба истифодаи барнома инчунин анҷом додани амалҳои зеринро фаро мегирад: 1) дар айни вақт аз тарафи ташкилоти дигари пахши кабелӣба воситаи кабел ба омма дастрас кардани барномаҳои худ; 2) ба эфир додани барнома; 3) сабти барнома; 4) таҷдиди сабти барнома; 5) ба омма дастрас кардани барнома дар ҷойҳое, ки даромад пулакӣ аст; 6) тавассути фурӯш, ба кироя додан ё ба тарзи дигари таҳвили ҳуқуқи моликият дар байни омма паҳн кардани сабти барнома ё нусхаҳои сабти барнома.

Ин ҳуқуқҳо, ба истиснои ҳуқуқи ба кироя додан, нисбат ба сабти барнома ё нусхаҳои сабти барнома, ки бо иҷозати ташкилоти пахши эфирӣ ё

кабелӣ тавассути фурӯш ё дигар шаклҳои таҳвили ҳуқуқи моликият ба муомилоти маданӣ ворид гардидаанд, қатъ мегарданд. Ҳуқуқи ба кироя додан бошад, новобаста аз он ки ҳуқуқи моликият ба сабти барнома ё нусхаҳои он ба кӣ тааллуқ дорад, ҳамеша ба ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ тааллуқ дошта, аз ҷониби онҳо амалӣ мегардад.

Ҳуқуқи комили ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ, ки дар банди 4 моддаҳои 36 ва 37 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, дар баъзе ҳолатҳо татбиқ намешаванд. Аз ҷумла, ин ҳуқуқҳо дар сурате амалӣ намегарданд, ки сабти барнома бо ризоияти худи ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ анҷом дода шуда бошад, ё таҷдиди барнома барои ҳамон мақсадҳое сурат гирифта бошад, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 41 Қонуни болозикр сабти он иҷозат дода шудааст.

Таҳиягарони фонограмма ва инчунин ташкилотҳои пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳуқуқҳои дар қонуни муаллифӣ зикршударо танҳо дар ҳудуди он ҳуқуқҳое татбиқ менамоянд, ки тибқи шартнома бо иҷрогар ва муаллифи асаре, ки дар фонограмма сабт гардидааст ё тавассути воситаҳои эфирӣ ё кабелӣ пахш мешавад, ба онҳо дода шудаанд.

Иҷрогар, истеҳсолкунандаи фонограмма, инчунин ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳуқуқ доранд, ки барои гирифтани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии ҳуқуқҳои вобаста, дар ҳар вақти давоми мӯҳлати ҳифзи ин ҳуқуқҳо, бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор бақайдгирии асарро анҷом диҳанд.

Ҳуқуқҳои комили вобастаро метавон дар асоси шартномаҳо ба истифодаи шахсони манфиатдор таҳвил дод. Гарчанде ки Қонуни тафсиршаванда шартномаҳо оид ба истифодаи ҳуқуқи комили вобастаро ба таври махсус танзим накардааст, чунин муносибатҳоро метавон дар асоси қиёси қонун ва бо татбиқи қоидаҳои шартномаи муаллифӣ ба танзим даровард. Дар таҷрибаи қонунгузории баъзе давлатҳо бошад, шартномаҳои

бегонакунӣ ва иҷозатномадиҳии ҳуқуқи комили вобаста ба таври махсус муқаррар карда шудаанд.

Мутобиқи м. 32 Қонуни муаллифӣ «ба сифати субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он - инҳо баромад мекунанд: таҳиягарони фонограмма ва ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳуқуқҳои худро, ки дар ҳамин қонун зикр гардидаанд, дар доираи ҳуқуқҳое, ки тибқи шартнома бо иҷрогар ва муаллифи асари дар фонограмма сабтгардида, ё бо васоили эфирӣ ё кабелӣ пахшшаванда соҳиб мешаванд, татбиқ мекунанд. Барои истифодаи асари саҳнавӣ танҳо ризоияти режиссёри таҳиягар кофӣ набуда, ризоияти иҷрогарони нақшҳо ва худи муаллифи асари иҷрошаванда низ зарур аст» [40, с. 111].

Иҷрогар ҳуқуқи зикргардидаро дар мавриде амалӣ месозад, ки ҳуқуқи муаллифи асари иҷрошавандаро риоя намояд.

Ҳамин тариқ ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф гуфта, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии субъектонеро меноманд, ки онҳо дар заминаи объекти ҳуқуқи муаллиф ё бидуни он натиҷаи фаъолияти зеҳниеро ба вуҷуд оварадаанд ва онҳо тибқи қонунгузорӣ муқаррар ва ҳифз карда мешаванд.

## 1.2. Асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста

Дар баробари ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат қонунгузории ҳуқуқи муаллифӣ ҳуқуқҳои иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкили намоиши эфирӣ ва намоиши кабелӣ, офарандагони манбаи маълумот паҳкунандагони асарҳо, ки ба боигарии ҷамъиятӣ гузаронида шудаанд, эътироф ва ҳимоя менамояд.

Ҳуқуқҳои шахсони номбурда аз сабаби ба ҳуқуқҳои муаллифӣ наздик ва алоқаманд буданашон, ҳуқуқҳои вобаста ба он номида шудааст. Аз ин рӯ, ҳуқуқҳои вобаста ба он дар ҳудуди ҶТ аз соли 1992 ҳимоя карда шуда,

минбаъд дар Қонуни муаллифӣ аз соли 1998 рушду инкишофи худро ёфт. Қонунгузории ҶТ дар баробари ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқҳои муаллиф, инчунин ҳуқуқҳои вобаста ба онро низ ҳифз намудааст. Дар қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқҳои вобаста ба он як боби алоҳида (боби 3 аз м.м. 30 то 42) дар Қонуни муаллифӣ муқаррар гардидааст.

Дар зери мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳуқуқҳои иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкили пахши намоиши эфирӣ ва кабелӣ фаҳмида мешавад. Аз таҳлили адабиётҳои илмӣ бармеояд, ки ин мафҳумро набояд ҳамчун таърифи қатъии ҳуқуқӣ арзёбӣ намуд, зеро он хусусиятҳои моҳиятии падидаи ҳуқуқиро инъикос намекунад ва бештар ҳамчун як номи шартии умумӣ барои доираи муайяни объектҳое хизмат мекунад, ки дар доираи ҳуқуқҳои вобаста ҳифз мегарданд. Дар асл сухан «на дар бораи мафҳуми расмӣ, балки дар бораи рӯйхати функсионалии категорияҳои иштирокчиёни раванди эҷодӣ ва натиҷаҳои фаъолияти онҳо меравад, ки қонунгузор нисбати онҳо илова бар ҳуқуқҳои анъанавии муаллифӣ ҳимояи махсуси ҳуқуқиро муқаррар намудааст» [55, с. 24].

Инкишофи ин консепсияи ҳуқуқӣ ба таҳавуллоти таърихии усулҳои сабт, намоиш ва интиқоли овозу тасвир вобаста мебошад, ки дар натиҷаи он зарурати ҳимояи манфиатҳои иштирокчиёне ба миён меояд, ки дар фаъолияти коркард ва паҳнсозии асарҳои фарҳангӣ дорои саҳми арзандаи эҷодӣ, ташкилӣ ё сармоягузорӣ мебошанд. Маҳз ба ҳамин хотир феҳристи объектҳое, ки зери мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста муттаҳид карда мешаванд, ҳам натиҷаҳои инфиродии эҷодӣ (иҷрои асар аз ҷониби ҳунарманд), ҳам натиҷаҳои хусусияти истеҳсоливу техникидошта (фонограммаҳо) ва ҳам амалиётҳои ташкилии барои расонидани асарҳо ба шунавандагон равонашударо (фаъолияти ширкатҳои телевизиону радио ва операторони шабакаҳои кабелӣ) дар бар мегирад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, №726 санади қонунгузории махсус дар танзими

муносибатҳо вобаста ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба шумор меравад ва муносибатҳои ҳангоми офаридан ва истифодаи асарҳои илм, адабиёт ва санъат (ҳуқуқи муаллиф), фонограмма, иҷро, намоиш ва барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ (ҳуқуқҳои вобаста ба он) баамалояндаро танзим менамояд.

Дар Қонуни мазкур масъалаҳои умумӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, аз ҷумла қонунгузории ҶТ дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, мафҳумҳои асосӣ, инчунин ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои вобаста ба он, идораи дастҷамъии ҳуқуқҳои молумулкӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва вобаста ба он дар доираи бобҳои алоҳида мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Доир ба масъалаҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Қонуни болозикр боби алоҳида, махсусан боби 3 бахшида шудааст, ки дар доираи м.м. 30-42 масъалаҳои соҳаи амали ҳуқуқҳои вобаста ба он, объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он, субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он, аломати ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳуқуқҳои иҷрогар, ҳуқуқи истеҳсолкунандаи фонограммаҳо, ҳуқуқҳои ташкилоти пахши эфирӣ мавриди танзим қарор дода шудаанд.

Ба Қонуни болозикр бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, рушд ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ратификатсияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ панҷ маротиба дар солҳои 2003, 2006, 2009, 2014, ва 2018 тағйиру иловаҳои мушаххас ворид ва муносибатҳо дар ин соҳа таҳким дода шудаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ, бо тағйир ёфтани муносибат нисбат ба арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён омад. Ин санадҳо барои ташаккули механизмҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин барои таъмини волоияти қонун заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварданд.

Таъмини волоияти қонун дар ҷумҳурӣ, чун дар аксари давлатҳои ҳуқуқбунёд, яке аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин раванд тамоми

соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро фаро гирифта, ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон равона шудааст. Дар ҳамин замина, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бидуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятие, ки хусусияти ҳуқуқӣ доранд, ғайриимкон буда, ин танзим дар қабулу татбиқи қонунҳо ифодаи худро пайдо намудааст.

Ислоҳоти ҳуқуқие, ки дар солҳои истиқлолият амалӣ гардиданд, дар баробари қабули Конститутсияи ҶТ, қабули як силсила қонунҳоро низ пешбинӣ намуданд, ки ҳадафи онҳо таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми фаъолияти эҷодӣ қабул карда шуд.

Меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба танзими муносибатҳои ҷамъиятие равона гардидаанд, ки дар раванди эҷод ва истифодаи асарҳои илм, адабиёт ва санъат, инчунин фонограммаҳо, иҷроҳо, намоишҳо ва барномаҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, Қонуни мазкур ягона манбаи танзими муносибатҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он набуда, чунин муносибатҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба танзим даровarда мешаванд.

Илова бар ин, танзими муносибатҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он тавассути санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби ҶТ эътироф шудаанд, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Мазмуни ин санадҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» инъикоси худро ёфтааст.

Дар назарияҳои илмӣ ва низоми қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ ба сифати объектҳои ҳуқуқҳои вобаста намоишҳо, иҷроҳо, фонограммаҳо, барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ сарфи назар аз таъинот, мазмун ва қимматашон, ҳамчунин сарфи назар аз тарзу шаклҳои ифодаи онҳо

фаҳмида мешавад. Ин гуна мустаҳкамсозии ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузорӣ баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он заминаи зарурӣ фароҳам оварда, амалишавии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба онро таъмин месозад. Чунин тарзи муносибат инъикоскунандаи кӯшиши қонунгузор баҳри таъмини ҳифзи пурра ва ҳамаҷонибаи ҳама намудҳои натиҷаҳо ҳангоми расонидани асарҳо ба шунавандагон, новобаста аз дараҷаи саҳми эҷодӣ ё хусусияти технологӣ бавуҷудомада, мебошад. Муайян намудани фаҳмиши ҳуқуқҳои вобаста дар сатҳи қонунгузорӣ заминаи устувори меъёриро барои танзими муносибатҳои ҷамъиятие фароҳам меорад, ки дар соҳаи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии ба ҳуқуқи муаллифӣ вобастабуда фароҳам меорад. Он ба танзими ҳуқуқии самаранокии ҳамгирой байни муаллифон, иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахшкунанда мусоидат намуда, ба ташаккули механизмҳои шаффофи истифода ва тақсими даромад, ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни раванди эҷодӣ мусоидат менамояд.

Тавассути чунин эътирофи қонунгузорӣ амалӣ гардидани ҳуқуқҳои вобаста ба таври комил имконпазир мегардад, ки ин на танҳо сатҳи ҳимояи ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти зеҳниро боло мебардорад, балки рушди соҳаи фарҳанг, бахши медиа ва касбҳои эҷодиро таъмин менамояд. Дар натиҷа асоси ҳуқуқие ташаккул меёбад, ки дар он манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён таъмин гардида, муомилоти натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ таҳким ёфта, шароит барои рушди минбаъдаи низоми миллии ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқӯқҳои вобаста фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 1235 КМ ҶТ мафҳуми моликияти зеҳниро бевосита муайян кард, ки тибқи он «Моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва (ё) шахсии ғайри молумулкӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокдорони муомилоти маданӣ, фардикунонии мол, кор ё хизматрасонӣ (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошанд». Ҳамин тавр мазмуну мундариҷа, асоси

бавуҷудой, тартиби амалисозӣ ва қатъ гардидани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дар нисбати объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ бо КМ ҶТ ва дигар қонунҳо муайян карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки КМ ҶТ намудҳои асосии объектҳои моликияти зеҳниро муқаррар менамояд ва ибтидои умумии танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии бо онҳо алоқамандро муайян мекунад [2].

Дар м. 1236 КМ ҶТ объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ номбар карда шудаанд. Меъёрҳои м. 1241 Кодекси мазкур муқаррар менамояд, ки дорандаи ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ ҳамчунин ҳуқуқҳои вобаста «ҳақ доранд бо салоҳияти худашон истифодабарии объекти мувофиқи моликияти зеҳниро бо ҳама гуна тарз ва дар ҳар гуна шакл, агар бо Кодекси мазкур ё дигар қонунҳо манъ карда нашудааст, амалӣ созанд, иҷозат ё манъ намоянд». Минбаъд қонун муайян намуд, ки ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбат ба объектҳои моликияти зеҳнӣ «метавонанд ба як ё якчанд шахсон якҷоя мансуб бошанд». Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонун пешбинӣ шудаанд, «ҳуқуқҳои молумулкӣ дар нисбати як худи ҳамон объекти моликияти зеҳнӣ метавонанд ба шахсони мухталиф мансуб бошанд ва новобаста аз ҳамдигар амалӣ шаванд».

Бевосита ҳуқуқҳои вобаста дар боби сеюми Қонуни муаллифӣ бо чунин унвон: «Ҳуқуқҳои вобаста ба он», мустаҳкам карда шудаанд [10]. Бояд зикр намуд, ки агарчӣ дар Қонуни мазкур нисбатан мушаххас ҳуқуқҳои вобаста, чӣ умумӣ ва чӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои татбиқи онҳо дар соҳаҳои алоҳида, масалан соҳаи амал, объектҳо ва субъектҳо, аломати ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста, ҳуқуқҳои иҷрогар, ҳуқуқҳои истеҳсолкунандаи фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ, масоили истифодабарии асарҳо ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста аз тарафи ашхоси дигар, таҷдиди асар ва фонограммаҳо бо мақсади шахсӣ ва дигар масъалаҳо мустаҳкам карда шуда бошанд ҳам, қонунгузор мафҳуми умумии «ҳуқуқҳои вобаста»-ро равшан накардааст, ки ин дарки дуруст, татбиқ ва шарҳи онро боз ҳам душвортар мегардонад ва ин

ҳам ба он водор менамояд, ки мафҳуми зикршуда мавриди омӯзиши махсуси илмӣ-назариявӣ қарор дода шавад.

Ҳамзамон, масъалаҳои мубориза бо вайронкуниҳои ҳуқуқҳои муаллиф ва вобаста ба он мутобиқи қонунгузориҳои соҳавӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар КҶ ҶТ масъалаҳои ҷиноятии ҳуқуқҳои вобаста тибқи м. 156 танзим карда мешаванд, ки «Вайронкунии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ном дорад ва аз се қисм иборат аст [6]. Он чи ки ба қонунгузории маъмурӣ мансуб аст, мутобиқи КҲМ ҶТ боби 22 яъне «Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ» ҷудо шуда, аз ҳафт модда (м. 375-381) иборат аст ва ба масъалаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста бахшида шудааст [7].

Ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикргардида, баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба объект ва институтҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ санадҳои меъёрии зиёде дар ҶТ қабул гардидаанд.

– Қонуни ҶТ «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» аз 28 феврали соли 2004, №16 [11] - ин қонун муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба онҳо алоқамандро, ки бинобар офариниш, ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии намунаҳои саноатӣ дар қаламрави ҶТ ба миён меоянд, танзим мекунад;

– Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи муайян намудани мақоми давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироот ва кашфиёти махфӣ» - дар қарори мазкур мақоми ваколатдори давлатии ҳифзи ихтироот ва кашфиёти махфӣ муайян карда шудааст [19];

– Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Барномаи рушди неру ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020» - ин қарор бо мақсади рушди неру ва моликияти зеҳнии инсон ва шаҳрванд қабул карда шудааст [27];

– Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии ҶТ барои солҳои 2014-2020» - бо мақсади ба таври лозима

амалӣ гаштани Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии ҶТ қабул гардидааст [23];

– Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақали подоши хизматии эҷодкорони ҶТ» - бо мақсади ҳавасмандкунӣ ва ҳифзи иҷтимоии ашхосе, ки унвонӣ илмӣ ва эҷодкорӣ доранд, қабул карда шудааст [20];

– Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи андозаҳои ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои нашри асарҳои илм, адабиёт, санъат ва иҷрои фармоишҳо барои офаридани асарҳои драммавӣ, мусиқӣ, мусиқию драммавӣ ва адабӣ барои иҷрои оммавӣ ё барои ҳуқуқи иҷрои нахустини оммавии асарҳои интишорнаёфта» аз 1 августи соли 2006, №351 - бо мақсади ҳавасмандгардонии муаллифон қабул карда шудааст [25].

Дар Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии ҶТ барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 июни соли 2021, №210 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ мегардад, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ дар рушди низоми моликияти зеҳнӣ дар ҶТ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Аз ҷумла, ҶТ аъзои СУМЗ, Созмони умумиҷаҳонии савдо [50; 51], Ташкилоти патентии Авруосиё, Шурои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи моликияти зеҳнӣ мебошад. Айни замон, ҶТ ба 25 шартнома ва созишномаи бисёрҷонибаи байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳамроҳ шуда, як қатор шартномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ ва байниидоравиро ба имзо расонидааст.

Дар асоси талаботи қ. 3, м. 10 Конститутсияи ҶТ санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ, аз ҷумла қонунгузории моликияти зеҳниро ташкил медиҳанд. ҶТ аз ҷумлаи кишварҳоест, ки тамоми санадҳои асосии байналмилалии самти моликияти зеҳниро расман эътироф кардааст. Тоҷикистон имрӯз иштирокчии зиёда 1500 санадҳои байналмилалӣ вобаста

ба ҳуқуқи инсон, хусусан муҳимтарин санадҳои байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ, ки ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар доираи онҳо танзим карда шудааст, мебошад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии соҳаи моликияти зеҳнӣ махсусан ҳуқуқҳои вобаста, ки Тоҷикистон бештари онҳоро ратификатсия намудааст, инҳо ба шумор меравад:

– Конвенсияи Берн оид ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ (аз 9 сентябри соли 1886) [33];

– Конвенсия оид ба таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (аз 14 июли соли 1967) [35];

– Конвенсияи Женева оид ба ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо аз истифодаи ғайриқонунии фонограммаҳои онҳо (аз 29 октябри соли 1971) [37];

– Конвенсия оид ба ҳифзи манфиатҳои сарояндагон-иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилоти пахшкунанда (аз 14 июли соли 1967);

– Конвенсияи умумиҷаҳонӣ дар бораи ҳуқуқи муаллиф (аз 24 июли соли 1971);

– Аҳдномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба иҷро ва фонограммаҳо (аз 20 декабри соли 1996);

– Аҳдномаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф (аз 20 декабри соли 1996);

– Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) аз соли 1994 [38];

– Созишнома «Оид ба ҳамкориҳо доир ба мубориза ба хуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ (аз 6 марти соли 1998);

– Созишнома «Дар бораи нашри якҷояи маҳсулоти патентию иттилоотӣ дар дискҳои оптикии CD-ROM (аз 22 майи соли 2001);

– Созишнома «Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (аз 14 сентябри соли 1993) [36];

– Созишнома «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва таъсиси Шурои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ» (аз 19 ноябри соли 2010);

– Созишнома «Оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати таъсиси мубодилаи байнидавлатии иттилоот ва ташкили манбаи маълумоти миллии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (аз 29 сентябри соли 2010);

– Шартнома доир ба ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он (аз 24 сентябри соли 1993).

Яке аз асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобастаро дар шароити имрӯза ба накшагирии стратегӣ ташкил медиҳад. Дар ин замина ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 сентябри соли 2022, №483 Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2040 бо мақсади амалисозии ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар таҳия шудааст.

Инкишофи қонунгузории танзимкунандаи объектҳои моликияти зеҳнӣ тадриҷан бо мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва афзоиши аҳаммияти натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ барои иқтисоди миллии кишвар марҳила ба марҳила ва пайдарпай сурат гирифта истодааст. Маҳз дар ҷавоб ба ҳамин ниёзҳои бавуҷудомада маҷмӯи пурраи санадҳои меъёрии соҳавӣ қабул гардиданд, ки онҳо имконият доданд, то низоми мукаммал, муназзам ва ҳамоҳангшудаи танзими ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шавад. Ин низом ба ҳимояи ҳуқуқи муаллифон, ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаҳои эҷодӣ ва илмӣ-техникӣ мусоидат намуд.

Ин тарҳҳои қонунгузорӣ на танҳо заминаи ҳуқуқиро васеъ намуданд, балки ба сифати омили асосӣ барои навсозии ҳамаҷонибаи соҳаи моликияти зеҳнӣ баромад намуданд. Онҳо ба рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ такони нав бахшида, баланд шудани ҳифзи ҳуқуқии ихтироъкорон, муаллифон ва

таҳиягаронро таъмин намуда, ба таҳкими эътимоди сармоягузорон ва иштирокчиёни бозори инноватсионӣ мусоидат намуданд. «Дар натиҷа, низоми муосиру самарабахши танзимкунӣ ташаккул ёфт, ки ба дастгирии иқтисоди эҷодӣ, рушди иқтидори зеҳнии ҷомеа ва ҳамгироии фазои ҳуқуқии миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи моликияти зеҳнӣ равона шудааст» [61, с. 43].

Ҳанӯз нахустин маротиба соли 1995 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» [14] ва соли 1998 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» қабул карда шуд. Минбаъд қонунҳои ҶТ «Дар бораи ихтироъ» [12], «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» [11] (соли 2004), «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ» (соли 2006) [15], «Дар бораи тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ» [21], «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» [13] (соли 2008), «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» [22] (соли 2007) ва «Дар бораи ихтирооти махфӣ» [23] (соли 2010) қабул гардида, танзими пурраи объектҳои алоҳидаи муносибатҳои моликияти зеҳниро дар бар гирифт.

Дар шароти кунунӣ, худи қабули санади ягонаи кодификатсияшуда (дар шакли Кодекси маданӣ), ки ба танзими ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бахшида шудааст - ин инкишоф ва рушди соҳа буда, барои ҳифзи ҳуқуқии он кафолат медиҳад ва ҳамчун сарчашма ва пойдевори танзими ҳуқуқӣ баромад мекунад. Гузашта аз ин, «таҳияи чунин санади мукаммали меъёрии ҳуқуқӣ ба ташаккули низоми мунтаззам ва ҳамоҳанги қоидаҳои ҳуқуқӣ мусоидат карда, парокандагӣ ва мухолифтаҳои қонунгузории қаблиро бартараф менамояд». Кодификатсия имкон медиҳад, ки шаффофият ва пешбинишавандагии амалияи ҳуқуқмуайянкунӣ таъмин гардад, ки ин махсусан дар шароити рушди босуръати технологии муосир ва густариши фазои рақамӣ, ки дар он объектҳои нави ҳуқуқи зеҳнӣ ва моделҳои истифодаи онҳо ба вуҷуд меоянд, муҳим аст.

Мавҷуд будани Кодекси ягонаи маданӣ ҳамчунин заминаи заруриро барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ фароҳам оварда, мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқии миллиро ба стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи иқтисоди ҷаҳони муосир осон мегардонад. Ин, дар навбати худ, сатҳи эътимоди сармоягузоронро боло бурда, фаъолияти инноватсиониро ҳавасманд мегардонад, зеро муаллифон, таҳиягарони технология ва дигар субъектон боварӣ ҳосил мекунанд, ки манфиатҳои онҳо ба таври самаранок ҳифз карда мешаванд. Ҳамин тавр, «қабули санади кодификатсияшуда на танҳо натиҷаҳои рушди ҳуқуқиро мустаҳкам мекунад, балки барои ташаккули низоми ҳуқуқии муосири мутобиқшаванда ва устувор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ имкониятҳои навро фароҳам меорад» [93, с. 69].

Ғайр аз ин танзими муносибатҳои мухталифи моликияти зеҳнӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба чашм мерасад. Аз ҷумла, Кодекси гумрукии ҶТ аз 3 декабри соли 2004, №62 [8]; Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри 2021, №1844 [9]; Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017, №1417 [18] ва ғ.

Ҳамин тариқ, тибқи таҳлили қонунгузории ҶТ ба андешаи мо асосҳои ҳуқуқии танзими масоили ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузории ҶТ ба таври лозимӣ ва пурра ба танзим даровarда нашудааст ва баъзан ба талаботҳои муосири ин ҳуқуқҳо ҷавобгӯ нест.

Дар бисёр ҳолатҳо меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқҳои ба моликияти зеҳнӣ алоқаманд пароканда буда, дорои ҳамоҳангии дохилӣ намебошанд ва он усулҳои муосирро, ки имрӯз дар таҷрибаи байналмилалии ҳифзи моликияти зеҳнӣ истифода мешаванд, дар бар намегиранд. Ҳамаи ин боис мегардад, ки аксар вақт танзими ҳуқуқӣ ба воқеияти иқтисодии муосир мутобиқ намекунад. Ин ҳолат ҳалли фаврӣ, низомнок ва аз лиҳози техникӣ дурусти масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои вобастаро талаб мекунад.

Ҳамзамон, мавриди зикр аст, ки «заминаи меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки ба дақиқ муайян намудани дастгоҳи мафҳумӣ,

ҳамоҳангсозии меъёрҳо бо созишномаҳои байналмилалӣ ва эҷоди механизмҳои самараноки ҳимояи ҳуқуқҳои иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо» [47, с. 129], созмонҳои пахшкунанда ва дигар соҳибони ҳуқуқ равона карда шудаанд, ба такмили минбаъда ниёз доранд. Танҳо навсозии комплексии қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки низоми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда, амалнамоии пурраи он дар шароити табдилёбии рақамии ҷомеа таъмин гардад.

Бевосита дар шароити кунунӣ такмил додани низоми қонунгузорӣ бо назардошти ҳуқуқи ношир ба асарҳои илм, адабиёт ва санъат, ҳуқуқи таҳиягари манбаҳои маълумот, ҳуқуқи дар интернет гузоштан ва ҳифзи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста зарур аст. Ин ҳолатҳо дар қонунгузории ҶТ ифода нашудааст. Аз ҳамин ҷиҳат, доир ба ин се ҳолат мо пешниҳод дорем, ки меъёрҳо дар КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» пешбинӣ карда шаванд.

# БОБИ 2. НАМУДҲОИ ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА ВА РЕҶАИ ҲУҚУҚИИ ОНҲО

## 2.1. Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста

Асосҳои назариявии институти ҳуқуқҳои вобаста, аз ҷумла номгӯйи ҳуқуқҳои вобаста ва категорияҳои онҳо, инчунин доир ба объектҳо ва субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста то ҳанӯз дар адабиёти илмии ватанӣ таҳқиқотҳои комил анҷом дода нашудаанд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, бояд тавсифоти умумии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, намудҳои онҳо аз нуқтаи назари вазъу ҳолати онҳо дар ҶТ мавриди таҳлил қарор шавад.

Тибқи муқаррароти м 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳуқуқҳои вобаста ба ҳамаи намоишҳо, иҷроҳо, фонограммаҳо, барномаҳои ташкилот пахши эфирӣ ва кабелӣ сарфи назар аз таъинот, мазмун ва қиматашон, ҳамчунин сарфи назар аз тарзу шаклҳои ифодаи онҳо татбиқ мешаванд.

Дар моддаи зикршуда доираи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба муаллифӣ муайян карда шудааст. Қонунгузор ба таври равшан муқаррар намудааст, ки объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, аз ҷумла иҷроҳо, намоишҳо, фонограммаҳо ва барномаҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ, бидуни таваҷҷуҳ ба таъинот, мазмуну қиммат ва шаклу тарзи ифода, мавриди ҳифзи ҳуқуқӣ қарор мегиранд.

Бо ин тартиб, қонунгузор на танҳо навъҳои объектҳои ҳуқуқи вобастаро муайян намудааст, балки ҳамзамон тартиб ва доираи татбиқи ин ҳуқуқҳоро низ муқаррар кардааст.

Дар ҶТ намоишҳо, иҷроҳо, фонограммаҳо, инчунин барномаҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ, ки аз ҷониби шаҳрвандони ҶТ анҷом дода мешаванд, мавриди ҳимояи ҳуқуқӣ қарор мегиранд. Яъне мутобиқи

меъёрҳои қонун, объектҳои ҳуқуқҳои вобаста вобаста ба доштани мансубияти шаҳрвандии ҶТ ҳифз карда мешаванд.

Яке аз унсурҳои дигари ҳимояшавандаи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста маҳалли нашри онҳо ба ҳисоб меравад. Аз мазмуни моддаи 30 Қонуни мазкур бармеояд, ки чунин объектҳо бояд бори аввал дар ҳудуди ҶТ нашр гардида, баъдан таҳти ҳимояи ҳуқуқӣ қарор гиранд. Бо назардошти ин, зарур аст ҳар як объекти ҳуқуқҳои вобаста алоҳида баррасӣ карда шавад.

Намоиш ҳамчун ҳар гуна пешниҳоди асарҳо, иҷроҳо, намоишҳо ё барномаҳо аз ҷониби ташкилоти иттилоотӣ бевосита дар шакли асл ё нусхаи онҳо, ё тавассути экран бо истифода аз навор, слайд, кадр ё дигар воситаҳо ва амалҳо дар ҷойҳое муайян мегардад, ки иҷрои онҳо метавонад мустақиман қабул карда шавад. Дар чунин ҳолат, дар ҳамон маҳал ё маҳалҳо шахсоне иштирок мекунанд ё метавонанд иштирок дошта бошанд, ки аъзои оилаи муаллиф ё хешовандони ӯ намебошанд, новобаста аз он ки онҳо ҳамзамон дар як ҷой ҳузур доранд ё дар вақт ва ҷойҳои гуногун қарор мегиранд.

Ичро ҳамчун пешниҳод намудани асар, фонограмма, иҷро ё намоиш тавассути нақшофарӣ, сурудхонӣ, навохтани мусиқӣ, рақс, ё бо истифода аз воситаҳои техникӣ, аз қабили барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, телевизиони кабелӣ ва дигар васоили монанд амалӣ мегардад. Инчунин, нишон додани қисматҳо ё кадрҳои асари аудиовизуалӣ бо овоз ё бе овоз ба мафҳуми иҷро дохил мешавад. Дар ҷараёни иҷро тарзу услуби хоси иҷрогар инъикос меёбад, аммо барои ҳифзи чунин тарзу услуб мавҷудияти навгонӣ, нотакрорӣ ё фардияти махсус талаб карда намешавад.

Ичро, сарфи назар аз сифат, таъинот, мазмун ва арзиши он, ки омилҳои субъективӣ маҳсуб меёбанд, мавриди ҳимояи қонун қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳам иҷрои аз ҷониби шахсони касбӣ ва ҳам иҷрои иҷрогарони ҳаваскор дар як сатҳ таҳти ҳимояи қонун қарор мегиранд.

Фонограмма ҳар гуна сабти сирф овозии иҷроҳо ё дигар садоҳо, инчунин инъикоси онҳо ба ҳисоб меравад, ба истиснои он сабти овозе, ки қисми

таркибии асари аудиовизуалӣ мебошад. Зери мафҳуми «сабти фонограмма» сабти овозҳо ё инъикоси онҳо бо истифода аз воситаҳои техникӣ дар шакли муайяни моддӣ фаҳмида мешавад, ки имконияти дарк, таҷдид ва ё дастрас намудани онҳоро ба таври бисёркарата фароҳам меорад. Ҳама намуди фонограммаҳо, новобаста аз шакли моддӣ, сифати сабт, инчунин вобаста ба он ки дар онҳо иҷрои асари эҷодӣ ё дигар садоҳо, аз қабили овози ҳайвонот, паррандагон ва монанди инҳо сабт шудаанд, таҳти ҳимояи қонунӣ қарор мегиранд.

Объекти ҳуқуқҳои вобастаи барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ он барномаҳое ба шумор мераванд, ки аз ҷониби худи ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ таҳия шудаанд, ё бо фармоиш ва аз ҳисоби маблағу имкониятҳои он аз ҷониби ташкилоти дигар офарида гардидаанд.

Қонунгузор на танҳо объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро муайян намудааст, балки инчунин муқаррар кардааст, ки онҳо сарфи назар аз таъинот, мазмун, қиммат ва тарзу шаклҳои ифода эътироф карда мешаванд. Таҳти мафҳуми «таъинот» мақсади истифода ё амалигардонии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар назар дошта мешавад. Ба ибораи дигар, новобаста аз он ки чунин объектҳо бо кадом мақсад офарида шудаанд, онҳо аз ҷониби қонун эътироф мегарданд. Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста вобаста ба таъинот метавонанд мақсадҳои соҳибкорӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, таълимӣ ё тарбиявӣ дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, қонунгузории мазкур иҷозати истифодаи объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро бо мақсадҳои ҷиноятӣ пешбинӣ накардааст ва тибқи дигар санадҳои қонунгузорӣ чунин таъинот манъ мебошад.

Қонунгузор инчунин объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро сарфи назар аз мазмун эътироф менамояд. Дар ин маврид, зери мафҳуми «мазмун» моҳияти дохилии объектҳо, яъне он чизе, ки онҳо дар бар мегиранд, фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, объектҳои номбаршуда новобаста аз муҳтавиёт таҳти ҳимоя қарор мегиранд.

Ҳамчунин, қонунгузор ҳуқуқҳои вобастаро сарфи назар аз қиматаш эътироф намудааст. Таҳти истилоҳи қиматӣ қонунгузор арзиш, сифати объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро дар назар дорад. Яъне новобаста аз он ки иҷро, намоиш, фонограмма дорои чи гуна сифат (мусбӣ ва манфӣ), арзиш (нарх, иқтидор, баҳо) офарида шудааст, онро эътироф менамояд.

Вобаста ба тарзи ифода, яъне тарзи баён ва пешниҳоди худ, объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба шаклҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

–ба эфир додан ё тавассути воситаҳои кабелӣ ба омма дастрас намудани иҷро ё намоиш;

–сабти иҷро ё намоише, ки қаблан сабт нашуда буд;

–таҷдиди сабти иҷро ё намоиш;

–пахш ё намоиш додани сабти иҷро ё намоиш тавассути эфир ё кабел;

–ба кироя додани фонограммаҳои бо мақсади тиҷоратӣ нашршуда, аз ҷумла иҷро ё намоишҳое, ки бо иштироки мустақими худи иҷрогар анҷом дода мешаванд.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, №726 ва дар КМ ҶТ номгӯйи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ пешбинӣ карда шудаанд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» объектҳои ҳуқуқҳои вобаста чунин объектҳо эътироф шудаанд: намоишҳо, иҷроҳо, фонограммаҳо ва барномаҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ (объектҳои ҳуқуқҳои вобаста). Ба сифати субъекти ҳуқуқҳои вобаста бошад иҷрогарон, истеҳсолкунандаи фонограмма ва ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ муқаррар шудаанд [10].

Дар ин замина, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста» ҳамзамон, объектҳои ҳуқуқҳои вобаста «намоиш, иҷро, фонограммаҳо ва барномаҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ» [90, с. 47] муқаррар гардидаанд, вале дар қисми чоруми КГ ФР панҷ категория ё панҷ намуди ҳуқуқҳои вобаста, яъне ба се шакли дар боло

зикргардида зам карда шудааст: а) манбаи маълумот дар қисми ҳифз аз гирифтан ва истифодабарии ғайриқонунии такрории мазмуну таркиби маводҳои онҳо; б) асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, ки баъд аз ба дастоварди ҷамъиятӣ табдил ёфтан ва оммавӣ гардиданд, дар қисми ҳифзи ҳуқуқҳои ноширони чунин асарҳо (чун объектҳои ҳуқуқҳои вобаста) [30].

Мутобиқи сархати панҷуми м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» фонограмма ин «ҳар гуна сабти сирф овозии иҷроишҳо ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳо, ба ғайр аз сабти овоз, ки ба асари аудиовизуалӣ дохил карда шудааст» фаҳмида мешавад [10].

Сабт ин – «тасҳеҳи овозҳо (садоҳо) ва (ё) тасвирҳо ё ин ки инъикоси онҳо бо кумаки васоити техникӣ дар ягон шакли моддӣ, ки имконияти чандин маротиба такроран дарки онҳоро ва бознашр ё ин ки пахш шаванд, медиҳад», такроран истеҳсол кардани фонограмма - «истеҳсоли як ё якчанд нусхаҳои фонограммаҳо ё ин ки қисми он дар ҳама гуна васоити моддӣ, аз ҷумла нигоҳдории доимӣ ё муваққатии он дар хотираи МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ» [133, с. 120].

Иҷроиш чун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он - ин намоиши асар ба воситаи хондан, талаффуз намудан, суханронӣ, бозӣ кардан ва иҷроиши дигари асар мебошад. Ба ҳифзи ҳуқуқӣ на танҳо иҷроиши зинда, инчунин иҷроиши дар барандаи моддӣ сабтшуда дороанд. Дар ин ҳолат иҷроиш ҳама вақт хусусияти аниқ пайдо мекунад, аз ин сабаб ҳар як иҷроиши нав объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Лекин, агар иҷроиш дар ягон ҳомили моддӣ сабт шуда бошад, вай аз офарандаи худ «ҷудо» шуда, ҳаёти мустақилонаро оғоз мекунад.

Тибқи қонун на танҳо оқибати фаъолияти иҷрогарон - артистони касбӣ, балки ҳаваскорон низ ҳифз карда мешаванд. Қонун танҳо талаб мекунад, ки иҷроиш дар шакли дастрас, ки паҳнкунӣ ва азнавистеҳсоли онро ба ёрии воситаҳои техникӣ ифода менамояд, бояд имконият диҳад.

Дар асоси қонунгузории мадании давлатҳои мутараққии муосир ҳуқуқи ношир танҳо ба асарҳое, ки новобаста аз замони офарида шуданашон ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ эътироф карда шудаанд, паҳн мегардад. Дар айни ҳол ҳуқуқи ношир ба асар дар он ҳолате низ эътироф карда мешавад, ки агар асар аз тарафи ношир дар тарҷума ё дигар намуд коркард ва паҳн карда шуда бошад.

Нисбати нашри дигар маводҳо, ба монанди ҳуҷҷатҳои расмӣ, матни қадима ва ғайраҳо, ҳуқуқҳои вобаста ба он пайдо намешаванд. Инчунин, ҳуқуқи ношир ба асарҳое, ки дар бойгонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ё маҳаллӣ) ошкор карда шудааст, паҳн намегардад.

Дар охир, барои эътироф намудани ҳуқуқи вобаста ба ношир, зарур аст, ки вай дар навбати худ, талаботҳои қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ, номи муаллиф, дахлнопазирии асар, инчунин вайрон накардани ифодаи иродаи муаллифи асар, ки дар давраи ҳаёти ӯ паҳн нагардидааст, риоя карда шавад [30; 95 с. 226].

Ба ғайр аз ин, чӣ тавре мо мебинем объектҳои ҳуқуқҳои вобаста комилан натиҷаҳои мухталифи фаъолияти зеҳнӣ мебошанд. Онҳоро аз рӯйи аломати эҷодиёт муттаҳид кардан ғайриимкон аст. Онҳоро ҳамчунин мутобиқи субъекти ҳуқуқ ҳам муттаҳид кардан мумкин нест, зеро қисми ҳуқуқҳои вобаста аз ибтидо танҳо ба ашхоси воқеӣ мансуб буданд ва қисмати дигараш бошад танҳо ба ашхоси ҳуқуқӣ. Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста сарфи назар аз гуногуниашон дар ҳар давру замон ҳифз карда мешавад. Мазмун ва моҳияти асосии ҳуқуқи истисноиро дар нисбат ба истифодабарии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста бояд дар назар дошт, ки аз объекти мушаххас, хусусияти муайян, замина вобастагӣ дорад, ки дар маҷмуъ дигар объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро муттаҳид менамояд.

Ҳамчунин, иловатан зикр мекунем, ки дар кишварҳои гуногун номгӯйи субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста чун объектҳои ҳуқуқҳои вобаста мухталиф мебошад. Дар Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва як қатор

мамлакатҳои дигар субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста «иҷрогарон, коргардонҳо, яъне истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ» ба шумор меравindependent [90, с. 47; 146, с. 180]. Тибқи нуктаи назари М.А. Волков «дар ФР намудҳои субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста чунинанд: а) иҷрогарон, коргардонҳо-басаҳнагузорон ва дирижёрҳо; б) таҳиягарони фонограммаҳо; в) ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ; г) тайёркунандагони манбаи маълумот; д)ноширон. Бо вуҷуди ин мафҳуми субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста умуман ба таври зайл муайян карда мешавад: «инҳо шахсоне мебошанд, ки ба онҳо ҳуқуқҳои зеҳнӣ ба объекҳои ҳуқуқи вобаста ба муаллифӣ мансубанд» [105].

Муҳаққиқи ватанӣ Н.Ш. Қурбонализода дар таҳқиқоти худ зикр менамояд, ки ба ҳайси субъекти ҳуқуқҳои муҷовир иҷрокунандагоне шинохта мешаванд, ки ба қатори онҳо қонун овозхонон, дирижёрон, коргардонон-басаҳнагузорандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелиро дохил кардааст [137, с. 198]. Мавриди зикр аст, ки истилоҳи «ҳуқуқҳои вобаста» инчунин дар адабиёти илмӣ бо истилоҳи «ҳуқуқҳои муҷовир» ҳамчун ҳаммаъно истифода мегардад.

Ҳамзамон мавриди зикр аст, ки шахс метавонад субъекти ҳуқуқҳои вобаста дар асоси қонун, шартнома, дар натиҷаи ба мерос гирифтани ҳуқуқҳои шахсони фавтида ё шахсони ҳуқуқии азнавташкилшуда шавад.

Дар ин ҳолат истеҳсолкунанда танҳо дар доираи ҳуқуқҳои ба ӯ додашуда объектҳои номбурдаро дар намоиш истифода мебарад. Ҳуқуқҳои вобастаи истеҳсолкунандаи манбаи маълумот на он қадар бо ҳуқуқҳои муаллифӣ алоқамандӣ дорад.

Барои пайдоиш ва баамалбарории ҳуқуқҳои вобаста *қонун риояи ягон расмиятчигиро* талаб намекунад. Ҳуқуқҳои вобаста ба он худи ҳолати офаридани объекти муайянро тавлид намекунад. Дар айни ҳол, истеҳсолкунандаи фонограммаҳо ва иҷрогар, инчунин дигар дорандаи ҳуқуқ ба фонограмма ё иҷрокунӣ барои огоҳ намудани шахсони сеюм дар бораи

ҳуқуқҳои онҳо ва пешгирии вайронкунии ҳуқуқҳои онҳо, ҳуқуқ доранд. Бинобар он, дар ин ҳолатҳо ҳуқуқи истифодаи аломати махсуси ҳифзи ҳуқуқҳои вобастаро доро мегарданд.

Назар ба субъектҳои ҳуқуқи муаллифӣ, субъектҳои нахустини ҳуқуқҳои вобаста на танҳо шахсони воқеӣ, балки шахсони ҳуқуқӣ ҳам буда метавонанд. Субъектҳои дигар (ҳосилшуда)-и ҳуқуқҳои вобаста – ин шахсоне мебошанд, ки ба онҳо ҳуқуқҳои вобаста бо далелҳои мухталифи ҳуқуқии ҷойдошта ва аз ҷумла дар натиҷаи бастани шартнома гузаштаанд. Азбаски ҳуқуқҳои вобаста якчанд категорияҳои ҳуқукро фаро мегиранд, як объекти ҳуқуқҳои вобаста метавонад ба чанд субъект тааллуқ дошта бошад. Масалан, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии иҷрогар ҳама вақт танҳо ба худи вай мансуб буда метавонад, вале ҳуқуқҳои истисноӣ метавонанд ба корфармои иҷрогар ё истеъмолкунанда аз рӯйи шартнома доир ба бегонакунии ҳуқуқҳои истисноӣ мутааллиқ бошад [43, с. 142].

Ба ғайр аз ин субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста метавонанд дорандагони ҳуқуқи истисноӣ нисбат ба як объект бошанд. Чунин ҳолат имконпазир аст, вақте ки дар офаридани объекти моликияти зеҳнӣ чанд субъект ҷиҳати иҷро ва ё эҷоди ин ё он нақш ширкат варзиданд (масалан, гурӯҳи театрӣ). Дар чунин ҳолат ҳар як ширкаткунандаи гурӯҳ якҷоя бо дигарон дорои ҳуқуқҳои истисноӣ мебошанд. Вале дар бештари мавридҳо бинобар муносибатҳои меҳнатӣ ё шартнома доир ба бегона кардани ҳуқуқи истисноӣ, ин ҳуқуқ ба як шахс мегузарад. Ҳама чизи зикршуда доир ба ҳуқуқҳои вобаста боз ҳам ба хосияти муайянкунанда ва гуногунии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста нишон медиҳад, ки маҳз объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар тавсифот ва таснифоти субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста мавқеи муайянкунанда доранд.

Агар тавсифоти мухтасари субъектҳои ҳуқуқҳои вобастаро анҷом диҳем, чунин натиҷа ҳосил мешавад: 1) Дорандаи ҳуқуқ – ин шахсе, ки ба вай ҳуқуқи истисноии истифодабарии объекти ҳуқуқҳои вобаста мансуб мебошад. Маҳз дорандаи ҳуқуқ ҳақ дорад, ки ба ашхоси дигар ҷиҳати

истифодаи объекти ҳуқуқҳои вобаста ризоият диҳад ва ё истифодаи онро иҷозат надиҳад, ки дар ин замина маҳз бо соҳибҳуқуқ бастани шартномаҳои литсензионӣ ё дигар намуди шартномаҳо зарур мегардад; 2) Субъектҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ – иҷрогарон, коргардонҳо-басаҳангузорон ва дирижёрон; 3) Субъектҳои дигари ҳуқуқҳои вобаста – шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки ҳуқуқи бевосита талаб намудани нишондиҳии номи худ дар нусхаи объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро доранд; 4) Ворисони ҳуқуқӣ бошанд, субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста, ки ба онҳо ҳуқуқҳо дар асоси шартнома ва ба қувваи ҳуқуқӣ даромадани дигар далелҳои ҳуқуқӣ гузаштаанд. Дар мадди аввал ба ин гурӯҳи субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста меросгирандагони ҳуқуқҳои молумулкӣ шомиланд.

Ҳамчунин қайд мекунем, ки ҳуқуқҳои вобастаи иҷрогарон, коргардонҳо-басаҳнагузорон ва дирижёрҳо бо вуҷуди иҷрои ягон намуди асар (мусиқӣ, адабӣ, драмматургӣ ва ҳоказо) ба вуҷуд меоянд.

Иҷрогар – ин шахси воқеӣ, ки тавассути меҳнати эҷодиашон иҷро офарида шудааст. Дар асоси муқаррароти санадҳои қонунгузории соҳаи мазкур номгӯйи пурраи иҷрогарон муқаррар нагардидааст, аммо таҳлилҳо собит менамоянд, ки субъектҳои зерини ҳуқуқҳои вобаста мавҷуд мебошанд: а) ҳунармандон; б) овозхонон; в) мутрибон (навозандагон), г) раққосон, д) ҳунарпешагони сирк, е) дигар иҷрогарон. Масалан, иҷрогарон баъзе варзишгарон ҳам буда метавонанд, масалан, фигуристҳо. Ба барномаҳои мусобиқавии аз ҷониби иҷрошаванда ҳамчунин ҳуқуқҳои вобаста таъсир мерасонанд [46, с. 119].

Коргардон-басаҳнагузор – ин шахси воқеӣ, ки намоиши басаҳнагузории театрӣ, сиркӣ, эстрадӣ ва дигар маъракаи бошукӯҳро амалӣ мегардонад. Масалан, коргардонҳои чорабиниҳо доир ба ҷашни идҳои наврӯзӣ, истиқлолият ва ғ.

Албатта, субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста танҳо бо як худи иҷрогарон маҳдуд нестанд. Дар баробари иҷрогарон ҳамзамон таҳиягарони

фонограммаҳо низ ба сифати субъекти ҳуқуқҳои вобаста муайян карда шудаанд. Дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ ҳуқуқҳои вобаста нисбат ба таҳиягарони фонограммаҳо ҳам эътироф карда мешаванд. Тайёркунандаи фонограмма – ин шахси воқеӣ ё ин ки шахси ҳуқуқие, ки ба уҳдаи худ ҷавобгариро барои сабти аввали ягон намуди овозҳо (садоҳо) мегирад. Тайёркунандаи фонограмма объекти моддӣ – фонограммаро меофарад, ки бо ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ҳифз карда мешавад. Дар ҳолати мазкур бояд сабти ҳатмии асар (объекти ҳуқуқи муаллиф)-ро фарогир бошад.

Ҳуқуқҳои марбута нисбат ба сабти овозҳои табиат, садоҳо, ки ба таври худкор (автоматӣ) бо ёрии техникаи компютерӣ ва ҳоказо офарида шудаанд, низ паҳн мешаванд. Он чӣ мутааллиқ ба ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ (ташкилоти пахши барномаҳо) аст – ин шахси ҳуқуқӣ, ки дар эфир ё тавассути кабел барномаҳо ё хабареро дар радио ё телевизион пахш мекунад.

Ба воситаҳои техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳар як воситаи технологӣ, воситаҳои техникӣ ё қисматҳои он, ки ба воридшавӣ ба асар ё объектҳои вобаста ба онро назорат мекунад, эътироф карда мешавад. Нисбати асарҳо ва объектҳои ҳуқуқи вобаста ба он роҳ дода намешавад:

1) бе иҷозати дорандаи ҳуқуқ баамалбарории ҳаракатҳое, ки барои бартараф намудани маҳдудияти истифодаи асар ва объектҳои ҳуқуқи вобаста ба он, ки бо роҳи истифодаи воситаҳои техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он муқаррар карда шудааст;

2) тайёр намудан, паҳн кардан, ба прокат (киро) супоридан, ба истифодаи муваққатии ройгон пешниҳод намудан, содирот (импорт), рекламаи ҳар як технология, воситаҳои техникӣ ё қисматҳои он, истифодаи чунин воситаҳои техникӣ бо мақсади гирифтани фоида ё расонидани хизмати муайян, агар дар натиҷаи чунин амалҳо истифодаи ҳифзи техникии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ва ҳифзи матлуби онро таъмин кардан ғайриимкон менамояд.

Дар сурати содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои мазкур дорандаи ҳуқуқ метавонад аз шахси ҳуқуқпоймолкунанда бо интихоби худ талаб намояд, ки зарарро рӯпӯш намояд ё хароҷотҳои ӯро барқарор кунад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун истифодабарии асар ё объектҳои вобаста ба онро бе иҷозати дорандаи ҳуқуқ имконият дода бошад.

Ҳамзамон, нисбати асарҳо ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он иҷозат дода намешавад:

а) бе иҷозати дорандаи ҳуқуқ нобуд сохтан ё тағйир додани маълумот (иттилоот) дар бораи муаллиф ё ҳуқуқҳои вобаста ба он;

б) азнавистеҳсол, паҳнкунӣ, содирот (импорт) бо мақсади паҳнкунӣ, иҷроиши оммавӣ, ба воситаи эфир ё кабел намоиш додан, расонидани асар ва объектҳои ҳуқуқи вобаста ба маълумоти умум, ки нисбати онҳо бе иҷозати дорандаи ҳуқуқ маълумот оид ба асар ва объектҳои ҳуқуқи вобаста ба он нобуд ё тағйир дода шуда буд.

Содир кардани чунин ҳуқуқпоймолкунӣ ба монандӣ ҳуқуқвайронкунии ҳифзи воситаҳои техникӣ чораҷӯӣ карда мешаванд.

Ба андешаи Р.О. Оморов «мазмуну мундариҷаи асосии ҳуқуқҳои вобаста аз он иборат аст, ки аз ҷониби ашхоси сеюм истифода бурдани фонограммаҳо, барномаҳои радио ва телевизион, инчунин натиҷаҳои эҷодии иҷрогарон розигии ин ё он ҳунарпеша, ки иҷроро анҷом додааст ё худ ташкилоте, ки сабти овозро анҷом додааст ё радио ва муассисаи телевизионро тақозо дорад. Мазмуни ҳуқуқҳои иҷрогар, ҳуқуқи истеҳсолкунандаи фонограммаҳо, ба хусус ҳуқуқҳои истисноӣ «бо мазмуни худи ҳамин ҳуқуқҳо, ки ба муаллифон мансубанд, мувофиқат мекунанд» [86, с. 48-52]. Ҳуқуқҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ, ҳуқуқҳои ташкилотҳои пахши кабелӣ – ба ҳамдигар монанд ҳастанд.

Асосҳои кофии қонунӣ будани истифодаи ҳуқуқҳои вобастаро аз қонун муайян кардан мумкин аст. Дар маҷмуъ, ҳуқуқу манфиатҳои муайян барои

иҷрогар танҳо дар мавриде эътироф мегарданд, ки агар ҳуқуқи муаллиф (дорандаи ҳуқуқи муаллиф)-и асари иҷрошуда риоя гардад.

Ҳаёти воқеӣ ба чунин истифодабарандагони асар пешниҳод намудани ҳуқуқҳои махсусро талаб намуд, ки аз ҳуқуқҳои муаллиф вобаста бошанд ҳам, лекин ба ҳуқуқҳои муаллифони тибқи шартнома пешбинишуда, алоқамандӣ надорад. Дар шароити муосир, масоили баҳогузории махсусияти фаъолияти овозхонон-иҷрогарон мушкил бошад ҳам, аммо фаъолияти боссозон ва омодакунандаҳои фонограммаҳо, ҳамчунин ташкилотҳои намоишӣ - хусусияти эҷодӣ надорад: яъне онҳо асосан ба фаъолияти техникӣ машғуланд, ки дар натиҷаи он ягон асари нав офарида намешавад. Азбаски шабеҳии манфиатҳои ин муносибатҳо бо манфиати дорандагони ҳуқуқҳои муаллифии асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат баръало аён аст, ҳуқуқҳои шахсони мазкур одилона ҳуқуқҳои вобаста номида мешавад. Аммо чуноне мебинем, онҳо ба ҳуқуқи муаллифӣ ягон вобастагӣ надоранд.

Хусусияти хоси аксарияти ҳуқуқҳои вобастаи анъанавӣ ин аз ҳуқуқи офарандагони асарҳои эҷодӣ - чун маҳсул ва вобастаи он ҳисоб меёбанд. Танҳо дар ҳолатҳое, ки агар асарҳои қонунан ҳифзнашаванда ё объектҳои оқибати фаъолияти эҷодӣ ҳисоб наёфта, ба монандӣ: иҷро, сабти фонограммавӣ, барнома ё намоиши кабелӣ, офарида мешавад, ҳуқуқҳои вобаста хусусияти мустақил пайдо мекунад. Дар ин ҳолат истеҳсолкунанда танҳо дар доираи ҳуқуқҳои ба ӯ додашуда объектҳои номбурдаро дар намоиш истифода мебарад. Ба ақидаи олимони ватанӣ ҳуқуқҳои вобастаи истеҳсолкунандаи манбаи маълумот на он қадар бо ҳуқуқҳои муаллифӣ алоқамандӣ дорад [40, с. 129].

Ба андешаи мо истеҳсоли манбаи маълумот бо ҳуқуқи муаллифӣ алоқаи зич дорад. Масалан, агар ба манбаи маълумоти ҳуқуқии «АДЛИЯ» назар намоем, он ҷо ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷамъоварӣ шудаанд ва ҳифз карда мешавад. Аммо то ҳол дар қонунгузории ҶТ ба ҳайси объекти ҳуқуқҳои вобаста пазируфта шудани манбаи маълумот муқаррар нашудааст [155].

Таҳлили муқоисавии қонунгузории қонунгузории мадании кишварҳои ИДМ нишон дод, ки барои мукаммалгардонии самти таъминоти иттилоотонӣ ва танзими муносибатҳо оид ба ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузорӣ моддаҳои нави алоҳида, ҷой дода шаванд. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» меъёрҳои зерин илова карда шаванд:

Инчунин масъалаи ҳуқуқи истисноии истеҳсолкунандаи манбаи маълумот (м. $37^2$).

1. Истеҳсолкунандаи манбаи маълумот, ки истеҳсоли он (аз ҷумла, коркард ё пешниҳоди маводи дахлдор) хароҷоти зиёди молиявӣ, моддӣ, ташкилӣ ё дигар хароҷотро талаб мекунад, ҳуқуқи истисноии аз манбаи маълумот гирифтан ва истифодаи минбаъдаи онҳоро дар ҳама гуна шакл ва ҳар гуна роҳ (ҳуқуқи истисноии истеҳсолкунандаи манбаи маълумот) дорад. Истеҳсолкунандаи манбаи маълумот метавонад ҳуқуқи истисноии зикршударо ихтиёрдорӣ кунад. Дар сурати набудани далели дигар, манбаи маълумот, ки таъсиси он хароҷоти калонро талаб мекунад, ҳамчун манбаи маълумот, ки дорои на камтар аз даҳ ҳазор унсури (маводҳои) иттилоотии мустақил мебошад, ки мазмуни манбаи маълумотро ташкил медиханд, эътироф карда мешавад.

2. Ҳеҷ кас ҳуқуқи гирифтани маводҳо аз манбаи маълумот ва минбаъд истифодаи онҳоро бидуни иҷозати дорандаи ҳуқуқ надорад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур. Ҳамзамон, гирифтани маводҳо маънои интиқоли тамоми мундариҷаи манбаи маълумот ё як қисми муҳими маводи таркибии онро бо истифода аз ҳама гуна воситаҳои техникӣ ва дар ҳама гуна шакл ба интиқолдиҳандаи дигари иттилоот, дорад.».

Дар асоси гуфтаҳои болозикр ва бо дарназардошти, он ки қонунгузор дар ҶТ расман танҳо се объект ва се категорияи субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста, намудҳо, таркибу мундариҷаи ҳуқуқҳои вобастаро эътироф кардааст, онҳо бо ҳамдигар алоқаманд ва пайваст намебошанд. Ҳар яке аз ин намудҳои

ҳуқуқҳои вобаста: «Иҷро ва басаҳнагузорӣ «, «Фонограммаҳо «, «Пахши эфирӣ ва кабелӣ» дорои намудҳои объектҳои худ мебошанд. Мазмуну мундариҷаи категорияҳои зикршудаи ҳуқуқҳои вобаста дар зербобҳои дигари боби мазкур мутаносибан мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд.

Истифодаи озоди объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он. Манфиатҳои ҷамъиятӣ тақозо менамояд, ки дар баъзе ҳолатҳо хуқуқҳои иҷрогар, истеҳсолкунандаи фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ маҳдуд карда шаванд. Дар акси ҳол барои инкишофи илму маориф ва паҳншавии иттилоот монеаҳо ба вуҷуд меоянд. Аз ин ҷо, маҳдудиятҳо дар ҳуқуқҳои иҷрогар, таҳиягари фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ амри зарурат аст.

Манфатҳои соҳибони ҳуқуқҳои вобаста ба онро ба назар гирифта, қонунгузор доираи чунин маҳдудиятҳоро дақиқан пешбинӣ кардааст. Пас, бе ризоияти иҷрогар, таҳиягари фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ва бе пардохти ҳаққи қалам истифодаи иҷро, барномаҳои эфирӣ ё кабелӣ, сабти онҳо, ҳамчунин таҷдиди фонограмма танҳо дар ҳолатҳои истиснoии пешбининамудаи қонун мумкин аст. Ба ҷумлаи ин ҳолатҳо дохил аст:

1) барои ба хулосаҳои ҳодисаҳои ҷорӣ дохил кардани порчаҳои хурди иҷро, фонограмма, барномаҳои эфирӣ ва кабелӣ истифода намудани иҷро, барномаҳои эфирӣ ё кабелӣ, сабти онҳо, ҳамчунин таҷдиди фонограмма. Мақсади хулоса ё хабарнигорӣ маълумот додан дар бораи ҳодисаҳои ҷорӣ мебошад. Порчаҳои хурди иҷро, фонограмма, барномаҳои эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун қисми ҳодисаи ҷорӣ бе ризоият ва бе пардохти ҳаққи қалами соҳибони ҳуқуқҳои вобаста ба он мавриди истифода қарор мегиранд. Баромадан аз чунин ҳад ҳамчун сӯистифода аз ҳуқуқ (м. 10 КГ ҶТ) [3] бандубаст мегардад;

2) сирф ба мақсадҳои таълим ё таҳқиқоти илмӣ истифода намудани иҷро, барномаҳои эфирӣ ё кабелӣ, сабти онҳо, ҳамчунин таҷдиди фонограмма. Ҳар як шахси манфиатдор метавонад, ки сирф ба мақсадҳои таълим ё таҳқиқоти

илмӣ дар ҳаҷми дилхоҳ аз иҷро, барномаҳои эфирӣ ва кабелӣ, сабти онҳо, ҳамчунин таҷдиди фонограммаи дилхоҳ исифода барад;

3) истифодаи порчаҳои хурд аз иҷро, фонограммаҳо, барномаҳои эфирӣ ё кабелӣ барои иқтибос, ба шарте ки чунин тарзи иқтибос бо мақсадҳои иттилоотӣ амалӣ гардад. Ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ танҳо дар сурати пардохти ҳаққи қалам барои ба эфир додан ё тавассути кабел ба омма дастрас кардани нусхаҳои фонограммаеро, ки ба мақсадҳои тиҷоратӣ нашр шудааст, истифода бурда метавонанд;

4) истифодаи иҷро, барномаҳои эфирӣ ё кабелӣ, сабти онҳо, ҳамчунин таҷдиди фонограмма дар ҳолатҳое, ки Қонун дар бобати маҳдудиятҳои ҳуқуқи молу мулкии муаллифи асарҳои илм, адабиёт ва санъат муқаррар кардааст. Масалан, истифодаи объектҳои мазкур ҳангоми маросимҳои расмӣ ва динӣ, ҳамчунин маросими дафн, -дар ҳаҷме, ки хислати чунин маросимҳо тақозо мекунад (б. 2, м. 21 Қонун).

Дар ҳолатҳои зерин маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои муаллифи асарҳои илм, адабиёт ва санъатро нисбати ҳуқуқҳои вобаста ба он татбиқ намудан мумкин аст:

а) агар ин маҳдудиятро нисбати ҳуқуқҳои вобаста ба он татбиқ намудан имконпазир бошад. Сабаб дар он аст, ки баъзе маҳдудиятҳои мазкур танҳо ба табиати ҳуқуқи муаллифи асарҳои илм, адабиёт ва санъат хос аст;

б) агар ҳолатҳои маҳдудияти ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳолатҳои маҳдудияти ҳуқуқи муаллифи асарҳои илм, адабиёт ва санъатро фаро нагирифта бошанд;

5) истифодаи барномаҳои эфирӣ ё кабелӣ, сабти онҳо, ҳамчунин таҷдиди фонограмма ба мақсадҳои шахсӣ. Вале таҷдиди фонограмма танҳо дар сурати пардохти ҳаққи қалами соҳиби ҳуқуқи муаллиф, иҷрогар ва истеҳсолкунандаи фонограмма иҷозат дода мешавад. Албатта, назорат бурдан ва ҷамъоварии ҳаққи қалам аз ҳар як истифодабарандаи фонограмма имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар Қонун тартиби махсуси чунин пардохт

пешбинӣ шудааст: ҳаққи қалам дар чунин маврид аз тарафи истеҳсолкунанда ва воридкунандаи таҷҳизот (аудиомагнитафонҳо ва ғ.) ва шаклҳои моддӣ (наворҳои сабти овозӣ, кассетаҳои овозӣ, дискҳои лазерӣ, компакт-дискҳо ва ғ.), ки барои чунин таҷдид истифода мешаванд, пардохта мешавад (барои таҷҳизот ва василаҳои моддие, ки предмети содирот маҳсуб мешаванд ва ҳамчунин ба таҷҳизоти касабавӣ, ки барои истифода дар шароити хона таъин нашудаанд, ҳаққи қалам пардохта намешавад). Дар навбати худ ин истеҳсолкунандагон ва воридкунандагон маблағи пардохтаашонро ба арзиши аслии маҳсулот изофа мекунанд. Оқибат, гаронии пардохти ҳаққи қалам барои ба мақсадҳои шахсӣ истифода намудани фонограмма ба зиммаи истеъмолкунандагон меафтад. Яъне, истеъмолкунанда ин ҳаққи қаламро бавосита пардохт менамояд.

## 2.2. Иҷро ва басаҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста

Бояд гуфт, ки ҳуқуқҳои вобаста ба иҷроҳо, инчунин намоиши фонограммаҳо, барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ, сарфи назар аз таъинот, моҳият ва вазн, шаклу усули ифода татбиқ мегарданд.

Дар он тарзу услуби хоссаи иҷрогар ифода мегардад. Барои ҳифзи тарзу услуби иҷро мавҷудияти нотакрорӣ ё фардият талаб карда намешавад. Иҷро сарфи назар аз сифат, таъинот, мазмуну қимат, ки омилҳои субъективӣ маҳсуб меёбанд, ҳифз карда мешавад. Бинобар ин, иҷрои аз ҷониби шахсони корозмуда ва ҳаваскор анҷомёфта, дар як сатҳ бо иштирокчиёни касбӣ мавриди ҳимояи қонун қарор гирифтаанд [58, с. 91].

Дар мавриди аввали таҳқиқ маълум мешавад, ки иҷро комилан аз дигар объектҳои ҳуқуқҳои вобаста – фонограммаҳо ва барномаҳои телевизион ва радио тафовут мекунад. Вай монанди натиҷаи фаъолияти эҷодӣ мебошад.

Муҳаққиқон А.А. Абдуллоев, Ф.А. Очилова ва М.А. Қодиров қайд менамоянд, ки иҷро чун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он – ин намоиши асар

ба воситаи хондан, талаффуз намудан, суханронӣ, бозӣ кардан ва иҷроиши дигари асар мебошад. Ба ҳифзи ҳуқуқӣ на танҳо иҷроиши зинда, инчунин дар барандаи моддӣ сабтшуда дороанд. Дар ин ҳолат иҷроиш ҳама вақт хусусияти аниқ пайдо мекунад, аз ин сабаб ҳар як иҷроиши нав объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Лекин, агар иҷроиш дар ягон барандаи моддӣ сабт шуда бошад, вай аз офарандаи худ «ҷудо» шуда, ҳаёти мустақилонаро оғоз мекунад [40, с. 117-118].

Иҷро ҳамчун объекти алоҳидаи ҳуқуқҳои вобаста ва чун натиҷаи фаъолияти эҷодии ҳунармандон-иҷрогарон аз ҷониби чандин олимоне, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф машғул буданд, эътироф карда шудааст. Чунин хусусияти иҷро онро ба асарҳо наздик мекунад ва фарқияташро аз объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ошкор менамояд. Бо ин сабаб Т.Б. Тулегенов дар кори илмии худ таҳлили табиати иҷроҳоро нисбат ба предмети имконоти эътирофи онҳо ҳамчун асар, яъне чун объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ, анҷом додааст.

Ғайр аз ин вай ба таърихи таҳқиқ доир ба мавзуи мазкур муроҷиат мекунад. Қайд мекунад, ки «дар миёни сивилистҳо ҳеҷ гоҳ нуқтаи назари ягона нисбат ба низоми меъёрҳои ҳуқуқии барои танзими ҳуқуқҳои иҷрогарон вуҷуд надоштааст». Вай ба таври мушаххас ду равияи дар илми ҳуқуқшиносӣ ба вуҷудомадаро доир ба масъалаи баррасишаванда мавриди омӯзиш қарор додааст [145, с. 15].

Бо такя ба корҳои илмии Б.С. Антимонов ва Е.А. Флейшитс [42, с. 92], Н.А. Райгородский [91, с. 51], В.С. Мартемянов [112, с. 69], В.И. Серебровский, [97, с. 24], С.А. Чернишева [101, с. 101] ва махсусан, В.Я. Ионас [67, с. 73-74], ба хусус доир ба сохтори асар қайд мекунад, ки воситаҳои муассири иҷро дар чунин ҳолат: худи ҳамон нотаҳо, фосилаҳо (интервалҳо), аккордҳо, худи ҳамон калимаҳо,ибораҳо тағйир намеёбанд, аммо шакли бадеӣ (ба он мазмуне, ки мо дида мебароем) нав аст. Худи ҳамон навгонии асарро ба вуҷуд меорад ва сабаби ба вуҷудоии асари вобасташуда

мегардад. Қайд мекунад, ки ба иҷро дар ҳамагуна шаклу намудаш аломати шакли объективӣ хос аст, ки барои эътирофи он ҳамчун натиҷаи меҳнати эҷодӣ зарур мебошад.

Дар идомаи кор ба натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда такя намуда вай ба чунин хулосаҳо меояд: 1) дар натиҷаи фаъолияти иҷрогарӣ объекте ба вуҷуд меояд, ки онро яке аз намудҳои асарҳои муаллифӣ ҳисобидан мумкин аст; 2) ин асари вобаста дар соҳаи санъат дохил мегардад; 3) вай дорои ҳамаи аломатҳои объекти ҳуқуқи муаллифӣ мебошад – хосияти эҷодии офаридан ва шакли объективии ифодаёбӣ. Чунинанд асосҳои объективӣ барои эътирофи иҷро ҳамчун асарҳои санъат ва иҷрогар бошад – муаллифони онҳоянд [145, с. 105-114].

Ба андешаи Т.Б. Тулегенов розӣ шудан душвор аст, зеро иҷрогар ифодакунандаи объектҳои муаллифӣ мебошад. Масалан, сароянда суруде мехонад, ки он ҷо бо чанд асари муаллифӣ вобаста аст: шеър, оҳанг ва ғ. аз ҳамин сабаб иҷрои суруд мутлақо объекти ҳуқуқи муаллиф ҳисоб намешавад [145, с. 20].

Ба андешаи мо, объектҳои ҳуқуқҳои вобаста табиати дигар доранд. Онҳо воситаи қаноаткунии манфиатҳои иқтисодии субъектҳо мебошанд, ки фаъолияташон бо истеҳсоли молҳои махсус барои истеъмоли маънавӣ алоқаманд аст. Маҳз натиҷаҳои ин истеҳсолот бо қонун ҳифз карда мешаванд ва ҳамин тариқ манфиатҳои тиҷоратии истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахшкунии барномаҳо ҳимоя мегарданд. Алалхусус шароит барои сохтани маҳсулоти баландсифат таъмин карда мешаванд.

Бешубҳа ва мутлақо дар нисбати иҷрогар, инчунин муаллиф манфиати молумулкӣ вуҷуд дорад, ки бо ба даст овардани ягон подош ба ивази натиҷаҳои меҳнатиаш алоқаманд аст. Аммо, ба ғайр аз ин иҷро ин натиҷаи фаъолияти вай, ки аллакай дар раванди эҷодӣ, зеҳнӣ, ва қобилияти фардии истеъдодҳои танҳо барои худаш хос ба вуҷуд омадааст, маънидод мешавад. Барои ҳамин иҷрогарон на танҳо барои манфиатҳои молумулкӣ, балки барои

дар байни ҷомеа эътирофу эътибор пайдо кардани истеъдодҳои эҷодиашон манфиат доранд.

Он чи ки шахсиятҳои эҷодкор ва ходимони санъат ин ҳунармандон, овозхонон, мутрибон, дирижёрон, раққосон ва дигар иҷрогарон мебошанд, аз ҷониби ҳама эътироф пайдо кардааст. Пас чаро қонун танҳо доир ба хосияти эҷодии фаъолияти онҳо беҷуръатона зикр мекунад ва ҳамзамон, онҳоро аз дигар субъектҳои эҷодиёт ҷудо мекунад ва дар як қатор бо соҳибкорон, ки ба паҳнкунӣ ва зиёдкунии нусхаи асарҳо машғуланд, ворид мекунад? Зеро дар онҳо ҳамагӣ умумият дар он аст, ки ҳамаи ин субъектҳо дар фаъолияти эҷодии худ асарҳоро истифода мебаранд ва объектҳои такрории эҷодиро меофаранд, ки мавҷудияташон дар асоси мавҷудияти асарҳои муаллифӣ асос ёфтааст. Вале фаъолияти иҷрогарон дар асоси эҷодиёт бунёд ёфта шакли нави бадеиро меофарад ва барои ҳамин дорои арзиш аст ва ҳамчунин як таҷассумгари истеъдодҳои эҷодии инсон мебошад. Аз ин лиҳоз дурусттар мешуд, агар иҷроро ба қатори асарҳои санъат баробар кунем ва иҷрогаронро муаллифи онҳо шуморем. Дар сатҳи танзими ҳуқуқии ин бояд инъикоси худро ба дигар сифат ёбад [99, с. 326].

Ба андешаи мо агар иҷрогар бо муаллиф баробар эътироф шавад, пас имкони бархӯрди ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои иҷрогар пайдо мешавад. Маҳз барои ҳамин ҳуқуқи иҷрогар аз ҳуқуқи муаллиф ҷудо карда шудааст.

Бояд гуфт, ки баъзе кишварҳо ба иҷрогарон ҳуқуқи ғайримолумулкӣ ба талабкунии эътирофи муаллифии онҳо нисбат ба асар ҳангоми иҷрои онро, пешниҳод мекунанд [86, с. 156]. Чунин ба назар мерасад, ки эътирофи ҳуқуқҳои иҷрогар на барои асари иҷрошаванда, балки ба худи иҷро ҳамчун натиҷаи кори фардии иҷрогар дурусттар хоҳад буд.

Ҳамин тариқ бешак далел он аст, ки иҷрокунанда ҳама вақт дорандаи ҳуқуқҳои вобаста мемонад. Андешаи худро бо он асоснок менамоем, ки мутобиқи сархати 13, м. 3 Қонуни муаллифӣ «соҳибҳуқуқи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он эътироф карда мешавад: а) муаллиф ё иҷрогари

дорои ҳуқуқҳои муаллиф ё ҳуқуқҳои вобаста ба он; б) шахси воқеӣ, ғайр аз муаллиф ё иҷрогар, ё шахси ҳуқуқӣ дар мавриде, ки чунин шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ қаблан ҳуқуқи молумулкиро соҳиб шуда бошад; в) шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба вай ҳуқуқҳои молумулкӣ ба тариқи мерос ё ба таври ворисӣ гузаштаанд ё бо тартиби меросгирӣ ба даст овардаанд» [10]. Вале чунон ки аз гуфтаҳои боло бар меояд, мафҳуми «дорандаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста» назар ба мафҳуми «иҷрогар» васеътар аст ва онҳо яке аз соҳибони ҳуқуқҳои вобаста ба он мебошанд.

Ба андешаи Д. Липтсик «иҷрогар ин субъекти махсуси ҳуқуқҳои вобаста мебошад. Хусусиятҳои муқаррароти иҷрогар дар ҳаёт чандин назарияҳоро ба миён овcoveredванд, ки моҳияти ҳуқуқи ӯро маънидод мекунанд: шурӯъ карда аз назарияи баробаркунии ҳуқуқҳои вай ба ҳуқуқҳои муқаррарии муаллифӣ то эътирофи иҷрогар танҳо ба сифати азнавкоркунандаи асари аввалия ва ҳатто коргари муқаррарӣ, ки вазифаҳои меҳнатии худро нисбати корфармои муайян анҷом додааст (яъне ба муассисаҳои намоишдиҳӣ – театрҳо, сиркҳо ва ҳоказо)» [75, с. 319].

Азбаски иҷрогарон танҳо асарҳоро «таҷассум» мекунанд, балки онҳоро «намеофаранд», дар адабиёти хориҷӣ баъзан доир ба «дуюмдараҷа» будани ҳуқуқҳои иҷрогарон ҳарф мезананд. Аммо чунин арзёбӣ намудани эҷодиёти иҷрогарон ба мақому мавқеи онҳо таъсири манфӣ намерасонад ва ба назари мо бояд расонида ҳам набошад. Тибқи нуктаи назари Л. Бентли ва Б. Шерман «ба ғайр аз ин низоми ҳимояи манфиатҳои молумулкии бавуҷудомадаи онҳо назар ба ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифон дар асарҳои онҳо асос гузоштаанд. Баъзан ҳамчунин ҳуқуқҳои иҷрогарон аз сарнавишти ҳуқуқҳои муаллифони эҷодкардаи асарҳо вобастагӣ надорад. Масалан, агар эътироф карда шуда бошад, ки муаллифи асар дигар шахс аст, пас ҳунарпеша-иҷрогар ҳуқуқҳои ба худаш мансуббуда ба иҷроро аз даст намедиҳад» [47, с. 513].

Бидуни шубҳа, ки иҷро ин намоиши асари адабиёт, санъат ё эҷодиёти мардум тавассути сурудхонӣ, бозӣ, суханронӣ, басаҳнагузорӣ, хониш, рақс

дар иҷрои зинда ё бо кумаки васоити техникӣ аст. Аммо бояд қайд кард, ки иҷро объекти ҳуқуқҳои вобаста мебошад, агар дар шакл ё намуде ифода ёбанд, ки имконияти дубора сохтану паҳнкунии онҳо бо ёрии васоити техникӣ ба вуҷуд омада бошад. Албатта, намудҳои маъмултари иҷроҳоро ҷудо кардан мумкин: а) иҷрои асарҳои мусиқӣ бо калимаҳо ва бекалимаҳо; б) намоишномаҳо; в) басаҳнагузориҳои хареографӣ; г) намоишҳои сиркӣ. Ҳаминро ёдовар шудан зарур аст, ки феҳристу номгӯйи онҳо хеле бемаҳдуд аст.

Ҳамчунин, ёдрас мешавем, ки иҷро – таърихан объектҳои нахустини ҳуқуқҳои вобаста мебошанд, ки ҳифзи ҳуқуқии он аз нимаи садаи XX оғоз шуда буд. Нахустин соҳибҳуқуқони ҳуқуқҳои истисноӣ ба иҷро ҳама вақт шаҳрванд (муаллиф-иҷрогар) мебошад. Ҳуқуқҳои вобаста ба иҷро аз лаҳзаи ифодаёбии иҷро дар шакли имконпазири бознашр ва паҳнкунии асар бо ёрии васоити техникӣ пайдо мегарданд.

В.А. Хохлов ба ин мавқеъ аст, ки «ҳуқуқҳои вобаста ба иҷро якҷоя барои аъзоёни дахлдори даста (ҳунарпешаҳо, дастаи созандагон ва ҳоказоҳо) новобаста аз он ки онҳо чунин иҷроро ҳамчун асари ягонаи том ё иборат аз унсурҳо ба вуҷуд меоранд, ба ҳар кадоми онҳо аҳаммияти мустақили худро дорад» [100, с. 255-256]. Ҳуқуқҳои вобаста ба иҷрои якҷоя аз ҷониби сарвари дастаи иҷрогарон ва дар мавриди набудани ӯ – аз тарафи аъзоёни даста муштаракан, агар дар созишномаи миёнашон басташуда тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, анҷом дода мешавад.

Ҳамаи аъзоёни чунин дастаҳо метавонанд ҳимояи ҳуқуқҳояшонро чӣ дар якҷоягӣ ва чӣ бо дигарон ба амал бароранд. Ҳунармандоне, ки дар вазифаҳои штатӣ кор ва фаъолият менамоянд, таъмини иҷрои асарҳо тибқи талаботи қоидаҳои дохилимеҳнатӣ ҳамчун уҳдадорӣ ба шумор рафта, дар ин замина татбиқи қоидаҳои қаблан баррасигардида вобаста ба ҳуқуқҳо ба асарҳои хизматӣ, талаб мегардад.

Тибқи талаботи муқарраргардида муҳлати амали бевоситаи ҳуқуқи истисноӣ ба иҷро 50 сол баъди иҷрои аввалини он ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки тамдид гардидани муҳлати мазкур дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидааст. Ин ҳолат дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии ФР бевосита пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, тибқи мукрраротӣ б. 3, 4 м. 1318 КГ ФР «ба мисле, ки агар иҷрогар дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ кор карда бошад ё дар он ширкат варзида бошад, муҳлати амали ҳуқуқи истисноӣ то чор сол тамдид карда мешавад» [100, с. 257-258].

Чуноне ки зикр карда шуд, дар қонунгузорӣ се категорияи иҷрогарон ҷудо карда шудаанд: ҳунарманд-иҷрогар, коргардон-басаҳнагузоранда, дирижёр. Ба категорияи якуми пешбинигардида нафароне дохил мегарданд, ки асарро иҷро мекунанд, инчунин нафароне, ки кори ҳунарпешагиро иҷро мекунанд.

Дар шартномаи СУМЗ доир ба иҷро ва фонограммаҳо, зери иҷрогарон ҳунарпешаҳо, сарояндагон, мутрибон, раққосон ва дигар ашхосе, ки бозӣ мекунанд, суруд мехонанд, суханронӣ мекунанд, сози мусиқиро менавозанд ё ба таври дигар асарҳои адабӣ ё бадеӣ ё ин ки фолклорро ифода менамоянд, дониста мешаванд [34].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба муҳимияти пешниҳод намудани муҳофизат нисбати иҷроҳои эҷодӣ борҳо таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст. Инчунин, дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ низ доир ба пешниҳодкунии таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ танҳо ба иҷрогарони эҷодкор муқаррароти дахлдор пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар моддаи L-212-1 Қонуни Фаронса «Дар бораи Кодекси моликияти зеҳнӣ» пешбинӣ гардидааст, ки «иҷрогарони ёрирасон, ки бо амалияи касбӣ чунин эътироф шудаанд, аз категорияи иҷрогарон бароварда мешаванд» [41, с. 67].

Ба категорияи иҷрогарони ёрирасон нафаронеро дохил намудан зарур аст, ки ба ҳунарманд-овозхон, иҷрогари асар ҳамовоз мешаванд. Дар ин самт, тибқи маълумоти дар адабиёти илмӣ мавҷудбуда нуктаҳои назари муҳиме

вомехурад, ки иҷроҳо натиҷаи меҳнати эҷодӣ маҳсуб гардида, ҳамчун асарҳои муаллифӣ мебошанд ва дар як навбат ба сифати объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ баромад менамоянд. Объекти ҳуқуқи муаллифӣ аз муаллиф ҷудо мебошад, аммо иҷро аз ҳунарпеша ҷудонашаванда аст вай ба туфайли техника метавонад дубора таҷдид шавад, вале бо вуҷуди ин аз ҳунарпеша ҷудо намешавад.

Де Санктис дар ин маврид иброз медорад, ки «чунин шуда метавонад, ки ҳунарпеша ё иҷрогар умуман образи махсус, услуби худро, ҳатто ягон қаҳрамоне биофарад, ки бо дигарон омехта кардан лозим нест». Лекин мундариҷаю мазмуни ин кори эҷодӣ маҷмуи мураккаби ғояҳо, ҳиссиётҳо, омилу далелҳо буда наметавонад, ки метавонанд барои ашхоси сеюм ба сифати ҷузъиёти офаридани асарҳои нав хизмат карда бошанд – қайд менамояд Д. Липтсик [75, с. 323].

Дар ин маврид мавқеи қонунгузории миллӣ оид ба мафҳуми иҷрогар ва доираи шахсоне, ки ҳамчун иҷрогар пазируфта мешаванд, дурусттар аст. Дар асоси муқаррароти сархати 12, м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» зери истилоҳ ва ё худ мафҳуми иҷрогар чунин категориҳо фаҳмида мешавад: актёр, овозхон, мусиқинавоз, раққос (раққоса) ё шахси дигаре, ки нақш иҷро мекунад, суруд ё матн мехонад, суханрони мекунад, асбоби мусиқӣ менавозад ё бо ягон тарзи дигар асари адабиёт ва санъат (аз ҷумла барномаҳои эстрадӣ, сирк ё лухтакӣ) ва ё ифодаи фолклорро иҷро мекунад, ҳамчунин, коргардони басаҳнагузорандаи намоишнома ва дирижёр.

Дар сарчашмаҳои илмӣ режиссёри таҳиягар, аз ҷумла режиссёри театр, балетмейстр, хореограф ва ғ., ба шумораи иҷрогарон дохил буданашон баҳснок аст, зеро: «якум, онҳо бевосита дар иҷроиши асар иштирок намекунанд; дуюм, ба ташаббуси эҷодии онҳо асари нави бадеии саҳнавӣ пурра офарида мешавад; сеюм, оқибати меҳнати эҷодии режиссёри таҳиягар, гарчанде, ки дар маводи моддӣ сабт нашуда бошад ҳам, бе иштироки

офарандаи он истифода бурда шуданаш мумкин аст (мисол, дар спектаклҳои театрии аз тарафи режиссёр гузошташуда, баъди марги муаллиф низ ин спектакл ба саҳна гузошта шуданаш мумкин аст)» [94, с. 218-219]. Дар қонуни ҷорӣ бошад, режиссёрони таҳиягар танҳо бо ҳуқуқҳои иҷрогарон баробар таъмин карда шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки коргардони басаҳнагузоранда ва дирижёрро шартан ба иҷрогар мансуб донистан мумкин аст. Зеро, онҳо, алалхусус коргардони театр, балетмейстер, басаҳнагузорандаи рақс ва ғ., дар иҷрои асар иштироки бевосита надоранд, ҳарчанд ки маҳз ба шарофати эҷодиёти онҳо асари томи саҳнавӣ ба вуҷуд меояд. Иҷрогарони аслӣ актёр, овозхон, мусиқинавоз, раққос (раққоса) ё шахсони дигаре, ки нақш иҷро мекунад, суруд ё матн мехонанд, суханронӣ мекунанд, асбоби мусиқӣ менавозанд ё бо ягон тарзи дигар асари адабиёт ва санъат (аз ҷумла, барномаҳои эстрада, сирк ё лухтак) ва ё ифодаи фолклорро иҷро мекунанд, мебошанд.

Ба андешаи Ш.К. Ғаюров «аз муқаррароти қонуни амалкунанда бармеояд, ки коргардон, басаҳнагузорандаи асарҳои аудиовизуалӣ, сухангӯй ба сифати иҷрогарон пазируфта намешаванд, зеро коргардон басаҳнагузорандаи асарҳои аудиовизуалӣ субъекти ҳуқуқи муаллифӣ буда, сухангӯй ва ё баранда асарҳои эҷодиро иҷро намекунанд» [58, с. 91].

«Иҷрогар, истеҳсолкунандаи фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ барои гирифтани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии ҳуқуқҳои вобаста ба онро метавонанд ҳар вақт дар давоми муҳлати ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба он бақайдгирии асарро бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор амалӣ намоянд» [40, с. 131].

Шахсе, ки масъулияти басаҳнагузории намоиши театрӣ, сиркӣ, лухтакӣ, эстрадӣ ё дигар намуди намоишҳои театрии завқоварро амалӣ мегардонад, ҳамчун категорияи дигари (дуюми) дуюми иҷрогарон коргардон-басаҳнагузорандаи намоишнома маҳсуб мегардад.

Дар ин зимн, тибқи нишондодҳои адабиёти илми нуктаҳои назар ҳам вомехуранд, ки басаҳнагузории намоишнома ҳамчун асари театрӣ ба шумор рафта, дар як навбат ба сифати объекти ҳуқуқи муаллифӣ баромад менамояд. Дар ин маврид саволе ба миён меояд, ки оё басаҳнагузориро ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста шомил донистан ҷоиз аст?

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мазкур басаҳнагузорӣ ба сифати объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ дохил карда нашудааст, чунки басаҳнагузорӣ асар маҳсуб намегардад. Тафовути басаҳнагузорӣ аз асарҳои саҳнавӣ дар он ифода меёбад, ки меҳнати эҷодии коргардони театрӣ ин амал ва раванди офаринишу истеҳсол ин эҷод аст.

Қобили тазаккур аст, ки масъалаи зарурати ҳифзи ҳуқуқии басаҳнагузорӣ дар замони шуравӣ пешниҳод гардида буд. Дар ин ҷода, баъзе мутахассисон муътакид ба он буданд, ки басаҳнагузориҳо бояд ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз гарданд. Б.С. Антимонов ва Е.А. Флейшитс қайд намуданд, ки «дар вақтҳои охир нусхабардории намоишҳои театрӣ бо синамои овозӣ васеъ ба кор бурда шуда, бешубҳа саволро доир ба ҳуқуқи муаллифӣ дар хусуси басаҳнагузорӣ ба миён овард, чи тавре ки аллакай бо рушди техника савол дар бораи ҳуқуқи муаллиф ба маҳсули меҳнати иҷрогариро, ба миён овардааст» [42, с. 93].

Инчунин, дар ин самт нуктаи назари мухолиф низ мавҷуд буда, басаҳнагузориро ба сифати объекти ҳуқуқи муаллифӣ шомил намедонистанд. В.И. Серебровский дар ин қисмат дарҷ менамояд, ки «эътирофи асари хореографӣ ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи муаллифӣ он маъноро надорад, ки худи намоишномаи балетӣ (ҳамчунин ҳар гуна намоишномаи дигари театрӣ) ҳам объекти ҳуқуқи муаллифӣ мебошад» [96, с. 54].

С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова иброз медоранд, ки «ба категорияи сеюми иҷрогарон дирижёр-мутриб дохил мешавад, ки оркестр ё хорро ҳангоми иҷрои асари мусиқӣ идора мекунад» [87, с. 168]. Дар ин қисмат, бояд муайян намуд, ки оё иҷрои якҷоя ба институти ҳаммуаллифӣ дохил мегардад.

Маҳсусияти хоси онро бояд баён сохт, ки ҳамиҷро танҳо дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки агар меҳнати ҳар як иҷрогар хосияти эҷодкорӣ дошта бошад.

Барои мисол, ҳамиҷрои ҷудонашавандаи асари мусиқӣ ин дастаи созандагон (оркестр), дастаи раққосон маҳсуб мегарданд. Мисоли ҳаммуаллифии ҷудогонаи балет, ҳар як амале мебошад, ки аз тарафи иҷрогарони гуногун анҷом дода мешавад. Чунин раванд ифодаи онро наменамояд, ки ҳангоми ҳамиҷрогарии иҷро наметавонад аз ҷузъҳо иборат бошад, он метавонад аз якчанд ҷузъҳо иборат бошад, аммо ҳар як ҷузъ якҷоя иҷро карда мешавад.

Бояд дар назар гирифт, ки ҳамиҷрогарӣ новобаста аз он ки хусусиятҳои иҷро якранг ва гуногунранг мебошанд, ба вуҷуд меоянд. О.С. Иоффе «ду шарти асосиро ҷиҳати эътирофи ҳаммуаллифӣ ҷудо карда буд. Аз ҷумла, тибқи нуктаи назари муаллиф «ягонагӣ ва томият метавонад ҳам ҳангоми меҳнати якхелаи эҷодӣ ва ҳам ҳангоми эҷодиёти ҳархела вуҷуд дошта бошанд. Томияти асар ҳангоми меҳнати якхела дар ягонагии мазмуни он ҷой дорад, аммо ҳангоми меҳнати ҳархелаи эҷодӣ, чи тавре муаллиф қайд мекунад, ба ҷуз аз ягонагии мазмун боз алоқамандии шаклҳои инъикоскунанда лозим меояд» [68, с. 23].

Вобаста ба ин асосҳо доир ба ҳамиҷрогарӣ ду хусусияти асосиро ҷудо намудан имконпазир аст: томият ва ягонагӣ. Ба сифати мисоли ҳамиҷрогарӣ ҳангоми ҷузъҳои ҳархела иҷрои (сароидани) опера – иҷро аз тарафи дастаи созандагон ва сароянда, овардан мумкин аст.

Дар м. 34 Қонуни муаллифӣ мазмуни ҳуқуқи иҷрогар ба ном равшан карда мешавад. Тибқи муқаррароти Қонуни мазкур «ҳуқуқ ба ном, ин ҳуқуқ ба нишон додани номи худ ё тахаллуси худ дар нусхаҳои фонограммаҳо ва дар дигар ҳолатҳо истифодабарии иҷроҳо, ҳангоми иҷрои муштарак – ҳуқуқ ба нишон додани номи дастаи иҷрогарон, мебошад» [10]. Дар ин зимн, қонунгузор ба иҷрогар имконияти амалӣ намудани ҳуқуқи хеш ба номро

муайян менамояд. Аз ҷумла, бояд он ё номи аслии худро ва ё тахаллуси худро нишон диҳад. Дар сурати иҷрои муштарак иҷрогарон номи дастаро нишон медиҳанд.

Чунончи дар боло қайд карда шуд, зери иҷро на танҳо бояд фаъолияти ҳунарпеша-иҷрогар, инчунин натиҷаи фаъолияти коргардони басаҳнагузоранда ва дирижёр ҳам фаҳмида шавад.

Ҳамчунин, нисбати ҳуқуқи истисноии муаллифӣ ба асар Қонуни муаллифӣ тарзҳои истифодаи иҷро, ҳуқуқи истисноии иҷрогар бо ҳар гуна тарзи бо қонун манъ нашударо мустаҳкам намуда, маҳдуд намегардонад. Аммо ба ин нигоҳ накарда, номгӯйи тарзҳои асосии истифодабарии иҷро аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» номгӯйи тарзҳои истифодабарии иҷроро васеъ намудан имкон дорад.

Пеш аз ҳама, ба низоми тарзҳои истифодабарии иҷро паҳнкунӣ ва иҷрои оммавии сабти иҷро, зам карда шудааст. Баъдан, мазмуни дигар чунин тарзҳои истифодабарии иҷро, ба мисли пахши эфирӣ ва такрори сабти иҷро мушаххастар равшану возеҳ дарҷ карда шудааст. Дар ин ҷода, тарзҳои истифодабарии иҷроро мушаххасан ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: а) истифодабарии бевоситаи худи ичро (иҷрои сабтнашуда); б) сабти иҷро; в) истифодабарии сабти иҷро.

Таснифоти мазкури тарзҳои истифодабарии иҷро то ҳадди маъмулӣ қабулшуда мебошад: дар м. 6 Шартномаи СУМЗ доир ба иҷроҳо ва фонограммаҳо аз соли 1966 доир ба ҳуқуқҳои молумулкии иҷрогарон ба иҷроҳои сабтношудаи худ гуфта мешавад. Ба онҳо пахши эфирӣ ва дастрас кардан барои самъи ҳамагон ичрои сабтношудаи худ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ичро аллакай ба эфир дода шудааст) ва ба сабти иҷроҳои сабтношудаашон баробар мебошад. Моддаҳои 7-10 Шартномаи СУМЗ оид ба иҷро ва фонограммаҳо бошанд, мундариҷаи тарзҳои истифодабарии сабти иҷроро равшан менамоянд [34].

«Дар шакли умум, мафҳуми пахш дар эфир чунин хусусиятҳоро ифода менамояд, ки тарзи бесими интиқоли иттилоот (бо ёрии мавҷҳои электромагнитӣ) ба шумор рафта, ҳангоми амалигардидани он иҷро барои фаҳми шунавоӣ ва тамошоӣ дастрас мегардад, яъне ин ҷараён асосан тавассути воситаҳои дахлдори техникӣ вуҷуд дорад. Масалан, с. 23, м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» пешбинӣ менамояд, ки «дастрас кардан - намоиш додан, иҷро кардан, ба эфир баровардан ё анҷом додани амали дигар (ба истиснои паҳн кардани нусхаҳои асар ё фонограмма), ки тавассути он асарҳо, фонограммаҳо, иҷроҳо, намоишҳо, барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ барои дарку қабули шунавоӣ ва ё биноӣ, сарфи назар аз дарки воқеии онҳо аз ҷониби омма, дастраси умум мегарданд», вале сархати бистучоруми моддаи мазкур муқаррар менамояд, ки «ба воситаи кабел ба омма дастрас кардан - дастрас кардани асарҳо, фонограммаҳо, иҷроҳо, намоишҳо, барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ба омма тавассути кабел, сим, нахи оптикӣ ва дигар васоили ба онҳо монанд» паҳн карда мешаванд» [10].

Дар маҷмуъ, ба эфир додан ин ҷараёни аз якчанд кирдорҳои бо ҳамдигар пай дар паю вобаста иборат мебошад, аз ҷумла, инкишофи мавҷ (сигнал), интиқоли он тавассути шабакаи алоқа ва паҳнкунӣ ба ҳадуди дахлдор («минтақаи пахш»), ки дар он қабулкунии чунин дастраскунӣ аз тарафи шунавандагону тамошобинон таъмин карда мешавад. Дар Тоҷикистон зиёда аз 50 шабакаи телевизиону радио пахши мустақим доранд.

Ба андешаи олимон В.В. Белов, Г.В. Виталиев ва Г.М. Денисов «ба эфир додан чӣ аз истгоҳи рӯизаминӣ ва чӣ тавассути шабакаҳои рӯизаминии эфирии алоқа (марказҳои интиқолии радиотелевезионӣ, хатҳои радиорелейнӣ) ва ҳам бо истифодаи алоқаи моҳвора амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати охир ба эфир додан бо ду амалҳои мутақобила мушкил мегардад, ки дар қонун инъикоси худро ёфта буданд: қабули сигнал аз истгоҳи рӯизаминӣ ба моҳвора ва интиқоли сигнал аз моҳвора» [46, с. 288].

Ҷараёни ба эфир равон сохтан ҳамзамон дар сурати амалисозии ретранслятсия мушкил мегардад. Ретранслятсия – ин пахш дар эфир (аз ҷумла, ба воситаи моҳвора) ё бо кабел интиқоли телевизионӣ ё радиоии ташкилоти дигари пахши эфирӣ ва ё кабелӣ дар як вақт бо гирифтани чунин пахши ин интиқол аз як чунин ташкилот мебошад. Назар ба пахш дар эфир пахш бо кабел ин расонидани иҷро ба самъи омма бо истифодаи васоити симии пахши барномаҳо – кабел ва ғ., мебошад. Аммо ҳангоми пахш тавассути кабел ҳам ретранслятсия имконпазир аст.

Иҷрогарон дорои маҷмуи ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ ва молу мулкӣ мебошанд. Ба гурӯҳи аввал дохил аст:

1) ҳуқуқи муаллифият. Ин ҳуқуқи субъективии иҷрогарон дар Қонун пешбинӣ нашудааст. Сабаби чунин рафтори қонунгузор номаълум аст. Дар доираи ҳуқуқи ном амалӣ сохтани ҳуқуқи муаллифият имконпазир аст. Шояд муаллифони Қонун ҳамин нуктаро пайгирӣ карда бошанд. Вале ҳуқуқи муаллифият ҳуқуқи мустақил буда, дар доираи ҳуқуқи ном на ҳамеша амалӣ мегардад. Масалан, дар сурати шахси дигар худро ҳамчун муаллифи иҷро ё намоиш муаррифӣ намудан зарурати эътирофи ҳуқуқи муаллифӣ ба миён меояд. Агар ин шахс бо муаллифи ҳақиқӣ ҳамном бошад ё иҷро (намоиш) беном сабт шуда бошад, масъала боз ҳам мураккабтар мегардад.

Ҳуқуқи ном бошад, тарзи ифодаи номи муаллифро ҳангоми истифодаи иҷро ва ё намоиш таҷассум менамояд. Аз ин ҷост, ки тафовут гузоштан дар байни ҳуқуқҳои муаллифият ва ҳуқуқи ном аҳаммияти назариявию амалӣ дорад;

2) ҳуқуқи ном. Иҷрогар ҳуқуқ дорад, ки иҷро ва намоишро бо номи ҳақиқии худ, тахаллус ва ё бе зикри ном истифода намояд ё барои истифода иҷозат диҳад. Таҳрифи номи иҷрогар ҳангоми истифодаи намоиш ё иҷро манъ аст;

3) ҳуқуқи ҳифзи эътибори иҷрогар. Дар Қонун пешбинӣ шудааст, ки иҷрогарон ҳуқуқи ҳифзи иҷро ё намоиш аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ё дахолати

дигар, ки метавонад ба шаъну эътибори онҳо зарар расонад, доро мебошанд. Ҳуқуқи дохил намудани тағйирот,ислоҳот ва иловахо ба иҷро ё намоиш танҳо ба иҷрогар мансуб аст. Тамоми амали дигар шахсон, ки боиси тағйиру ислоҳи мазмун ва ё номи намоиш ё иҷро мегадад, ҳамчунин илова ба онҳо вайрон кардани ҳуқуқҳои иҷрогар дониста мешавад. Агар чунин амалҳо ба шаъну эътибори иҷрогар зарар расонад, ҳуқуқи ҳифзи эътибори иҷрогар вайрон мешавад. Дар дигар мавридҳо сухан дар бораи вайрон шудани ҳуқуқи коркарди намоиш ё иҷро меравад. Чунин ҳуқуқ дар миёни ҳуқуқҳои молу мулкии иҷрогар номбар нашудааст, вале аз мазмуни банди 3 қисми 1 моддаи 34 Қонун бармеояд.

Ҳуқуқҳои молу мулкии иҷрогар инҳоянд:

1) ҳуқуқи ба эфир додан ё тавассути васоили кабелӣ ба омма дастрас кардани иҷро ё намоише, ки қаблан тавассути васоили мазкур иҷро нашудааст ё ба воситаи сабт амалӣ нагаштааст. Ин ҳуқуқ ба иҷрогар имкон медиҳад, ки иҷро ё намоиши «зинда»-ро ба омма дастрас намояд;

2) ҳуқуқи сабт кардани иҷро ё намоиши пештар сабтнашуда. Азбаски иҷро ё намоиш ба фаъолияти иҷрогар дар алоқамандии ногусастанӣ қарор дорад, амалӣ сохтани ҳуқуқи мазкур ба иҷрогар имкониятҳои зиёдро фароҳам меорад. Зеро иҷро ё намоиш баъд аз сабт аз фаъолияти иҷрогар «ҷудо» мешавад.

Сабт ин нигориши овозҳо ва (ё) тасвирҳо ё инъикоси онҳо тавассути васоити техникӣ дар ягон шакли моддӣ мебошад, ки имконияти бисёркаратаи амалӣ сохтани дарк, таҷдид ё дастрас кардани онҳоро фароҳам меорад.

Аҳаммияти амалии ин ҳуқуқи иҷрогар дар он аст, ки дар ҳар дафъаи иҷро ё намоиш объекти нави ҳуқуқҳои вобаста ба он ба вуҷуд меояд, аз ин рӯ, иҷро ё намоиш пештар сабтнашуда эътироф шуда, барои сабти он иҷозати иҷрогар лозим аст. Бо ин васила қонунгузор байни ҳуқуқи сабти иҷро ё намоиш ва ҳуқуқи таҷдиди онҳо тафовут гузоштааст;

3) ҳуқуқи таҷдиди сабти иҷро ё намоиш. Таҷдиди сабти иҷро ё намоиш гуфта, таҳияи як ё якчанд нусхаи сабт ё қисме аз онро дар ҳар гуна шакли моддӣ меноманд. Дар мавридҳои зерин ин ҳуқуқи иҷрогар татбиқ намегардад:

–агар сабти аввалини иҷро ё намоиш бо ризоияти иҷрогар амалӣ шуда бошад;

–агар таҷдиди иҷро ё намоиш бо ҳамон мақсадҳое амалӣ гардад, ки барои онҳо ҳангоми сабти иҷро ё намоиш иҷрогар ризоият дода бошад;

–агар таҷдиди иҷро ё намоиш бо ҳамон мақсадҳое амалӣ гардад, ки барои онҳо сабт тибқи моддаи 41 Қонун (яъне дар ҳолатҳои маҳдудияти ҳуқуқи иҷрогар, истеҳсолкунандаи фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ) анҷом дода шудааст.

Дар ҶТ тамоми муқаррароти зикргардида роҷеъ ба ҳифзи ҳуқуқи иҷрогарон дар ҳолате мавриди истифода қарор мегиранд, ки агар иҷрогар:

–шаҳрванди ҶТ бошад;

–шарванди ҶТ набошад, вале иҷрои асари ӯ:

а) бори аввал дар ҶТ сурат гирифта бошад;

б) дар фонограмма сабт шуда, тибқи қонун ҳифз шавад;

в) ба барномаи ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ дохил шуда, мутобиқи Қонун ҳифз шавад;

г) мутобиқи санадҳои байналмилалие, ки ҶТ эътироф кардааст, ҳифз шавад.

Ҳаминро низ бояд қайд сохт, ки ҳуқуқҳои молу мулкии иҷрогарон дар муддати 50 сол пас аз иҷрои аввалини он амал мекунанд. Ҳисоби муҳлат аз 1 январи соли ояндаи иҷрои аввалин шурӯъ мешавад.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкии иҷрогарон бе маҳдудияти муҳлат ҳифз мешаванд, вале ҳамчун мерос ба шахсони дигар намегузаранд.

Яке аз тарзҳои калидии истифодабарии иҷро сабти иҷро аст. Аввал, худи сабт тарзи ҷудогонаи истифодабарии иҷро эътироф мешавад. Дуввум, сабт

асос барои амалисозии дигар тарзҳои истифодабарии асар хизмат мекунад: таҷдиди сабти иҷро, паҳнкунии сабти иҷро ва ғ. Саввум, гирифтани иҷозат барои амалисозии сабт ҳуқуқи дорандаи ҳуқуқи комил ба иҷро нисбат ба дигар тарзҳои истифодабарӣ, маҳдуд кардан мумкин аст.

Агар ба мазмуни бандҳои 7 ва 8 м. 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» назар намоем он як маъноро ифода мекунанд. Ба назари мо дар ин бандҳо сухан дар бораи дар интернет ва дигар шабакаҳо гузоштани сабти иҷро меравад, ки пеш аз ҷойгир кардани он сабт, аз иҷрогар розигиашро гирифтан зарур аст. Аз ҳамин хотир пешниҳод менамоем, ки банди 7 м. 34 Қонуни мазкур хориҷ шавад, чунки мазмуни он такроран ва саҳеҳтар дар банди 8 ҳамин модда оварда шудааст.

### 2.3. Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста

Дигар объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ ин фонограммаҳо мебошад. Зери мафҳуми фонограмма ҳар гуна сабти сирф овозии иҷроишҳо ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳо ба ғайр аз сабти овоз, ки ба асари аудиовизуалӣ дохил карда шудааст, фаҳмида мешавад. Ҳар сабти садо ғайри садоҳое, ки дар таркиби асарҳои аудиовизуалӣ мебошанд, фонограмма шуда метавонанд [92, с. 12].

Пеш аз ҳама қайд мекунем, ки ворид намудани ҳуқуқ ба фонограмма дар низоми ҳуқуқҳои вобаста мазмуни асосии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дорад. Мутобиқи банди 5, м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» фонограмма ҳар гуна сабти сирф овозии иҷроишҳо ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳо, ба ғайр аз сабти овоз, ки ба асари аудиовизуалӣ дохил карда шудааст, мебошад.

Ба андешаи Ю.В. Касимова «фонограмма ҳама гуна сабти истисноии садои иҷрошуда ё дигар садоҳо ё тасвири онҳо мебошад, ба истисноии сабти садоие, ки ба асари аудиовизуалӣ дохил карда шудааст» [109, с. 68].

Ба андешаи олимон Н.П. Корчагина, Е.А. Моргунова ва В.В. Погуляев «ҳангоми муайян намудани речаи ҳуқуқии фонограмма бояд ҳолатҳои зеринро бевосита зикр намуд: а) бояд фонограмма сабт шуда бошад, аз ин рӯ, сабти муайяни статикии садоҳои мувофиқ вуҷуд дорад; б) фонограмма бояд танҳо сабти овозӣ бошад; в) объекти сабт на танҳо иҷрои асарҳои адабиёт, илм ва санъат, балки умуман ҳама гуна садоҳо ва омезиши онҳо, сарфи назар аз пайдоиш, таъинот ва ғ.; г) дар ҳар гуна сабти овозӣ метавонад технологияи сабт, навъи медиа ва ғ., нақш бозад; ғ) усулҳои сабти овоз метавонанд хеле гуногун бошанд, ин ба ҳуқуқи истеҳсолкунандаи фонограмма низ таъсир намерасонад» [73, с. 286].

Агар ба таҷрибаи қонунгузории хориҷӣ назар афканем, масалан, м. 35 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 10 январи соли 1996, №6-I [24] ҳуқуқҳои истисноии вобаста ба фонограммаро ба истеҳсолкунандагони онҳо пешниҳод мекунад. Ҳамин тариқ, объекти ҳифз фонограмма дониста мешавад. Чунин сабти овозӣ бояд вонамудшавии моддӣ дошта бошад. Ба сифати мисол пластинкаҳои граммофонӣ, фиттаҳо, кассетаҳои магнитофониро меоранд.

Албатта, ҳам дар Тоҷикистон, Қазоқистон, ФР ва дигар мамлакатҳо чунин «номгӯй охирин намебошад, зеро дар шароити рушди техника раванди офаридани шаклҳои нав метавонад давомдор бошад. Қонун бошад, ҳолати мазкурро ба инобат гирифта, пешбинӣ намуд, ки сабт метавонад дар дигар шакл ҳам мустаҳкам шавад, ки ҳамчун нусхаи фонограмма дониста мешавад» [145, с. 63].

Барои мисол ба меъёри банди 12, м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» муроҷиат мекунем. Мутобиқи ақидаи Т.Б. Тулегенов «вай ба шакли моддии объекти муҳофизат тафсири васеъ медиҳад ва ба ғайр аз мафҳуми «фонограмма», ҳамчунин мафҳуми «сабт»-ро низ фаро мегирад, ки зери он қайди овозҳо ва (ё) тасвирҳо

бо ёрии васоити техникӣ дар ин ё он шакли моддӣ дониста мешавад, ки имконияти чандин бор қабулкунӣ, таҷдид ё хабардиҳиро дорад» [145, с. 64].

Барои ҳамин, қайд мекунад, ки «худи мафҳуми сабт барои қонунгузории Қазоқистон зиёдатӣ мебошад, чунки дар матни Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон мафҳумҳои кофӣ овардашудаи фонограммаи асари аудиовизуалӣ ва нусхаҳои онҳо оварда шудаанд» [145, с. 63-64]. Вале дар таркиби мафҳуми «сабт» аломатҳои муҳим инъикос ёфтаанд, ки тавассути онҳо мафҳуми фонограммаро бояд пурра гардонид.

Аввал, ин ишора ба истифодабарии васоити техникӣ барои қайдкунӣ мебошад. Дуввум, мафҳуми мазкур қайд мекунад, ки сабт бояд дорои аломатҳои аз нав такроркунии чандкарата, даркшавандагӣ ва хабаррасонӣ дошта бошад. Ин аломатҳо муҳим мебошанд, зеро худи мавҷудияти онҳо ба зарурати пешниҳоди ҳифз ба чунин объекти ба мисли фонограмма сабабгор мешавад. Аз ин лиҳоз, ба инобат гирифтани онҳо ҳангоми муайянкунии фонограмма мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки сархати 36, м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»-ро дар бар мегирад.

Таҳти мафҳуми фонограмма дар қонунгузории давлатҳои ИДМ, махсусан ҶТ, ФР ва Қазоқистон танҳо сабти овозии иҷро ё дигар садоҳо ва тасвирҳо фаҳмида мешавад. Чунонки рушди технология нишон додааст, маҳз ин гуна сабт чӣ тавр анҷом дода мешавад, кадом тарзҳо ва форматҳое истифода мешаванд, он қадар муҳим нест – танҳо он муҳим аст, ки бо кумаки онҳо садоро аз нав такрор кардан имконпазир шавад. Зери садо (овоз) мавҷҳои ёзанда (лаппиши мавҷноки муҳит) дониста мешаванд, ки бо қувваи муайяни сарчашмаҳо дар фазои муҳит (дар ҳаво, моеъҳо ва ҳоказо) паҳншуда ва аз ҷониби узвҳои шунавоӣ қабул ва ҳис карда мешаванд.

Он чӣ ки мутааллиқ ба истеҳсолкунандаи он яъне фонограмма аст, ҳуқуқҳо ба фонограмма метавонанд чӣ ба шаҳрвандони ҶТ ва чӣ ба ашхоси хориҷӣ, ҳамчунин шахсони бетабаа тааллуқ дошта бошанд. Дар сархати 9, м.

3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» оварда шудааст, ки «шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ташаббус ва масъулияти аввалини сабти овозии ягон иҷро ё дигар овозҳо, ё ин ки инъикоси овозҳоро ба уҳда гирифтааст. Дар сурати мавҷуд набудани далели дигар шахсе, ки ном ё унвони ӯ дар ин фонограмма ва ё дар ғилофи (ҷилди) он ба таври маъмули сабт ёфтааст, таҳиягари фонограмма ба ҳисоб меравад» [10].

Дар ин ҷо мавриди қайд аст, ки агар қонунгузории ҶТ мафҳуми «истеҳсолкунандаи фонограмма»-ро истифода карда бошад, қонунгузории ФР ба мафҳуми «таҳиякунандаи фонограмма» таваҷҷуҳ кардааст ва зери ин мафҳумҳо мутобиқи қисми чоруми КГ ФР шахсеро мефаҳмад, ки «ба зимаи худ ташаббус ва уҳдадориро барои сабти аввалаи овози иҷро ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳо, гирифтааст. Дар он муқаррар гардидааст, ки ҳангоми мавҷуд набудани далели дигар таҳиякунандаи фонограмма шахсе эътироф мешавад, ки ном ва унвони вай ба таври муқаррарӣ дар нусха ва (ё) бастабанди фонограмма нишон дода шуда бошад» [30].

«Муҳаққиқони ватанӣ низ дар робита ба мафҳуми пешбининамудаи қонунгузорӣ таъкид медоранд, ки истеҳсолкунандаи фонограмма шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошанд, ки ташаббус ва масъулияти аввалини сабти овозии ягон иҷро ё дигар овозҳо, ё ин ки инъикоси овозҳоро ба уҳда гирифтаанд. Дар сурати мавҷуд набудани далели дигар шахсе, ки ном ё унвони ӯ дар ин фонограмма ва ё дар ҷилди он ба таври маъмулӣ сабт ёфтааст» [58, с. 93].

Талаби асосие, ки ба объектҳо барои ҳифз пешниҳод мешавад, ба он мутааллиқ мешавад, ки сабт бояд фақат овозӣ бошад. Чунин ҳолат дар м. 3 Конвенсияи байналмилалии Римӣ бевосита мустаҳкам гардидааст, ки вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳунарпешаҳо-иҷрогарон, таҳиягарони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахши радиоӣ, равона карда шудааст. Тибқи он, «таҳти мафҳуми фонограмма маънои ҳама гуна дарҷи истисноии овозӣ, ки сарчашмаашон иҷро ё дигар овозҳо мебошанд фаҳмида мешавад» [32].

Аз ин лиҳоз, агар тавъамкунии сабти видеоӣ ва овозӣ ҷой дорад, пас объекти дигар – асари аудиовизуалӣ ба вуҷуд меояд, ки мутобиқи сархати дуюми м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» объекти ҳуқуқи муаллиф мебошад. Айнан ҳамин хел ҳам фонограмма сабти нотавӣ мебошад, ки дар асоси мусиқидонӣ бо асари иҷрошуда, офарида шудааст.

Аз муқаррароти дар м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» пешбинигардида, аён мегардад, ки мазмуни онҳо ё иҷрои овозӣ ё ҷамъи ҳама гуна дигар садоҳоро ташкил медиҳанд. А.П. Сергеев иброз медорад, ки «ин ё дигар овозҳо метавонанд чун инъикоси овозҳои мухталиф, садои ҳайвонот, сурудхонии паррандагон ва ғ., ташкил дода бошанд» [94, с. 322].

Ҳамин тариқ, аз рӯйи таркибу мундариҷа фонограммаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан имконпазир мебошад:

1) фонограммаҳои аз сабти асари муаллифӣ таркибёфта ва ҳамчунин асарҳои шифоҳии муаллифии мустаҳкамгардида;

2) фонограммаҳои ҳар гуна овозҳоро дарҷкунанда, ки пайдоишашон бо истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти эҷодии инсон алоқаманд нест.

Чунин таснифот барои муайян намудани шароитҳои ба вуҷуд омадани объекти ҳифз ва ҳаҷми салоҳияти ҳуқуқӣ аз рӯйи истифодабарии он, моҳияти калон дорад. Мақсад дар он аст, ки объектҳои ба гурӯҳи якум мансуббуда дар натиҷаи истифодаи объектҳои мавҷудбудаи ҳифзшаванда аллакай ба вуҷуд меоянд. Таснифоти умуман эътирофшудаи бо чунин роҳ офаридашавии объект ҳосилшавии он мебошад.

Барои таҳиягарони фонограммаҳо ин чунин маъно дорад, аввалан, зарурати ба даст овардани розигии муаллиф ва иҷрогар барои дарҷ кардани натиҷаҳои эҷодии онҳо бо роҳи сабти овозӣ. Чунин иҷозат далели ҳуқуқӣ мебошад ва мавҷудияти он барои ба вуҷудоии ҳифзи фонограммаи сохташуда ва ҳуқуқҳои вобастаи офаринандаи он муҳим ва зарур аст.

Принсипи мазкур аз сархати 3, м. 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», ки мутобиқи он «иҷрогар ҳуқуқҳоро амалӣ мегардонад, ки бо боби мазкур бо шартҳои риояи ҳуқуқҳои муаллифони асарҳои иҷрошаванда, пешбинӣ шудаанд».

Тибқи нуктаи назари Т.Б. Тулегенов «дуввум, хусусияти ҳосилшавандагии объект ҳаҷми салоҳияти ҳуқуқиро аз рӯйи истифодабарии он боис мешавад. Истеҳсолкунандаи фонограмма ҳуқуқ дорад, бознашр ва азнавтакроркунӣ, паҳнкунӣ, ба таври киро додан, аз нав коркардабарории фонограммаро танҳо дар он ҳолате амалӣ намояд, агар ҳар яке аз ин ҳуқуқҳо махсусан бо муаллиф ва иҷрогар пешакӣ шартгузорӣ шуда бошанд. Барои чунин истифодабарии як иҷозат ба дарҷкунӣ кофӣ нест» [145, с. 65-66].

Барои иҷрогар ҳуқуқи иҷозати дарҷкунии пешакӣ иҷрои дарҷнашуда, ҳуқуқи иҷозати ба кироя додани сабти иҷрои вай, аз нав такроркунии онҳо ва паҳнкунӣ, ҳамчунин салоҳиятҳои ҳуқуқии мустақил ҳастанд. Аммо азбаски истифодабарии фонограмма ва истифодабарии натиҷаҳои эҷодии ин субъектҳо яквақта амалӣ карда мешавад, пас иҷозати муаллиф ва иҷрогар ба ҳар як тарзи истифодабарии фонограмма муҳим ва зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, барои истеҳсолкунандаи фонограмма имконияти амалигардонии истифодабарии фонограмма бо роҳи азнавтакроркунӣ, паҳнкунӣ, ба иҷора ё ба киро додан, аз нав офаридан аз мундариҷаи шартнома бо муаллиф ва иҷрогар вобастагӣ дорад. Ин ҳуқуқҳо барои вай ҳосилшуда мебошанд, азбаски истеҳсолкунандаи фонограмма онҳоро на бо далели офаридани фонограмма, балки аз рӯйи шартнома бо муаллиф ва иҷрогар ба даст меорад.

Ҳамзамон аз лаҳзаи офаридани фонограмма истеҳсолкунандаи он дорои як қатор ҳуқуқҳо мешавад, ки хосияти аввалия доранд. Онҳо аз рӯйи шартнома намегузаранд ва аз майлу хоҳиши муаллиф ва иҷрогар вобастагӣ надоранд.

Ба истеҳсолкунандаи фонограмма ваколатҳои нишондодашуда нисбати объекти сохташудаи онҳо – сабт, пешниҳод карда шудаанд. Маҳз сабт аслан бо ҳуқуқҳои вобаста ҳифз карда мешавад ва маҳз нисбати он салоҳиятҳои ҳуқуқии нишондодашудаи истеҳсолкунанда амалӣ мегарданд. Мазмуну мундариҷаи сабт – иҷро ва асари муаллифӣ зери ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста қарор намегиранд. Аз рӯйи моҳият, фонограмма шакли нави мустаҳкамкунии объективии асар ва иҷро мебошад. Ҳуқуқҳои вобаста маҳз ба ҳамин шакл паҳн мегардад, зеро он ба осонӣ нусхабардорӣ ва паҳн мешавад. Моҳияти ҳуқуқҳои вобаста аз он иборат аст, ки истифодабарии ин шаклу намудро бо мақсади ҳифзи манфиатҳои молумулкии офарандаи он назорат бояд кард.

Аз ҷониби субъекти салоҳиятдори ҳуқуқ амаликунии иҷозат ё манъи истифодабарии шакл ба мазмуну таркиб паҳн намешавад. Бинобар ин имконияти амалигардонии он аз ҳаҷми салоҳияти ҳуқуқии аз рӯйи шартнома аз тарафи муаллиф ва иҷрогар додашуда, вобастагӣ надорад. Бо вуҷуди ҳамин, азбаски таркиби фонограмма объекти мустақили ҳифз мебошад, амалисозии истифодабарии шакл иҷозати ҷудогона барои истифодабарии мазмуну мундариҷаро тақозо менамояд. Чунин иҷозат танҳо аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ ва иҷро пешниҳод шуда метавонад.

Вобаста ба ҳамин ин объектҳои ҳифзро аз ҳамдигар ҷудо кардан зарур мебошад. Иҷозат ба истифодабарии асар ва (ё) иҷро, ки аз тарафи муаллиф ё иҷрогар дода шудааст иҷозати амалисозии истифодабарии сабти онҳоро дар бар намегирад. Ва баръакс, иҷозат ба амалӣ намудани сабт иҷозати ҳамзамон ба истифодаи асар ва иҷрои дар ин сабт дарҷгардидаро дар назар надорад. Ҳамин тариқ, барои бавуҷудоварии истифодаи объекти ҳосилшаванда – фонограмма бояд иҷозат ба истифодабарии ҳар як объекти мустақил: асари муаллифӣ, иҷро, фонограмма, доштан ҳатмӣ мебошад.

Ҳамчунин қайд менамоем, ки мутобиқ ба сархати 28, м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» таҳти мафҳуми

«инъикоси овоз ё тасвир» - шакли рақамии пешниҳоди садо ё тасвир бо кумаки воситаҳои техникии мутаносиб фаҳмида мешавад.

Раванди офаринишу тайёркунии фонограмма дар асоси технологияи муайян бунёд ёфтааст ва таҷҳизоти махсусро барои истеҳсол ва комёбиҳои тиҷоратӣ талаб менамояд. Аз рӯйи тартиботи умумӣ аввалан сабти ибтидоии овозҳо (асл) ба амал бароварда мешавад, ки дар оянда барои офаридани миқдори талабшудаи нусхаҳо истифода мегардад. Аммо фонограмма метавонад дар шакли як нусха мавҷуд бошад ва ин табиати ҳуқуқии онро тағйир намедиҳад. Баъдан асоси моддӣ моҳият надорад, ки дар он чунин сабт ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар қ. 2, м. 30 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо мустаҳкам шуда, нисбат ба шахсони зерин татбиқ карда мешавад: «1) ба фонограммаҳое, ки таҳиягари онҳо шаҳрванди ҶТ ё шахси ҳуқуқиест, ки дар ҳудуди ҶТ маҳалли ҷойгиршавии расмӣ дорад; 2) ба фонограммаҳое, ки таҳиягари онҳо шаҳрванди ҶТ намебошад ва шахси ҳуқуқиест, ки дар ҳудуди ҶТ маҳалли ҷойгиршавии расмӣ надорад вале бори аввал дар ҳудуди ҶТ нашр шудаанд ё дар муддати 30 рӯзи баъди нашри аввалин дар кишвари дигар ва ё дар ҶТ нашр шудаанд» [10].

Ҳуқуқи асосии истеҳсолкунандаи фонограммаҳо дар ин ҷо ҳуқуқи истисноӣ аст, ки ба соҳибҳуқуқ имконияти истифодабарии фонограммаро бо худи ҳамон тарзҳо медиҳад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» пешбинӣ шудаанд.

Ба андешаи муаллифони китоби дарсии ҳуқуқи муаллифӣ «агар нусхаҳои қонунан нашршудаи фонограмма тавассути фурӯш ба муомилот бароварда шуда бошад, паҳнкунии минбаъдаи он бе иҷозати истеҳсолкунандаи фонограмма ва бе пардохти ҳаққи қалам мумкин аст. Дар ин маврид, сарфи назар аз ҳуқуқи моликият ба нусхаҳои фонограмма, истеҳсолкунандаи фонограмма ҳуқуқи паҳнкунии нусхаҳои фонограммаро

бо роҳи ба кироя додани онҳо нигоҳ медорад. Ҳуқуқҳои истисноии истеҳсолкунандаи фонограммаи мутобиқи қонун пешбинишуда, метавонанд тибқи шартнома ба дигар ашхос дода шаванд» [40, с. 132].

Эътирофи фонограмма аз ҷониби истеҳсолкунанда ягон намуди расмиятро талаб намекунад. Истеҳсолкунанда он нафаре дониста мешавад, ки номи вай дар худи фонограмма ё дар таҷҳизотҳое, ки дар онҳо вай ҷойгир карда шудааст, нишон дода шуда бошад.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки ҳуқуқ ба фонограмма ба шахс новобаста аз мавҷудият ё мавҷуд набудани таркиби эҷодӣ дар фаъолияти вай, пешниҳод мегардад. Барои он ки ҳуқуқ ба фонограммаро ба даст овард, танҳо ба зиммаи худ гирифтани ташаббус ва уҳдадорӣ барои сабти аввалаи овозҳои иҷро ё дигар садоҳо ё ин ки инъикоси ин садоҳо кофӣ аст.

Дар тафсир ба қисми чоруми КГ ФР оварда шудааст, ки «бо вуҷуди ин ишора ба «ташаббус ва уҳдадорӣ» он маъноро дорад, ки барои ба даст овардани ҳуқуқ офарандаи фонограмма на ҳама вақт иҷрокунии амалҳои воқеӣ барои тайёр кардани фонограммаҳо талаб карда намешавад. Тайёркунии фонограммаро барои дигар шахс ҳам фармоиш додан мумкин аст, чунин таҷриба хеле паҳнгашта мебошад. Дар чунин ҳолатҳо «ба зиммаи худ гирифтани ташаббус ва ҷавобгарӣ» дар шаклҳои муайяни ҳуқуқӣ бояд амалӣ гардад: масалан ба намуди шартнома барои амалӣ офаридани сабти овоз барои консерт. Агар шахс худаш тайёркунии сабтро амалӣ созад, пас «ба зимаи худ гирифтани ташаббус ва ҷавобгарӣ» дар амалҳои аслӣ доир ба амалбарории сабт инъикос меёбад» [72, с. 88].

Қобили тазаккур мебошад, ки дар ин замина танҳо сабти аввала ба инобат гирифта мешавад. Дигар васила ва шаклҳои азнавсабтнамоии фонограмма сабаби пайдоиш ва бавуҷудоии ҳуқуқҳои нав ба фонограмма гардида наметавонад. Барои мисол, агар пахши мустақими маросими овозхонӣ дар эфир равад, пас шахси сабти аввалаи онро анҷомдиҳанда, метавонад ба фонограммаи сохташуда ҳуқуқро пайдо кунад. Лекин агар дар

фосилаи байни иҷро ва пахш дар эфир сабти чунин иҷро сохта шуд ва маҳз баъд ба эфир бароварда шуд (яъне баъзе ва агарчи тағйироти на он қадар калон дар вақт байни иҷро ва пахш ҷой дошта бошад ҳам) пас шахси сабткунандаи маросими овозхонӣ «аз эфир» ҳуқуқро ба фонограмма соҳиб намешавад.

Ба андешаи В.А. Хохлов «муқаррар намудани тартибот дар бораи иҷозати озодонаи истифодабарии фонограммаҳо талаботҳои мутаносиби ҷамъиятии истифодабарии сабтро бе розигии пешакии соҳибҳуқуқони мувофиқбударо инъикос менамояд» [100, с. 261-262].

Дар баъзан мавридҳо истифодабарии оммавии фонограммаҳо ба назар мерасад, ки он бештар вомехурад дар марказҳои дилхӯшӣ, театрҳо, ҳангоми пахши радиоӣ (мавҷи FM - диапазони радиоӣ) ва ғ. Бояд дар назар гирифт, ки дар як навбат мафҳуми «иҷрои оммавӣ» то ҳол ба таври пурра ва ҳаматарафа асоснок ва маълум нагардидааст.

Мутобиқи сархати якуми қ. 2, м. 1324 КГ ФР [30] зери ин мафҳумҳо «ҳама гуна пахши фонограмма бо тавассути воситаҳои техникӣ дар якҷоягӣ бо маконҳои барои ташрифу ҳазури озод, кӯшода, ки дар он ҷо иштироки шахсони зиёд имконпазир аст ва онҳо ба як оила мансуб нестанд» дониста мешавад.

Тибқи нуктаи назари Э.П. Гаврилов «комилан фаҳмо аст, ки дар амал бе шарҳдиҳӣ ва равшанкунии махсус аниқ қабул кардани меъёри мазкур хеле душвор аст. Масалан, оё барои ронандагони «маршруткаҳои мусофиркашонӣ» барои дар ҳазури мусофирон гӯш кардани кассетаҳо ва барномаҳои родиоӣ пардохти маблағи муайян зарур аст? Ба назар чунин мерасад, «оммавӣ будани иҷро» ба далели гушкунии сабт аз ҷониби миқдори муайяни одамон, аз ҷумла ба аъзои як оила мансуб набуда, набояд таваҷҷуҳ кард, балки ба таъиноти функсионалии худи бино (ташкилот) бояд алоқаманд донист» [53, с. 88].

Дигар саволҳо ҳам мавҷуданд. К.Е. Коробкова хеле дуруст қайд мекунад, ки «мусиқӣ ҳар чӣ бештар қиммат мешавад» ва боз арзёбии мантиқии низоми имрӯзаи ситониши маблағҳо ба фоидаи ҳам муаллиф ва ҳам истеҳсолкунандагони фонограммаҳо тақозо карда мешавад. Аз ҷумла вай савол мегузорад: агар радиостансия подошро «гӯиё ки аз барои ҳама шунавандагон» пардохт кардааст, пас барои чӣ ташкилоти хӯроки умум, ки дар он ҷо ҳам худи ҳамон радиостансияҳо кор мекунанд, бояд барои худи ҳамон мусиқӣ бори дигар пардохт кунанд? Ва барои чӣ «дар барои пули комиссионӣ» ташкилотҳои идоракунии дастаҷамъии ҳуқуқҳои муаллифӣ ба имконияти пардохти мустақимро ба соҳибҳуқуқ роҳ намедиҳанд? [110, с. 52].

Ба саволи гузоштаи К.Е. Коробкова чунин ҷавоб додан мумкин аст, ки радиостансияҳо аз тарабхонаҳо комилан фарқ доранд. Дар тарабхонаҳо аксар фонограммаҳо бевосита тавассути воситаҳои техникии худашон паҳн мешавад. Дар ягон «маркази дилхӯшӣ» аз радио истифода намебаранд. Барои ҳамин ҳам чунин корхонаҳо бояд подоши бо қонун муайяншударо ба соҳибҳуқуқи фонограмма диҳанд.

Нуктаи назар оид ба он ки барои мусиқӣ ду маротиба пардохт сурат мегирад нодуруст ба ҳисоб меравад, чунки асоси ба даст овардани нусхаи фонограмма танҳо ҳуқуқи шахсиро ифода менамояд на ин ки истифодабарии оммавии онро ва пардохтҳои радиостансияҳо имкон медиҳанд, то ки мусиқӣ танҳо дар эфир ба таври қонунӣ пахш шавад. Лекин дар он, маълум нест ба кӣ ва чӣ қадар дар ниҳояти кор пул пардохт карда мешавад, ягон чизи муқарраршуда вуҷуд надорад; дар назар он аст, ки офаридани низоми фардикардашудаи пардохт муяссар нашудааст ва иқтибосҳо ба он ки «чунин дар тамоми дунё қабул карда шудааст» дар асри XX муносибу мувофиқ буданд.

Ба андешаи мо В.А. Хохлов ҳақ аст, ки аз кӯшиши якхела арзёбии объектҳои фонограммӣ ва асарҳои муқаррарии муаллифӣ бояд даст кашем ва

аз ҷумла бояд кӯшиш кунем то реҷаи ягонаи ҳуқуқӣ ва шароитҳои ягонаи пардохт барояшон муҳайё созем [100, с. 263].

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» тартиби истифодабарии асар ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста аз ҷониби дигар шахсон ва ҳамчунин аз нав такроркунии асарҳо ва фонограммаҳоро бо мақсадҳои шахсӣ пешбинӣ намудааст. Мутаносибан дар қ. 1, м. 38 ва қ. 6, м. 39 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» мустаҳкам карда шудаанд. Аз ҷумла, дар м. 38 Қонуни болозикр муқаррар гардидааст, ки истифодабарии асарҳо ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста аз тарафи ашхоси дигар бидуни иҷозати дорандагони ҳуқуқҳои истисноӣ ба асар ва бо пардохти подош, роҳ дода мешавад, ба ҷуз аз ҳолатҳое, ки мутобиқи м.м. 19-21, 24, 39-41 Қонуни муаллифӣ пешбинӣ шудаанд. Моддаи 39 Қонуни муаллифӣ эълом медорад, ки бе розигии муаллиф ё дигар дорандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ, вале бо пардохти подош аз нав баровардани асарҳои аудиовизуалӣ ё фонограмма танҳо ба мақсадҳои шахсӣ, роҳ дода мешавад.

Пардохти ҳақ (подош) ҷиҳати аз сари нав ҳосил кардани асар ё фонограмма, ки дар муқаррароти моддаи мазукр пешбинӣ шудааст ба таҳиягарон ё содиркунандагони таҷҳизот (аудиовидео-магнитофонҳо ва ғ.) ва фарогирандаҳои моддӣ (пленкаҳои садо ва видеоӣ ва кассетаҳо, фиттаҳои лазерӣ, компактфиттаҳо ва ғ.), ки барои чунин аз нав такроркунӣ истифода шудаанд, анҷом дода мешавад. Ҷамъоварӣ ва тақсимкунии ин подош аз ҷониби яке аз ташкилотҳо, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо мутобиқи созишномаи байни ин ташкилотҳо, тибқи м. 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» амалӣ карда мешавад.

Баъдан қонун дар м. 39 аниқ пешбинӣ мекунад, ки агар бо ин созишнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, подоши ҳаққи мазкур дар чунин таносуб тақсим карда мешавад: 40% - ба муаллифон, 30% - ба иҷрогарон, 30% - ба истеҳсолкунандагони фонограммаҳо. А.А. Абдуллоев ва Ф.А. Очилова

иброз менамоянд, ки «бо вуҷуди ҳамин андозаи подоши ҳақ ва шароити пардохти он мутобиқи созишномаи байни офарандагон ва содиркунандагони нишондодашуда аз як тараф ва аз дигар ҷониб, агар тарафҳо дар ҳолате, ки чунин созишро – аз ҷониби мақомоти ваколатдор нагирифта бошанд, муайян карда мешавад. Подошдиҳӣ барои таҷҳизотҳо ва василаҳои моддии дар моддаи мазкур пешбинишуда, ки предмети содирот маҳсуб мешаванд ва ҳамчунин ба таҷҳизоти касабавӣ, ки барои истифода дар шароити хона таъин нашудаанд, ҳаққи қалам пардохт карда намешавад» [39, с. 141].

Ҳаҷми подошдиҳӣ ва талаботи пардохти он тибқи созишномаи истифодабарандаи фонограмма ё иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳо)-и чунин истифодабарандагон аз як тараф ва ташкилотҳои ҳуқуқҳои молумулкии истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва иҷрогаронро пешбаранда аз тарафи дигар муайян карда мешаванд. Ҳаҷми подош ба ҳар як намуди истифодабарии фонограмма муайян карда мешавад. Истифодабарандагони фонограмма бояд ба ташкилотҳои дар м. 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» нишондодашуда, барномаҳо, маълумотҳои аниқ ва ҳуҷҷатҳои барои ҷамъоварӣ ва тақсимкунии подош дарбаргирандаро, маълум намоянд.

Дар м. 41 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» маҳдудиятҳои истеҳсолкунандаи фонограмма, яъне маҳдудкунӣ дар нисбати истеҳсолкунандаи фонограмма ҳамчун субъекти ҳуқуқҳои вобастаи бо қонунгузории ҶТ эътирофшуда, муқаррар гардидаанд. Ё ин ки ба таври дигар дар м. 41 ҳадди амалисозии субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста муқаррар карда шудаанд.

Боиси қайд аст, ки м. 42 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» бо сарлавҳаи «Мӯҳлати амали ҳуқуқҳои вобаста ба он» нисбат ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста, айнан дар нисбати истеҳсолкунандаи фонограммаҳо ва ба худи фонограмма таъсир мерасонад.

Тибқи муқаррароти КГ ФР «ҳуқуқи истисноӣ ба фонограмма дар муддати 50 сол бо ҳисоби аз 1 январи соли баъд, ки дар он вақт сабт анҷом додашудааст, амал мекунад. Дар ҳолати оммавӣ гардонидани фонограмма ҳуқуқи истисноӣ ба муҳлати 50 сол амал мекунад. Бо баҳисоб гирифтани якуми январи соли дигар, ки дар он бо шарте интишор шудааст, ки фонограмма ба муҳлати 50 сол пас аз анҷом додани сабт оммавӣ интишор шудааст. Чунин қоида дар қонунгузории ФР ҳам дарҷ гардидааст» [30].

Ба нуктаи назари В.А. Хохлов «ҳуқуқи истисноӣ ба фонограмма ба мерос мегузарад, аммо дар ҳадди қисмати боқимондаи муҳлатҳо. Бо гузаштани муҳлати амали ҳуқуқҳои истисноӣ ба фонограмма вай ба моликияти ҷамъиятӣ табдил меёбад» [100, с. 264-265].

Барои тасдиқ овардани меъёре аз КМ ҶТ дар ин ҷо ба маврид аст. Моддаи 1242 ба масъалаи муҳлати амали ҳуқуқҳои молу мулкӣ бахшида шудааст (қаблан м. 1132 КГ ҶТ) [5]. Аз ҷумла меъёрҳои моддаи мазкур бо навгонии «ба моликияти ҷамъиятӣ» пурра карда шуда, дар таҳрири зерин ифода ёфтааст. «Муҳлати амали ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи объектҳои моликияти зеҳнӣ, тартиби ҳисобкунии онҳо, асос ва тартиби тамдид ё барқарор намудан, ҳамчунин асос ва тартиби пеш аз муҳлат қатъ гардидани амали чунин ҳуқуқҳоро қонунгузорӣ муқаррар менамояд.

Дар адабиёт қайд мешавад, ки «агар муҳлати ҳуқуқи истисноии сароянда ба иҷро анҷом ёфт, пас тайёркунанда ҳуқуқҳои худро ба фонограммаи мувофиқ аз даст намедиҳад. Амали ин меъёр фаҳмо аст, агар ба инобат гирем, ки ҳуқуқ ба фонограмма ва ҳангоми мавҷуд набудани асар (масалан, ҳангоми сабти садои шаршара) ҳам вуҷуд дорад» [100, с. 265].

Бо ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ таъмин намудани офарандаи фонограмма – яке аз масъалаҳои асосе мебошад, ки он чӣ дар КМ ҶТ ва чӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» муқаррар нашудааст. Аз ҳамин хотир такмили қонунгузорӣ дар ин самт ба андешаи мо зарур мебошад.

Вобаста ба аҳаммияти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллифони асар Б.Р. Расулов қайд менамоянд, ки «моҳияти ҳуқуқии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф дар баробари аломатҳои умумие, ки ба тамоми ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии умумӣ хос аст, инчунин бо аломатҳои хоси онҳо, ки аз вазифаҳои мушаххаси онҳо бармеоянд, муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани моҳияти ҳуқуқии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф меъёрҳои «шахсият» ва «ғайримолумулкӣ» аҳаммияти аввалиндарача доранд. Ҳар яке аз ин меъёрҳо хусусиятҳои хоси онро инъикос мекунанд. Аҳаммияти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф барои ҷомеа ва тамоми инсоният махсусан таъкид карда мешавад, ки тавассути он мувофиқати манфиатҳои муаллиф бо ҷомеа дар мавриди истифодаи асар таъмин карда мешавад» [143, с. 6].

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии нишондодашуда бо ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ва иҷрогар аз рӯйи ҳаҷми салоҳияту соҳибҳуқуқии онҳо аллакай ҳамшабеҳ мебошанд. Ҳамин тавр, агар ҳуқуқи муаллиф ё иҷрогар ба ном талаби нишондиҳии номи худ ҳангоми ҳаргуна истифодабарии асар ё иҷроро имконпазир мегардонад.

Аз ҷониби дигар гузариш ва ё қатъ шудани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои иҷрогар ба асари сабтшуда ба ҳақиқӣ будани ҳуқуқҳои истеҳсолкунандаи фонограмма таъсир намерасонанд.

Чунончи агар асар ба дастоварди ҷамъиятӣ табдил ёбад, пас ин он маъноро надорад, ки ҳуқуқҳо ба фонограмма қатъ мешаванд ва вай метавонад озодона истифода бурда шавад.

Истеҳсолкунандаи фонограмма, ки дар он иҷрои асари муайян сабт шудааст метавонад ба ҳар шахс истифодаи онро манъ кунад, лекин наметавонад онро бе розигии муаллифи асар ва иҷрогарон (ё ворисони ҳуқуқии онҳо) истифода барад.

Тарзҳои истифодабарии фонограммаро, ки аз муқаррароти моддаҳои болозикри Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба

он» бармеоянд, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, метавон ба натиҷа расид, ки тамоми онҳо истифодабарии оммавии фонограммаро пешбинӣ менамоянд.

Мутобиқан ба тарзҳои истифодабарии фонограмма назар ба меъёрҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ тарҷума нишон дода нашудааст. Ин тасодуфӣ нест, азбаски фонограмма – ин танҳо дарҷи дигар объектҳо аст, ки аллакай дар навбати худ метавонанд ба як забони муайян инъикос ёбанд. Дарки забон ба худи фонограмма татбиқнашаванда аст, вақте, ки барои мисол, суруди дар фонограмма ҷойдошта метавонад ба забони муайян навишта шуда бошад; ин суруд (лекин на фонограмма) ва метавонад тарҷума шуда бошад, лекин дар ин ҳолат чунин тарҷума аллакай зери амали меъёрҳои ҳуқуқи муаллифӣ меафтад [107, с. 76].

Дар ҳолатҳое, ки аз нав коркарди фонограмма қонунӣ ба амал баровarда шудааст, шахси чунин аз нав таҷдидкуниро анҷом додааст соҳиби ҳуқуқи мустақилона дар натиҷаи коркарди фонограммаи нав сохташуда мешавад. Инро ҳангоми бастани шартномаи литсензионӣ ба инобат гирифтан зарур меояд, зеро ба литсензиат пешниҳод намудани ҳуқуқи амалигардонии аз нав коркардабарории фонограмма он маъноро ифода менамояд, ки фонограммаи коркардшуда аллакай аз зери назорати истеҳсолгари аввалаи фонограмма мебарояд.

Дар таҷибаи низоми қонунгузории давлатҳои дигар, махсусан ФР масъалаҳои мазкур дар доираи қисми чоруми КГ ФР дарҷ гардидаанд, яъне мафҳуми азнавбарорӣ бо ном сабтҳои муваққатӣ ва технологӣ, ки бо таҷҳизоти мувофиқ дар раванди истифодаи муқаррарии фонограмма амалӣ карда шудааст.

Ва албатта бояд асл ва нусхаи фонограммаро аз ҳам фарқ кард. Асли фонограмма – ин дарҷи ибтидоии садоҳои муайян аст. Нусхаи фонограмма ҳамагуна нусхаи фонограмма дар ҳар гуна воситаи моддӣ эътироф мешавад, ки бевосита ва ё ғайримустақим аз фонограмма тайёр карда шудааст ва ҳамаи

садоҳо ё қисми овозҳоро ё инъикоси онҳоро дар бар мегирад, ки дар ин фонограмма дарҷ карда шудаанд. Бо вуҷуди ҳамин талаб карда намешавад, ки нусхаи фонограмма такрори саҳеҳи асл бошад. Зиёда аз ин роҳ дода мешавад, ки дар нусхаи фонограмма танҳо қисми садоҳои дар асл ҷойдошташуда, дарҷ карда мешаванд.

Ба андешаи Ш.К. Ғаюров «имконияти истифодаи асар бе розигии муаллиф масъалаи алоҳидаро ташкил медиҳад, ки он метавонад ҳам бо пардохти подошпулӣ, ҳам бе пардохти он амалӣ шавад. Мутобиқи Қонуни муаллифӣ, бидуни розигии муаллифи асар, иҷрокунанда ва таҳиякунандаи фонограмма, аммо бо пардохти подошпулӣ таҷдиди асари аудиовизуалӣ ё сабти овози асар, фақат ба бо мақсадҳои шахсӣ иҷозат дода мешавад» [57, с. 12].

Агар ҳуқуқи истисноӣ ба фонограмма муштаракан ба чанд ашхос мансуб бошад, пас ихтиёрдорӣ бо чунин ҳуқуқ аз тарафи ин ашхос дар якҷоягӣ ба амал бароварда мешавад. Бо вуҷуди ин ҳар яке аз онҳо метавонад мустақилона фонограммаро истифода баранд, агар танҳо дар шартномаи байни онҳо тартиби дигаре муайян нагардида бошад. Шартнома миёни дорандагони ҳуқуқ метавонад тартиб ва шарҳои тақсимкунии даромадҳо аз истифодабарии фонограмма ва сариштакунии ҳуқуқ ба онро муайян созад, агар соҳибҳуқуқон доир ба ин маслиҳат накарда бошанд, пас чунин даромадҳо бояд баробар тақсим карда шаванд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» нисбати фонограмма татбиқ намудани бо ном қоида дар бораи масрафи ҳуқуқҳоро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла тибқи муқрраротиҚонуни болозикр «агар асл ё нусхаҳои фонограммаҳои нашршуда баробар ба муомилоти маданӣ дар ҳадуди ҶТ, бо роҳи фурӯш ё дигар намуди бегонакунӣ, ворид карда шудаанд, паҳншавии минбаъдаи асл ё нусхаҳои ин фонограмма бе розигии дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба фонограмма ва бе пардохти подош ба вай роҳ дода мешавад» [10].

Ба андешаи И.А. Близнетс ва А. Антонова «иҷрои оммавии чунин фонограмма, интиқоли он дар эфир ва ё кабел метавонанд бе розигии дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба фонограмма ба амал бароварда шаванд. Шарти ягонаи чунин истифодабарӣ ба ҳамин шахс пардохт кардани подош мебошад. Ҷамъоварӣ ва тақсимкунии ҳаққи подоши аз ҷониби ташкилот доир ба идоракунии ҳуқуқҳо дар асоси дастаҷамъӣ, аккредитатсияи давлатиро барои ҷамъоварии чунин подош гирифта, амалӣ карда мешавад» [104, с. 6].

Дар маҷумъ таҳлилҳо нишон медиҳад, ки таҳиягари (истеҳсолкунандаи) фонограмма шахси воқеӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки ташаббус ва масъулияти аввалини сабти овозии ягон иҷро ё дигар овозҳо, ё ин ки инъикоси овозҳоро ба уҳда гирифтааст.

Фонограмма гуфта, ҳар гуна сабти сирф овозии иҷроишҳо ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳоро меноманд (ба ғайр аз сабти овозҳое, ки ба асарҳои аудиовизуалӣ дахл доранд).

Азбаски таҳияи фонограмма фаъолияти сирф техникӣ аст, таҳиягарон танҳо ҳуқуқҳои молу мулкӣ доранд.

Дар Қонун ҳуқуқҳои зерини таҳиягарони фонограмма номбар шудааст:

1) ҳуқуқи таҷдиди фонограмма. Таҷдиди фонограмма ин таҳияи як ё якчанд нусхаи фонограмма ё қисме аз он дар ҳар гуна шакли моддӣ, ҳамчунин нигаҳдории доимӣ ё муваққатӣ дар хотираи МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ мебошад. Ин ҳуқуқ ба таҳиягари фонограмма имкон медиҳад, ки фонограммаро таҷдид намояд ё барои таҷдид иҷозат диҳад;

2) ҳуқуқи коркард. Яъне таҳиягари фонограмма метавонад бо ҳар гуна тарзу усул фонограммаро тагйир диҳад ва дигаргун созад. Ин ҳуқуқашро бо роҳи илова кардани садоҳои иловагӣ, тағйир додани наво, ихтисор кардани баъзе овозҳо ва ғ. ё иҷозат додани чунин амалҳо татбиқ месозад. Ҳангоми сабти овозии иҷро (асар) дар фонограмма розигии иҷрогар (муаллиф) барои чунин коркард зарур мебошад;

3) ҳуқуқи паҳн кардани нусхаҳои фонограмма. Таҳиягари фонограмма бо роҳи фурӯш, ба кироя додан, ҳадя, мубодила ва ғ. ё иҷозати чунин амалҳо ин ҳуқуқашро татбиқ месозад.

Барои паҳн кардани фонограммаҳое, ки дар онҳо иҷро (асар) сабт шудааст, иҷозати иҷрогар (муаллиф) зарур аст;

4) ҳуқуқи воридот. Яъне, таҳиягари фонограмма метавонад нусхаҳои фонограммаро ба ҳудуди давлате, ки ҳуқуқи вай амал менамояд, ворид созад. Ҳамчунин таҳиягари фонограмма ҳуқуқи ворид намудани фонограммаҳоеро дорад, ки барои тайёр кардани онҳо иҷозат додааст.

Ҳуқуқҳои таҳиягарони фонограмма дар ҶТ дар мавридҳои зерин татбиқ мегарданд:

–агар фонограммаҳо аз ҷониби шаҳрванди ҶТ ё шахси ҳуқуқие, ки дар қаламрави ҶТ маҳалли ҷойгиршавии расмӣ дорад, нашр шуда бошанд;

–агар фонограммаҳо бори аввал ё дар муддати 30 рӯзи баъди нашри аввалин дар кишвари дигар дар ҶТ нашр шуда бошанд;

–агар фонограммаҳо тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ ҳифз гарданд.

Фонограммаҳое, ки дар ҳудуди ин ё он давлат ҳифз намегарданд, озодона истифода мешаванд. Инчунин барои ворид намудани фонограммаҳо бидуни мақсади паҳнкунӣ иҷозати таҳиягари он талаб карда намешавад;

5) ҳуқуқи расонидани фонограмма ба маълумоти умум барои истифодаи интерактивӣ;

6) ҳуқуқи ҷой додани фонограммаҳо дар фазои рақамӣ бо тарзе, ки он дар реҷаи вақти воқеӣ ба ҳар як истифодабаранда мутобиқи интихоби ӯ дастрас шавад;

7) ҳуқуқи истифода дар ҳама гуна шакл, аз ҷумла ҳуқуқи гирифтани ҳаққи қалам барои ҳар як навъи истифодаи фонограмма.

Дар ҶТ тамоми муқарраароти зикргардида роҷеъ ба ҳифзи ҳуқуқи таҳиягарони фонограмма дар ҳолате мавриди истифода қарор мегиранд, ки агар таҳиягари фонограмма:

–шаҳрванди ҶТ ё шахси ҳуқуқие бошад, ки дар ҶТ маҳалли ҷойгиршавии расмӣ дорад;

–шаҳрванди ҶТ набошад ё шахси ҳуқуқие бошад, ки дар ҶТ маҳалли ҷойгиршавии расмӣ надорад, вале фонограмма:

а) бори аввал дар қаламрави ҶТ нашр гардад;

б) дар муддати 30 рӯзи баъди нашри аввалин дар кишвари дигар дар ҶТ нашр шавад;

в) мутобиқи санадҳои байналмилалие, ки ҶТ эътироф кардааст, ҳифз шавад.

Тамоми ҳуқуқҳои тахиягарони фонограмма дар давоми 50 соли интишори аввали фонограмма амал мекунанд. Зери мафҳуми «интишори фонограмма» нашр ё ба муомилот баровардани фонограммаҳо бо ризоияти таҳиягари он ба микдоре, ки барои қонеъ гардонидани талаботи омма кофист, ҳамчунин иҷозати қонунии истифодаи фонограмма ба воситаи системаҳои электронии иттилоот фаҳмида мешавад.

Агар фонограмма интишор нашуда бошад, пас дар муддати 50 соли баъди сабти аввал он ҳифз мешавад.

Ҳамин тариқ, чанд хулосабарориҳо кардан мумкин аст. Аз ҷумла, фонограмма – ин ҳама гуна танҳо сабти овозии иҷро ё дигар овозҳо ё тасвири онҳо, ба ғайр аз сабти овозии дар азнавтакроркунии аудиовизуалӣ воридшуда, мебошад.

Қобили зикр аст, ки бавуҷудоварии сабт бояд бошад, яъне дарҷи беҳаракати садоҳо ва овозҳои мувофиқ. Муҳлати мавҷудияти чунин сабт аслан моҳият надорад: масалан, сабтеро ҳам фонограмма эътироф кардан мумкин аст, ки дар хотираи оперативии компютер сохташудааст, то замоне, ки чунин сабт мавҷуд аст (бигзор дар вақти кутоҳ ҳам).

Ҳамин тавр тарзҳои сабти садоҳо метавонанд гуногун бошанд, ин ҳамчунин ба ҳуқуқи тайёркунандаи фонограмма ҳам таъсир намерасонад. Натанҳо сабти худи садоҳо фонограмма ҳисобида мешавад, балки инъикоси онҳо, ки барои барқарор кардани қатори овозӣ бо кумаки техникӣ имкондиҳанда низ фонограмма эътироф мегардад.

## 2.4. Пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста

Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар низоми объектҳои моликияти зеҳнӣ нисбат ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва моликияти саноатӣ камшумор нестанд. Бо вуҷуди ин, истифодаи онҳо дар муомилоти маданӣ хеле фаъол буда, соҳиби ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ин объектҳо фоидаи калони иқтисодӣ оварда метавонад.

Ба объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он дар баробари намоишҳо, иҷро, фонограммаҳо, инчунин барномаҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ ё кабелӣ дохил мешаванд. Мутаносибан, ҳуқуқҳои вобаста ба иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ҳамзамон ба ташкилотҳои пахши кабелӣ ва эфирӣ ба миён меоянд [111, с. 147].

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» аз 14 декабри соли 1996, №382 [16] ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ танҳо шахсони ҳуқуқӣ буда метавонанд. Қонун аниқ менамояд, ки чунин шахсони ҳуқуқӣ ҳастанд, «ки ба зиммаи худ ташаббус ва ҷавобгариро барои тартиб додани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ (маҷмӯи садоҳо ва (ё) тасвирҳо) ё инъикоси онҳо ва пахши онҳо дар эфир ва ё тавассути кабел» гирифтааст. Чунин ташкилотҳо фаъолияти худро танҳо баъд аз гирифтани иҷозатномаи мувофиқ шурӯъ менамоянд.

Чӣ тавре аз м. 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» бар меояд: «Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста», ҳуқуқҳои вобаста тавассути пахши ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ новобаста аз таъинот,

мазмун, арзиш ва тарзу шаклҳои инъикоси онҳо паҳн мегарданд». Агар ба қонунгузории хориҷӣ таваҷҷуҳ созем, чунин ба назар мерасад, ки Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 23 июли соли 1999, №451-I «Дар бораи васоити ахбори омма» ба ташкилотҳои телевизионӣ ва радиоии пахшкунандаи барномаҳо ҳуқуқҳои вобастаи пешниҳодшуда, барои ҳифзи барномаҳои онҳо додааст [24]. Аммо ба истилоҳи дигар – «барнома» истифода карда мешавад. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми ин объект бо ду ибора: «интиқоли намоиш ва радиошунавонӣ» [94, с. 324] ва «барномаи радио ва телевизионӣ» [86, с. 154] вомехӯрад.

Т.Б. Тулегенов қайд мекунад, ки «дар мадди аввал чунин назар менамояд, ки ҳар дуи инҳо як чизро маънидод мекунанд ва ҷудокунии онҳо зарурат надорад. Дар асл ин чунин нест ва иброз медорад, ки «мавҷуд набудани айният дар байни онҳо аниққунии истилоҳоти меъёриро талаб менамояд» [145, с. 83-84]. Ҳамчунин, гуфта мегузарем, ки пештар ҳам дар адабиёт аллакай ба он далел, ки ноайёнии ин мафҳумҳо дар Қонун дар амалия мушкилотро ба вуҷуд меорад, диққатҷалбкунанда шуда буд [115, с. 45].

Барои он ки объектҳои ҳифз дуруст муайян карда шавад, мо ба табиати вай муроҷиат мекунем. Таҳлили заминаҳои меъёрии мустаҳкамкунии ҳуқуқҳои вобастаи ташкилотҳои пахшкунандаи барномаҳо, ҳифзи манфиатҳои молумулкии онро талаб мекард. Вай аввалан бо мақсади тиҷоратии фаъолият, дуввум бо зарурати ҳимояи маблағгузориҳо ва хароҷотҳои худ ва саввум бо зарурати таъминоти шартҳо барои ба даст овардани ҳуқуқҳо бо ном маблағгузор ба барнома вобаста шудааст.

Ба андешаи В. Румпхорст «худи ширкаткунандагони фаъолияти пахши барномаҳо манфиати худро чунин муайян мекунанд: «Пахши намоиш (радиошунавонӣ) кори ташкилӣ-техникии арзиши қимматро талаб мекунад. Ҳамаи барномаи рӯзона бояд ба нақша гирифта шавад, тайёр ва (ё) дастрас карда шавад, аз рӯи вақт ҷо ба ҷо гардад ва ба эфир пахш шавад. Маҳз ҳамин маҷмӯи шартҳои ташкилотҳои пахши барномаҳо, ки дар натиҷаашон

тамошобин ва шунаванда дар макони худаш барномаро қабул карда метавонад ва ҳифзро бо мақсади роҳ надодан ба дастраскунии ғайриқонунии натиҷаҳои номбаршудаи меҳнат аз ҷониби тарафи сеюм, сазовор мегардад» [123, с. 118].

Т.Б. Тулегенов аломатҳои зерини фаъолияти пахшкунандаро, ки вобаста ба онҳо натиҷаҳои он бо роҳи ба субъект пешниҳод намудани ҳуқуқҳои вобаста ба вуҷуд меоянд, ҷудо кардааст: «хусусияти он аз истифодабарии васоити махсуси радиоэлектронӣ ва таҷҳизотҳои техникии пахш иборат аст; ин фаъолият ба кори банақшагирифтаи гурӯҳи сохторӣ-ташкилёфтаи мутахассисон асос меёбад; фаъолият дар сарчашмаҳои махсуси маблағгузориҳо, ки бо истифодабарии маҳсулоти сохташуда – барномаҳои телерадиоӣ алоқаманд, бунёд шудааст; он барои офаридани барномаҳои асарҳои муаллифӣ, иҷро ва фонограмма, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ҳифз мешаванд, хос аст» [145, с. 85].

Бар замми ин, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳуқуқҳои худро, ки дар Қонуни муаллифӣ нишон дода шудаанд ва дар ҳадди ҳуқуқҳои аз рӯйи шартнома бо иҷрогари муаллифӣ дар фонограмма ё дар эфир ё бо кабел асари пахшшаванда, амалӣ мекунанд. Ташкилоти пахши барномаҳои эфирӣ ва кабелӣ барои гирифтани шаҳодатнома доир ба бақайдгирии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳар вакт дар рафти мухлати ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста метавонанд ба қайд гирифтани асарро бо тартиби аз ҷониби мақомоти ваколатдор муайяншуда ба амал бароваранд [10]. Қобили зикр аст, ки қайди барномаҳои ташкилотҳои телевизионӣ ва радиоӣ ҳатмӣ нест, аммо ташкилоти радио ва телевизион бояд ҳатман ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта шавад, дорои иҷозатномаи махсус барои фаъолият бошад.

Ба ғайр аз ин ба ташкилотҳои пахшкунанда пешниҳод кардани ҳуқуқҳои истисноӣ ҳамчунин дар натиҷаи шартномаи байналмилалии ҶТ имконпазир аст, зеро ҶТ ҳам иштироккунандаи Конвенсияи Римии соли 1961 мебошад. Вале дар ҳадуди ҶТ пешниҳод шудани ҳифзи ҳамагуна ҳуқуқҳои вобаста

танҳо нисбат ба он объектҳои ҳуқуқҳои вобаста амалӣ мегардад, ки ба сарвати оммавии мардум дар кишвари пайдоиш ва дар ҶТ нагузаштанд. Ин маҳдудият аз зарурати риояи принсипи ҳудудӣ ва таъмини тавозун байни манфиатҳои дорандагони ҳуқуқ ва ҷомеа бармеояд. Яъне танҳо он натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ мавриди ҳифзи давлатӣ қарор дода мешаванд, ки ҳифзи ҳуқуқии худро дар муомилоти байналмилалӣ нигоҳ дошта ва ҳуқуқҳои истисноӣ нисбат ба онҳо дар кишвари пайдоиш то ҳол амал мекунанд. Дар акси ҳол, пешниҳод намудани ҳифзи ҳуқуқӣ ба чунин объектҳо ҳам ба қонунгузории дохилӣ ва ҳам ба уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ, ки пешгирии маҳдудсозии беасоси истифодаи озодонаи объектҳоеро, ки аллакай ҳамчун боигарии ҷамъиятӣ эътироф гардидаанд, мухолифат мекунад.

Илова бар ин, чунин муносибат барои то ҳадди муайян пешбинишаванда будани ҳуқуқ барои ҳамаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ мусоидат менамояд. Истифодабарандагони объектҳои ҳуқуқҳои вобаста итминон пайдо мекунанд, ки «асарҳо ва намоишҳое, ки дар кишварҳои дигар боигарии ҷамъиятӣ эътироф шудаанд ё дар ҶТ аз ҳифзи ҳуқуқии махсус озод гаштаанд, метавонанд озодона бе хавфи поймолсозии ҳуқуқҳои истисноӣ мавриди истифода қарор гиранд» [92, с. 183]. Ин дар навбати худ рушди ташаббусҳои фарҳангӣ, таълимӣ ва эҷодиро ҷоннок намуда, барои васеъ намудани дастрасии ҷомеа ба натиҷаҳои муҳимми фаъолияти зеҳнӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки мафҳуми «муаллифӣ» дар ин ҷо татбиқ карда намешавад, лекин маҳз дар ташкилоҳои пахшкунанда дар натиҷаи пахш бори аввал ҳуқуқҳои вобаста ба объекти пахшкунанда ба вуҷуд меоянд. Қонун вобаста ба ҳамин мафҳуми «барномаҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ»-ро муайян мекунад. Дар сархати шонздаҳуми м. 3 Қонуни муаллифӣ мустаҳкам карда шудааст, ки барномаи ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ – «барномаи аз тарафи худи ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ ва ҳамчунин бо фармоиш аз ҳисоби маблағҳои дигар ташкилот сохташуда» мебошад [10].

Чунин муайянкуниҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон ҳам медиҳад [90, с. 47].

Тибқи нуктаи назари М. Прокофева «ҳуқуқҳои ташкилотҳои пахшкунандаи барномаҳо умуман ба ҳам монанд ҳастанд, ки ин ба осонӣ бо ягонагии принсипиалии технологии фаъолияти онҳо маънидод карда мешавад, агарчӣ дар як ҳолат муҳити интиқоли контент (таркибу мундариҷаи барнома) фазои ҳавоӣ мебошад (эфир) мебошад, лекин дар дигар ҳолат – таҷҳизотҳои иҷтимоии симӣ (кабел) мебошад. Тарзҳои омехтаи расонидани сигналҳо ҳам вуҷуд доранд: аввал дар эфир ва баъд бо кабел ё баръакс» [117, с. 21-23].

Тасодуфӣ нест, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» муайянкунии ҳуқуқҳои истисноӣ ва ваколатҳои онҳо комилан мутобиқ ба танзим дароварда шудаанд.

Ҳамин тавр, м. 36 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳуқуқҳои ташкилотҳои пахши эфирӣ муқаррар намуда, ба ғайр аз ҳолатҳои бо Қонуни мазкур пешбинишуда «ташкилотҳои пахши эфирӣ дар нисбати барномаҳои он ҳуқуқҳои истисноии истифодабарии барнома ба ҳар шакл ва додани иҷозат ба истифодабарии барнома бо иловаи ҳуқуқ ба гирифтани подоши ҳақ барои пешниҳодкунии чунин иҷозатҳо, мансубанд».

Ба андешаи А.А. Абдуллоев ва муаллифони дигар «зери мафҳуми ташкил намудани пахши эфирӣ ва кабелӣ паҳнкунии овоз дар радио ва телевизион ба воситаи алоқаи бесим (ташкили пахши эфирӣ) ва дигар воситаҳои техникӣ фаҳмида мешавад. Ба монанди истеҳсолкунандаи фонограмма, онҳо худашон асарҳои эҷодӣ наофаранд ҳам, лекин истифодаи онро ба воситаи иттилоот дар эфир ё кабел ба амал мебароранд. Ғайр аз ин, ташкили пахши эфирӣ ё кабелӣ ба маълумоти тамошобин барномаҳои гуногунро тайёр ва мерасонад, ки на ҳама вақт онҳо аломатҳои асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъатро дороанд. Вале дар ин ҳолат ҳам, манфиатҳои амволии офарандагони онҳо ба ҳифзи ҳуқуқии махсус зарурият доранд» [40, с. 134].

Тавассути ҳуқуқи пахши кабелӣ, асар ба воситаи сим, нахи оптикӣ ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд, ба омма дастрас мегардад. Ҳуқуқи пахши кабелӣ моҳиятан ва мазмунан ба ҳуқуқи пахши эфирӣ наздик буда, бо баъзе хусусиятҳои танҳо ба ин ҳуқуқ хос фарқ менамояд. Пеш аз ҳама, дар ҳуқуқи пахши кабелӣ усули техникии дастраси омма намудани асар фарқ мекунад, яъне асар бо ёрии сигналҳо, тавассути сим, дастгоҳҳои қабул ва пахши маълумот ва дастгоҳҳои дигари ба ин монанд таҳвил меёбанд.

Аз лиҳози табиати ҳуқуқӣ ва таъиноти функсионалӣ, ҳуқуқи пахши кабелӣ ва ҳуқуқи пахши эфирӣ аз бисёр ҷиҳатҳо қобили муқоиса мебошанд, зеро ҳар ду институт ба расонидани асар ба омма ва таъмини дарки васеи он нигаронида шудаанд. Бо вуҷуди ин, байни онҳо як қатор тафовутҳои асосие вуҷуд дорад, ки аз хусусиятҳои ҳаллу фасли техникӣ ва механизмҳои ташкилии ҳангоми интиқоли мундариҷа истифодашаванда, вобаста мебошанд. Фарқияти муҳимтарин дар худи тарзи расонидани асар ба истифодабарандагон мебошад: агар дар доираи пахши эфирӣ, сигнал тавассути мавҷҳои радио паҳн шуда, барои қабул озодона дастрас бошад, пас ҳангоми пахши кабелӣ асар тавассути хатҳои алоқаи симӣ, шабакаҳои нахии оптикӣ ё дигар дастгоҳҳои техникие интиқол дода мешавад, ки паҳнкунии самтдори сигналро таъмин менамоянд.

Ин шакли пахш истифодаи низомҳои мураккаби қабул, табдил ва интиқоли маълумотро пешбинӣ мекунад, ки имкони пешниҳоди устувор, босифат ва назоратшавандаи мундариҷаи аудиовизуалиро таъмин менамояд. Илова бар ин, пахши кабелӣ аксар вақт имконияти дастрасии унвонӣ ба асарро фароҳам меорад, ки тавассути истифодаи дастгоҳҳои махсуси декодерӣ, системаҳои дастрасии шартӣ ва тарзҳои дигари ҳалли техникии таъминкунанда амалӣ карда мешавад. Ин ҳуқуқи пахши кабелиро ба як институти мустақилу муҳимми ҳуқуқҳои вобаста табдил медиҳад, ки танзими ҳуқуқии махсусро бо дарназардошти хусусиятҳои технологӣ ва ниёзҳои бозори хизматрасониҳои аудиовизуалӣ талаб мекунад.

Истифодаи чунин усул ба тамошобинон ё шунавандагони эҳтимолӣ таъсир расонида, ба сифати онҳо на оммаи васеъ, балки муштариёни ташкилотҳои телевизиону радио ворид мешаванд. Ба пахши кабелӣ низ унсури оммавият хос буда, он тавассути барои ҳама баробар дастрас намудани асар таъмин карда мешавад. Яъне муҳим он аст, ки асар ба таври инфиродӣ дастраси тамошобин ё шунаванда нагардад [58, с. 65].

Аз як тараф, барои офаридани барномаи радио ва телевизион, ба онҳо ворид намудани асарҳои эҷодӣ, иҷроиш, фонограммаҳо одатан воситаҳои калон, ки зарурияти аз ҳисоби ҳуқуқи инҳисорӣ доштан пардохта карда мешавад, харҷ мегардад.

Аз тарафи дигар, дар ҳолати ба пахши эфирӣ ё додани иттилоот ба маълумоти умум ба воситаи кабел, мумкин аст, ҳар як барнома бе хароҷоти зиёдатии қувва ва восита сабт карда шавад, ки минбаъд аз тарафи шахсони сеюм амалан дар намуди қаблӣ бо мақсади тиҷоратӣ истифода бурда мешавад. Дар чунин шароит ташкилкунандагони пахши эфирӣ ё кабелӣ, бевосита бояд ҳуқуқ ба ҳифзи манфиатҳои молумулкии худро дошта бошанд, ки тибқи қонунгузории ҶТ пешниҳод карда мешавад.

Ҳамзамон, дар матни пурраи қонун ибораи «ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ» ниҳоят зиёд истифода бурда шудааст. Аз ин пайхас намудан мумкин аст, ки миёни онҳо алоқаи мустаҳкам ва монандии ҳуқуқи ҷой дорад.

Агар ба мазмуни м. 42 ҳамин Қонун «муҳлати амали ҳуқуқҳои вобаста ба он» назар афканем, мебинем, ки муҳлати амали ҳуқуқи истисноӣ барои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ бо ҳамон як мазмун ва як муҳлат муқаррар гардидааст.

Аз ин ҷиҳат пешниҳод карда мешавад, ки м.м. 36 ва 37 Қонуни муаллифӣ муттаҳид карда шуда, дар доираи як модда мавриди танзимоти ҳуқуқӣ қарор дода шаванд. Инчунин, бо мақсади муттаҳид намудани фаҳмиши ягонаи онҳо ва роҳ надодан ба ҷудогии танзимоти ҳуқуқии ин объектон дар матни қонун онҳо низ дар як сархат ё қисм мавриди танзим қарор дода шаванд. Масалан,

қ. 4 ва 5 м. 42 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он».

Лозим ба ёдоварист, ки худи интиқоли пахш ба ҳифзи ҳуқуқӣ ниёз дорад, яъне раванди офаридан ва истеҳсоли сигналҳои дорои хосияти электронидошта, на балки мундариҷаи он (контент). Зери мафҳуми «барнома дар эфир» тибқи Конвенсияи Римӣ аз соли 1961 «интиқоли садоҳо ё тасвирҳо бо воситаҳои бесим барои қабулкунии тамошобин (шунаванда)» фаҳмида мешавад (м. 3). Сархати понздаҳуми м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» бошад зери мафҳуми интиқол дар эфир «пахши асар, фонограмма, иҷро, ба саҳнагузорӣ, барномаи ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ба самъи ҳамагон (илова намоиш ё иҷро) ба воситаи интиқоли онҳо тавассути радио ё телевизион (ба ғайр аз телевизиони кабелӣ)»-ро муайян менамояд.

Намоиш ҳамчун объекти мустақил ҳисоб намешавад. Намоиш як амале мебошад, ки тавассути он объектҳои ҳуқуқи муаллиф ё вобаста ба омма дастрас мешаванд. Моҳиятан, он шакли пешниҳоди оммавии асарро ифода менамояд, ки дар шакли бозофарии воқеии он дар назди шунавандагон анҷом дода мешавад. Масалан, намоиш метавонад дар намоиши асарҳои аудиовизуалӣ ё дар пахши барномаи телевизионӣ зоҳир шавад, ки имкони даркнамоии объектро барои доираи номуайяни шахсон фароҳам меорад. Ҳамин тавр, иҷроиш ҳамчун усули махсуси пешниҳоди асар ба омма хизмат намуда, истифодаи воқеии онро дар ҳавзаи фарҳангӣ ва иттилоотӣ таъмин менамояд. Барои ҳамин дар м. 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» калимаи «намоиш» ҷой доштанаш баҳснок мебошад.

В.А. Хохлов ба ин андеша аст, ки «ташкилоти пахшкунанда ба сабт кардан, аз нав такрор кардан, аз ҷумла тайёр кардани нусхаҳо, бо роҳи фурӯш ё дигар тарзи бегонакунии асл ё нусхаҳои сабт, аз нав пахшкунии онро ва то ба самъи ҳамагон расонидани он, иҷрои оммавии онро, ҳуқуқ дорад. Барои ҳамин, масалан, ретранслятсия аллакай розигии соҳибҳуқуқро талаб

мекунад» [100, с. 266-267]. Ин мавқеъ принсипи асосии ҳуқуқҳои вобастаро қайд менамояд, ки мувофиқи он ҳар гуна амалҳое, ки ба такроран расонидани асар ба шунавандагон вобаста мебошанд, наметавонанд ҳамчун идомаи техникии пахши ибтидоӣ арзёбӣ гарданд. Баръакс, ретранслятсия (бозпахшнамоӣ) тарзи мустақили истифодаи объектро ташкил медиҳад, ки метавонад боиси васеъ гардидани доираи истифодабарандагон ва ба миён омадани манфиатҳои нави иқтисодӣ гардад.

Дар ин замина, талаботи гирифтани ризоияти соҳибони ҳуқуқ на танҳо як расмиёти ҳуқуқӣ мебошад, балки ба сифати механизми калидӣ барои таъмин намудани тақсими одилонаи мукофот барои истифодаи асар хизмат мекунад. В.А. Хохлов қайд менамояд, ки «дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, афзоиши шумораи операторони алоқа ва гуногуншаклии каналҳои паҳнсозии мундариҷаи аудиовизуалӣ аҳаммияти ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои пахшкунандагон ва муаллифон чандин маротиба меафзояд» [100, с. 268]. Маҳз аз ҳамин сабаб, ретранслятсия (бозпахшнамоӣ) наметавонад бе розигии соҳиби ҳуқуқ сурат гирад: зеро он ба вуҷуд овардани ҷараёни нави иттилоотиро дар назар дорад, ки метавонад фоидаи тиҷоратии мустақил ба бор орад ва ба таври мутаносиб ба манфиатҳои иштирокчиёни бозор таъсир расонад.

Аз тарафи дигар намоишҳои телевизионӣ ё радиоӣ тавассути эфир бо истифода аз радиобасомадҳо ё кабел ба аҳолӣ расонида мешавад. Аз ҳамин лиҳоз намоишҳои телевизионӣ ва радиоиро ба намоишҳои эфирӣ ва кабелӣ ҷудо менамоянд, ки ин ҷиҳати техникӣ мебошад. Намоиши (пахши) барномаҳои телевизион ва радио аслан кори техникию ташкилӣ мебошад ва тавассути он филмҳо, фонограмма, хабарҳо ва дигар натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба мардум расонида мешавад. Барои ташкили чунин намоишҳо заҳмат ва маблағи калон сарф мешавад [92, с. 13], ки албатта зарурати гирифтани иҷозати махсусро ба вуҷуд меорад.

Барои аниқ кардани доираи ташкилотҳои пахшкунанда ба Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19 марти соли 2013, №961 [17] ва Қонуни ҶТ «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» аз 14 декабри соли 1996, №383 [16] муроҷиат кардан муфид аст. Бо вуҷуди ҳамин зери мафҳуми маҳсулот нашри алоҳидаи барномаҳои радио ва телевизион фаҳмида мешавад. Муқаррароти Қонун дар бораи ВАО имконият медиҳанд то мафҳуми «пахшкунандаро» ҳамчун паҳнкунандаи маҳсулоти васоити ахбори омма муайян карда шавад.

Д. Липтсик ақидаи хешро чунин баён месозад, ки «аз ҷониби дигар, ташкилотҳои пахшкунандаро бояд аз операторони алоқа фарқ кард, ки расонидани сигналро ба истеъмолгарони мушаххас таъмин менамоянд. Оператори алоқа барои масъалаи техникӣ масъул аст. Паҳнкунии барномаҳои радиоӣ ва ё телевизионӣ нисбат ба паҳнкунии сигнал нисбатан раванди мураккаб аст. Пахшкунандаи барномаҳо на танҳо доир ба самти техникӣ, балки доир ба параметрҳои «контент»-и худ, доир ба мувофиқати мазмуни барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ ба талаботҳои нисбат ба вай пешниҳодшуда, аз ҷумла ба талаботҳои қонунгузорӣ, ғамхорӣ намояд» [75, с. 341].

Дар назар дошта мешавад, ки ин ҳуқуқҳо пас аз анҷоми муҳлати амали ҳуқуқҳои истисноӣ ба асар ва фонограммаи ба контент воридшаванда, ҳамчунин ҳамон вақте, ки ба контент маводҳои воридшуда умуман ҳуқуқи истисноӣ набуд, амал мекунанд. Агар ҳуқуқи истисноӣ ба онҳо таъсир мерасонад, пас вазифаи ташкилоти пахши барномаҳо гирифтани розигии пешакӣ (бастани шартнома) мебошад; ин ба ҳолатҳое ҳам мутааллиқ мебошад, ки асари истифодашаванда қисми (ҷузъи) ночизи пахшро ташкил медиҳад [100, с. 267].

Ба мисли аксари дигар соҳибҳуқуқи ташкилоти пахшкунандаи барномаҳо метавонанд ба ҳуқуқҳои истисноии ба онҳо пешниҳодшуда ихтиёрдорӣ намоянд. Чунин амал ҳамчунин бо роҳи бастани шартнома доир

ба ҳуқуқи истисноӣ ва шартномаи литсензионӣ ба амал бароварда мешавад. Бо вуҷуди ҳамин бояд ба инобат гирифт, ки дар доираи муносибатҳо миёни ташкилотҳои таъминкунандаи раванди пахш, инчунин метавонанд дигар шартномаҳо баста шаванд, ки ба меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (барои мисол, шартномаҳо доир ба ҳамкориҳои техникӣ ҳангоми интиқоли сигнал, доир ба таъминоти техникӣ ва ғ.) мувофиқат мекунанд.

Ҳангоми мавҷуд набудани шартномаи мувофиқ, шахсони истифодабарандаи сигнал (пахш)-и ташкилоти пахшкунанда вайронкунандагони ҳуқуқи истисноии он маҳсуб мешаванд ва ба ҷавобгарӣ кашида хоҳанд шуд. Чунин амалҳо ҳамчун дахолат ба манфиатҳои истисноии молу мулкии пахшкунанда баҳо дода шуда, боиси татбиқи чораҳои ҷавобгарие, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, мегардад. Ҳамин тариқ, риояи талаботи шартнома шарти асосии истифодаи қонунии пахш буда, ҳифзи ҳуқуқҳои ташкилотҳои пахшкунандаро дар соҳаи ҳуқуқҳои вобаста таъмин менамояд.

Намудҳои гуногуни барномаҳо ва таркиби шартномаҳо дорои хусусиятҳои муайян мебошанд, ки барои риоя кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ зарур мебошанд [119, с. 103]. Барои мисол ба нуктаи назари В.А. Хохлов «барои барномаи телевизионӣ одатан бастани шартнома бо муаллиф дар бобати пахши асари мувофиқи мусиқӣ ҳангоми сабти барнома ва интиқол додани он ба эфир, шартномаи муаллифӣ бо тайёркунандаи асари аудиовизуалӣ (аз тарафи продюсер) ба пахши он ҳангоми офаридани барнома ва ба эфир интиқол додани он ва ғ., талаб карда мешавад» [100, с. 269].

Акнун ба баъзе мушкилотҳо меистем, ки дар ҳуқуқи ташкилотҳои пахши барномаҳои эфирӣ ва кабелӣ ҷой доранд. Объекти ҳуқуқи истисноии ташкилотҳои пахши барномаҳо – барнома мебошад. Зери мафҳуми барнома худи раванд ва натиҷа (барнома) дониста мешавад. Таҳлили муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» шаҳодат

аз он менамояд, ки дар он барнома ҳамчун натиҷа (барнома) фаҳмида мешавад.

Мувофиқи нуктаи назари И. Силонов «истилоҳи «транслятсия» аз нуқтаи назар боз ҳамон фаҳмиши муносибатҳои самти «ташкилотҳои пахшкунанда – оператори алоқа» [119, с. 103] аст, ки ба он бобарор нест.

Тарзи дигар ин, ба самъи умум расонидани барномаи радиоӣ ва телевизионӣ мебошад. Тарзи мазкури истифодабарии пахши радио ва телевезион имрӯз маънои интернет-истифодабариро дорад. Пештар аллакай қайд шуда буд, ки пахши интернетӣ ҳамчун яке аз намудҳои пахшкунӣ аст. Аммо ду вазъи пахш дар Интернетро аз ҳам фарқ кардан зарур аст.

Агар сухан дар бораи пахш равад, ки бори аввал бо Интернет амалӣ шудааст, пас ҳамин гуна пахш истифодабарии пахш ҳамчун объекти ҳуқуқи истисноӣ ҳисоб мешавад, аммо дар реҷаи дигари ҳуқуқӣ дохил аст. Дар ин ҷо мо бо худи пахшкунӣ сару кор дорем. Агар пахшкунӣ масалан, дар эфир ва баъди аллакай пахши мавҷудбудаи барномаи радио ё телевизион ба самъи омма расонида мешавад, пас сухан дар бораи истифодабарии пахш дар Интернет меравад.

Дар маҷмуъ, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ телестудия, радиостудия ва дигар ташкилоте мебошанд, ки садо ва тасвирро паҳн (ба омма дастрас) мекунанд. Ташкилоти пахши эфирӣ барномаҳои худро тавассути мавҷ ба эфир медиҳанд; ташкилоти пахши кабелӣ бошанд, тавассути кабел, сим, нахи оптикӣ ва дигар васоили ба онҳо монанд барномаҳои худро ба омма дастрас месозанд. Маҳз воситаи паҳнсозии садо ва тасвир онҳоро тафовут мегузорад. Мазмуни ҳукуқҳои онҳо якхелаанд. Дар ин замина дорои вазифаи иҷтимоии умумӣ ба мисли таъмини дастрасии васеи омма ба иттилоот, арзишҳои фарҳангӣ ва муҳтавои аудиовизуалӣ будани ҳар ду шакли пахшнамоӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Бо вуҷуди ин, махсусиятҳои воситаҳои техникие, ки барои интиқоли сигналҳо истифода мешаванд, муайянкунандаи хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ҳар яке аз ин соҳаҳоро мебошанд. Пахши

эфирӣ одатан бо истифодаи захираи маҳдуди мавҷҳои радиоӣ вобаста буда, ин ҳолат назорати махсуси давлатӣ ва гирифтани иҷозатномаро талаб мекунад. Пахши кабелӣ бошад, бо такя ба инфрасохтори шабакаҳои симӣ дорои устувории бештари сигнал ва имконияти интиқоли ҳаҷми зиёди маълумот мебошад, ки ин барои пешниҳод намудани хизматрасониҳои гуногуни мултимедиавӣ ба корбарон мусоидат мекунад.

Сарфи назар аз фарқиятҳои технологӣ, мақоми ҳуқуқии ташкилотҳои пахшкунанда дар асоси принсипҳои ягонаи ҳуқуқҳои вобаста асос ёфтааст, ки мақсадашон ҳимояи манфиатҳои онҳо ҳамчун иштирокчиёни мустақили бозори аудиовизуалӣ мебошад. Ин принсипҳо ҳифзи натиҷаҳои кӯшишҳои ташкиливу техникиро таъмин мекунанд, ки барои дарк ва қабули оммавии асарҳо шароит фароҳам меоранд.

Бо гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва эътирофи гуногуншаклии моликият заминаи мусоид барои инкишофи ташкилоти телевизион ва радиошунавонӣ гузошта шуд. Дар «асри иттилоотӣ» ин амал ногузир аст. Аллакай дар ҶТ беш аз 17 ташкилоти хусусии телевизион ва 3 ташкилоти хусусии радиошунавонӣ фаъолият бурда истодааст. Бо чунин суръати инкишоф дарояндаи наздик шумораи ин ташкилотҳо зиёд шуда, рақобатро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, муқаррар намудани ҳолати ҳуқуқии ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ талаботи замон буда, пеш аз ҳама, баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои худи ҳамин ташкилот равона гаштааст.

Чуноне пештар қайд шуда буд, барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он мебошад. Ҳамчун объекти алоҳидаи ҳуқуқҳои вобаста ба он ин барномаҳо набояд дар маҷмуъ асари эҷодӣ бошанд, зеро асари эҷодӣ объекти ҳуқуқҳои муаллиф аст. «Табиати ҳуқуқии онҳо на аз ҳиссаи эҷодӣ, балки аз факти ташкил ва интиқоли сигнал муайян мегардад, ки маҳз ҳамин ҳолат боис мешавад, ки барномаҳои пахшшаванда ба соҳаи ҳуқуқҳои вобаста дохил шаванд» [85, с. 43]. Ҳамин тариқ, ҳифзи ҳуқуқии ин барномаҳо на ба меъёрҳои эҷодие, ки нисбат ба объектҳои ҳуқуқи

муаллифӣ татбиқ мешаванд, балки ба мақоми махсуси фаъолияти пахшкунандагон асос ёфтааст.

Фаъолияти ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ хусусияти техникӣ, молиявӣ ва ташкилӣ дорад. Аз ин рӯ, мисли таҳиягарони фонограмма онҳо танҳо дорои ҳуқуқҳои молу мулкӣ мебошанд. Чунончи:

1) ҳуқуқи додани иҷозат барои дар айни вақт аз аз тарафи ташкилоти дигари пахши эфирӣ (кабелӣ) ба эфир додани (ба омма дастрас кардани) барномаҳои худ. Гоҳо дар айни вақт ва аввалин шуда дастрас намудани барнома ба маълумоти омма аҳаммияти муҳиму ҳалкунанда дорад. Масалан, ҳангоми пахши мустақими бозиҳои варзишӣ. Дар ин гуна ҳолатҳо ташкилоти пахши эфирӣ (кабелӣ) барои пахши аввалин ва мустақилона манфиатдор аст. Ташкилоти дигари пахши эфирӣ (кабелӣ) танҳо бо розигии ташкилоти дорои ҳуқуқи комил метавонанд дар айни вақт ин барномаро пахш намоянд;

2) ҳуқуқи додани иҷозат барои ба омма дастрас кардани барнома ба воситаи кабел аз ҷониби ташкилоти пахши эфирӣ (ҳуқуқи додани иҷозат барои ба эфир додани барнома аз ҷониби ташкилоти пахши кабелӣ);

3) ҳуқуқи иҷозат додан ба сабти барнома;

4) ҳуқуқи додани иҷозат ба таҷдиди барнома. Барои таҷдиди сабти барнома ташкилоти пахши эфирӣ (кабелӣ) манфиатдор аст, зеро таҷдиди сабти барнома барои минбаъд паҳн кардани барнома имкон медиҳад;

5) ҳуқуқи додани иҷозат барои ба омма дастрас кардани барнома дар ҷойхое, ки даромад пулакӣ аст. Дар баъзе ҷойҳо маҳз баои тамошо кардан ва (ё) шунидани барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ (кабелӣ) одамон маблағи махсус мепардозанд. Масалан, дар кинотеатрҳо, толорҳои намоиши консерт ва ғ. Шахсоне, ки ба чунин фаъолият машғуланд, бояд пешакӣ розигии ташкилоти пахши эфириро (кабелиро) гиранд;

6) ҳуқуқи иҷозат додан ба паҳн кардани сабти барнома ё нусхаҳои сабти барнома. Барои тавассути фурӯш, ба кироя додан ё ба тарзи дигари таҳвили ҳуқуқи моликият дар байни омма паҳн кардани сабти барнома ё нусхаҳои

сабти барнома иҷозати дорандаи ҳуқуқи комил талаб карда мешавад. Агар бо иҷозати ташкилоти пахши эфирӣ (кабелӣ) сабти барнома ё нусхаи сабти барнома тавассути фурӯш ё тарзи дигари таҳвили ҳуқуқи моликият ба муомилоти маданӣ бароварда шаванд, ҳуқуқҳои мазкур (ба истиснои ҳуқуқи ба кироя додан) қатъ мегарданд.

Дар ҶТ тамоми муқаррароти зикргардида роҷеъ ба ҳифзи ҳуқуқи ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ нисбат ба барномаҳояшон дар ҳолате мавриди истифода қарор мегиранд, ки агар:

а) ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ дар қаламрави ҶТ маҳалли ҷойгиршавии расмӣ дошта, барномаҳои худро тавассути дастгоҳҳои садорасоние амалӣ месозанд, ки дар қаламрави ҶТ ҷойгиранд;

б) мутобиқи санадҳои байналмилалие, ки ҶТ эътироф кардааст, ҳифз шавад.

Аз ин рӯ, бо мақсади ҳифзи объектҳои ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳамчун ҳуқуқи вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», мафҳуми пахши интернетӣ кушода дода шавад. Ҳамзамон пахши барномаҳои телевизион ва радио тавассути дигар намуди технологияҳо пайдо шуда истодааст, ки онро бояд таҳти назар гирифт. Аз ҷумла телевизионҳо IP аллакай фаъол шуда истодаанд.

# БОБИ 3. АМАЛИГАРДОНӢ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА

## 3.1. Амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста

Замони муосир давраи афзоиши ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаро мемонад. Зеро теъдоди нашриётҳои хусусӣ, нуқтаҳои сабти овоз, нуктаҳои таҷдиди фонограмма, видеотолорҳо, ташкилотҳои гуногуни хусусию давлатии ВАО, шабакаҳои радио ва телевизион, ширкатҳои мобилӣ, интернетӣ ва монанди инҳо назаррас афзуда, риояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобастаро дар фаъолияти худ пурра таъмин намекунанд. Асардуздӣ (плагиат) васеъ паҳн шудааст. Махсусан, ҳуқуқҳои баъзе муаллифон ва ташкилотҳои хориҷӣ дағалона поймол карда мешаванд. Дар чунин шароит донистани шаклу тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста мухимияти хоссаро касб менамояд [58, с. 101].

Ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста аз субъектҳои фаъол вобаста мебошад. Субъекти ҳимоя пеш аз ҳама муаллифи асар, соҳиби ҳуқуқҳои вобаста, меросгирони онҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқҳои мазкурро қабул кардаанд, мебошанд. Дар давраи ҳаёт будани офарандаи объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста, ҳимояи ҳуқуқҳои мазкурро худи онҳо ё намояндаи ваколатдори онҳо таъмин мекунад. Пас аз марг, ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ тавассути меросгирон, шахсоне, ки тибқи васиятнома чунин ваколат доранд, ташкилотҳои махсус ё прокурор амалӣ мегардад. Масалан, ҳуқуқи муаллифият, ҳуқуқи ба ном ва дахлнопазирии асар дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ бо ҳамин тартиб ҳифз карда мешавад. Ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкиро шахсоне ба амал мебаранд, ки барои истифодаи онҳо салоҳият доранд.

Агар муаллиф, меросгири ӯ ё соҳиби ҳуқуқҳои вобаста ҳуқуқи комили худро тибқи шартномаи комил ба истифодабаранда супорида бошанд, ҳимояи ҳуқуқҳо аз ҷониби истифодабаранда таъмин карда мешавад. Дар сурати он ки истифодабаранда ҳимояи ҳуқуқҳоро таъмин накунад, муаллиф,

меросгири ӯ ё соҳиби ҳуқуқҳои вобаста ҳуқуқ доранд, ки ҳимояи зарурии ҳуқуқҳоро шахсан амалӣ намоянд. Ҳангоми бастани шартномаи ғайрикомил тартиби амал намудани ҳуқуқи ҳимоя метавонад аз шартнома вобаста тағйир ёбад.

Ҳуқуқҳои молумулкии муаллифон ва соҳиби ҳуқуқи вобаста, ки ба ташкилотҳои махсусгардонидашуда супорида шудаанд, аз ҷониби ҳамин ташкилотҳо ҳифз карда мешаванд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста метавонад аз ҷониби дилхоҳ шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ вайрон карда шавад, агар ӯ талаботҳои қонуни муаллифии амалкунандаи ҶТ-ро риоя накунад. Қонуни муаллифии ҶТ дар моддаи 47 намудҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобастаро пешбинӣ кардааст, аз ҷумла, 1) бе иҷозати соҳиби ҳуқуқ таҷдид, паҳн ва ё дигар шаклҳои истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста; 2) паҳн, тайёр ва ворид намудан бо мақсади паҳн кардани таҷҳизот ё хизматрасоние, ки имконият медиҳад ё мусоидат мекунад, ки ҳар як воситаи техникӣ барои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он сарфи назар карда шавад; 3) бе иҷозати соҳиби ҳуқуқ барҳам додан ё тағйир додани ҳар гуна иттилоъ оид ба идоракунии ҳуқуқҳо.

Мувофиқи муқаррароти моддаи мазкур, нусхаҳои асар ва фонограммаҳое, ки таҳия ва паҳн намудани онҳо боиси вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста мегарданд, нусхаҳои ғайриқонунӣ ҳисобида мешаванд. Ҳамчунин, ворид намудани нусхаҳои асарҳо ва фонограммаҳое ба ҶТ аз давлате, ки дар он ҳифзи онҳо пешбинӣ нашуда ё қатъ гардидааст, бе розигии соҳиби ҳуқуқ, вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ҳисобида мешавад.

Вайронкунии ҳуқуқ метавонад хусусияти шартномавӣ ё ғайришартномавӣ (деликтӣ) дошта бошад. Дар ҳолати вайрон шудани шартҳои шартнома, муҷозоти пешбининамудаи шартнома татбиқ мегардад. Агар вайронкунии ҳуқуқ хусусияти ғайришартномавӣ дошта бошад,

ҷабрдида метавонад аз чораҳои ҳимояи пешбининамудаи қонун истифода намояд.

Ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста метавонад дар шаклҳои юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ амалӣ шавад. Шакли юрисдиксионӣ бо тартиби умумӣ ва махсус ба амал оварда мешавад. Тартиби умумии шакли юрисдиксионӣ ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаро тавассути тартиби судӣ таъмин менамояд. Ин тартиб хусусияти универсалӣ дошта, дар амалия васеъ истифода мешавад. Воситаи асосии ҳимояи ин тартиб даъво мебошад, ки тавассути он суд мавзуи адолатро муайян намуда, талаботи моддӣ ва ҳуқуқиро нисбати ҷавобгар баён мекунад ва эътирофи мавҷуд будан ё набудани муносибати ҳуқуқиро талаб менамояд.

Тартиби махсуси ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста тавассути мурочиат ба мақомотҳои маъмурӣ амалӣ мешавад ва аз ин лиҳоз онро тартиби маъмурӣ меноманд. Ин тартиб танҳо дар ҳолатҳои бевоситаи пешбининамудаи қонун татбиқ мешавад. Воситаи ҳимояи тартиби маъмурӣ шикоят мебошад.

Ба ақидаи олимони ватанӣ шакли ғайриюрисдиксионии ҳимоя - амали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доир ба ҳимояи ҳуқуқ муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста, ки бидуни мурочиат ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мустақилона анҷом дода мешавад, дар назар дорад [58, с. 104].

Ин шакл худмуҳофизаткунии ҳуқукро дар бар мегирад ва метавонад тавассути чораҳои нисбатан маҳдуд татбиқ гардад, аз ҷумла, рад намудани иҷрои амали муайян ба манфиати тарафи беинтизоми шартнома (масалан, рад намудани ворид кардани тағйироту иловаҳо ба асар), рад кардани иҷрои шартнома дар маҷмуъ ва ғ.

Дар байни шаклҳои тадсдиқшуда, аҳаммияти бештари амалиро маҳз шакли юрисдиксионӣ дорад, зеро дар доираи он татбиқ намудани тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он гуфта чораҳои ҳуқуқии бо қонун пешбинишударо

мефаҳманд, ки тавассути онҳо барқароркунии ҳуқуқҳои поймолшуда ё мавриди баҳс қарор дошта таъмин гардида, инчунин таъсиррасонӣ ба ҳуқуқвайронкунанда амалӣ карда мешаванд.

Қонунгузории мадании амалкунанда тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданиро дар се сатҳ муқаррар менамояд: 1) қонунҳои махсуси маданӣ-ҳуқуқӣ; 2) меъёрҳои махсуси КМ ҶТ; 3) меъёрҳои умумии КМ ҶТ.

Бо назардошти ин муқаррарот, соҳибони ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста метавонанд аз имконияти васеи интихоби тарзи ҳимоя, ки қонунгузории граждани фароҳам овардааст, истифода намоянд. Дар робита ба хислати ҳуқуқи субъективии поймолшуда ва навъи ҳуқуқвайронӣ, тарзҳои ҳимояи пешбинишуда дар моддаҳои 48 Қонуни муаллифии ҶТ ва моддаҳои 12 ва 1137 КГ, бо назардошти қоидаи бартарияти татбиқи меъёри махсус, мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Механизмҳои танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он чӣ дар назария ва амалияи танзими муносибатҳо дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ҳамин хотир қобили зикр аст, ки заминаҳои ҳуқуқии амалишавии ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он то чӣ андоза мукаммал бошад, ҳамон дараҷа нишондодҳои назаррасро дар ҷодаи мазкур интизор шуданамон имконпазир мегардад.

Бояд қайд сохт, ки дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда муаллифон ва соҳибони ҳуқуқҳои вобаста ба он дар ҶТ аксаран бетафовутона муносибат мекунанд. Дар ин хусус аз рӯи мақолаҳои дар рӯзномаю маҷаллаҳо нашршуда ба хулоса омадан мумкин аст. Масалан, дар яке аз рӯзномаҳо василаи поймолгардии ин ҳуқуқҳо ба таври ошкоро тасвир шудааст ва беҳаракатии соҳибҳуқуқон зери танқид қарор гирифтааст.

Муаллифи мақола менависад, ки ин гуна қонуншиканиҳо бештар аз ҷониби ширкатҳои хизматрасонии провайдерӣ, махсусан ширкатҳои «Контент-провайдер», «Zervana» ва «Voice-Interactive» ба назар мерасад. Ҳадафи ширкатҳои мазкур ҷамъоварии сурудҳо ва истифодаи онҳо ба ҷои

занги телефон ва SMS-хабарҳои телефонҳои мобилӣ бо тариқи пардохти маблағи иловагии мизоҷон мебошад. Маълум мешавад, ки тибқи шартномаи ҷой дошта, маблағи аз ин ҳисоб ҷамъшуда байни ширкатҳои мобилӣ (30%) ва ширкати ташкилкунанда (70%) тақсим мегаштааст.

Дар амал ҳоло поймолкунии ҳуқуқи муаллиф ва хуқуқҳои вобаста ба он бисёр ба чашм мерасад. Ҳолати дар соли 2007 дар ҳудуди ҶТ мусодира гаштани зиёда аз 39 ҳаз. маводи аудиовизуалӣ гувоҳи ин гуфтаҳост.

Бо пайдоиши шабакаи умумиҷаҳонии Интернет поймолшавии ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он даҳчанд афзуд. Масалан, тибқи тадқиқоте, ки шуъбаи иҷтимоии ширкати интернетии «Yahoo» гузаронид, танҳо дар муддати 6 моҳ дар Интернет 236 саҳифаҳои интернетӣ пайдо шудааст, ки нусхаи мусовараҳои Николос Лӣ - рассоми муосири британиро ҷой додаанд ва рассом ҳатто пай набурдааст, ки асари ӯ бидни нишон додани муаллифият истифода мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду шакли ҳимояро фарқ мекунанд:

1. Фаъолияти соҳибҳуқуқон оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ки мустақилона ва бидуни муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ё дигар мақомоти салоҳиятдор сурат мегирад (шакли ғайриюрисдиксионӣ).

2. Фаъолияти мақомоти давлатӣ ё дигар мақомоти салоҳиятдор ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои суъективии муаллиф ва вобаста ба он, ки вайрон гаштаанд ё мавриди баҳс қарор гирифтаанд (шакли юрисдиксионӣ).

Дар доираи шакли юрисдиксионӣ тартиби умумӣ ва махсуси ҳимояи **ҳуқуқҳо** ҷудо карда мешаванд.

Қонунгузории гражданӣ бо тартиби маъмурӣ ҳимоя намудани ҳуқуқҳоро низ пешбинӣ кардааст, ки он тартиби махсуси ҳимоя номида мешавад. Доираи ҳимояи ҳуқуқҳо аз тариқи маъмурӣ нисбатан маҳдуд аст ва танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун имконпазир аст. Соҳибони ҳуқуқи муаллиф ва вобаста ба он низ метавонанд аз тариқи маъмурӣ

ҳуқуқҳояшонро ҳимоя намоянд. Чунин шакли ҳимоя имкон медиҳад, ки қонуншиканиҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ сари вақт пешгирӣ карда шаванд, махсусан дар ҳолатҳое, ки қатъи фаврии амалҳои ғайриқонунӣ ё зарурияти татбиқи чораҳои махсуси таъсиррасонии аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдор татбиқшаванда ба вуҷуд меояд.

Масалан, бо роҳи муроҷиат ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ё мақомоти болоии ҷавобгар метавонанд ин ҳуқуқашонро амалӣ созанд.

Воситаи ҳимояи судии ҳуқуқҳои муаллиф ва вобаста ба он, инчунин манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда даъво мебошад. Дар ҳолати аз тариқи маъмурӣ ҳимоя намудани ин ҳуқуқу манфиатҳо ба сифати воситаи ҳимоя шикоят баромад мекунад.

Мутобиқи муқаррароти м. 7 КМ ҶТ ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои вобаста ҳам, аз асосҳои дар КМ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда ва инчунин аз амалҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки агарчӣ бо қонун ё ингуна санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ нашудаанд, вале бо асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунгузории маданӣ зид нестанд, инчунин метавонанд ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд оранд.

Мутобиқи КМ ҶТ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ «тибқи салоҳдиди худ ҳуқуқҳои мадании ба онҳо марбутаро амалӣ менамоянд, аз ҷумла метавонанд онро ихтиёрдорӣ намоянд». Яъне дорандагони ҳуқуқҳои вобаста, чӣ шахсони воқеӣ ва чӣ шахсони ҳуқуқӣ аз рӯйи салоҳдиди худашон ҳуқуқҳои мадании ба онҳо тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқҳои вобастаро амалӣ менамоянд. Тамоми масоили бо истифодабарии ҳуқуқҳои вобастаи субъективӣ алоқаманд аз ҷониби шахсони ваколатдор мутобиқи салоҳдиди худи онҳо ҳаллу фасл мешаванд.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки ибтидои амалигардонии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, ки як қисмашон ҳуқуқҳои вобаста мебошанд дар КМ ҶТ муқаррар карда шуда буданд. Дар он гуфта мешавад, ки ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ «аз

рӯйи салоҳдиди дорандагони ин ҳуқуқҳо амалӣ карда мешаванд». Дар ҳолатҳои тибқи қонун пешбинишуда ба зиммаи дорандаи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ба сифати шартҳои амали ин ҳуқуқҳо метавонад уҳдадорӣ аз рӯйи истифодабарии объекти мувофиқи моликияти зеҳнӣ вогузорӣ карда шуда бошад.

Дар баробари ин, дар асоси муқаррароти фавқузикр амалӣ намудани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ на ин ки дар як навбат ҳуқуқҳои дорандагони дигар объектҳои моликияти зеҳниро вайрон намояд, ки ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ метавонанд дар асоси фардӣ ё дастаҷамъӣ амалӣ карда шаванд, ба ғайр аз ин «талаботҳои асосӣ ба идоракунии ҳуқуқҳои молу мулкӣ дар асоси дастаҷамъӣ тибқи қонун муқаррар карда мешаванд».

Зери мафҳуми амалишавии ҳуқуқ баамалбарории он имконоте фаҳмида мешавад, ки бо қонун ё шартнома ба дорандаи ҳуқуқи субъективӣ пешниҳод мешаванд. Ба таври дигар амалӣ гардонидани ҳуқуқи субъективии маданӣ – маънои дар асл истифодабарии он ҳуқуқе, ки аз ҷониби давлат ба субъект кафолат дода шудааст, мебошад. Бояд қайд намуд, ки «амалишавии ҳуқуқи субъективӣ дар он зоҳир мешавад, ки шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ амалҳои муайянеро анҷом медиҳад, ки баҳри бадастоварии натиҷаи пешбининамудаи ҳуқуқ ба мисли, ихтиёрдорӣ кардани амволи худ, бастани шартнома, истифодабарии объекти моликияти зеҳнӣ ё ҳифзи манфиати поймолшуда, равона шудаанд» [59, с. 213].

Амалӣ гардидани ҳуқуқ ҳамчунин аз он иборат аст, ки субъект бояд озодии рафтор ва мухториятро дар интихоби роҳҳои мушаххаси татбиқи имкониятҳои худ дошта бошад. Аммо ин озодӣ мутлақ нест: он бо талаботи қонун, принсипҳои некбинӣ ва оқилӣ, инчунин бо зарурати эҳтироми ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон маҳдуд мегардад. Вобаста ба ин, ҳуқуқдорои субъект на танҳо имкониятҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшударо ифода мекунанд, балки андозаи муайяни рафторро дар бар мегиранд, ки бояд ба чорчӯбаи ҳуқуқии муқарраргардида мутобиқ бошад.

Ҳамчунин ба назар гирифтани он ки амалишавии ҳуқуқи субъективӣ метавонад ҳам ба таври фаъол (тавассути амалҳои мусбати субъект) ва ҳам ба таври ғайрифаъол (бо роҳи худдорӣ аз амалҳое, ки ба татбиқи ҳуқуқ монеъ мешаванд) сурат гирад, муҳим аст. Масалан, соҳибмулк ҳуқуқи моликияти худро на танҳо бо роҳи истифодаи ашё, балки инчунин тавассути пешгирии дахолати шахсони сеюм ба ваколатҳои соҳибмулкии худ амалӣ менамояд. Бинобар ин, раванди амалишавии ҳуқуқҳои субъективӣ ҳамчун баҳамтаъсирасонии динамикӣ байни иродаи субъект, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳолатҳои воқеӣ зуҳур мекунад, ки дар он субъект имкониятҳои ҳуқуқии ба ӯ додашударо ба рафтори мушаххас ва натиҷаҳои моддӣ табдил медиҳад.

Дар мақолаи Н.П. Попкова ба принсипҳои амалигардонии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ бахшидашуда қайд мешавад, ки гуногунрангии «мазмуни ҳуқуқҳои субъективӣ, имконияти аз тарафи шахси ваколатдори ҳуқуқӣ интихоби намуди рафтор, мавҷудияти шаклҳои амалисозии ҳуқуқҳои субъективиро пешакӣ таъин мекунанд» [116, с. 92-97]. Ба назари муаллиф, «омезиши унсурҳои зикршуда на танҳо хусусияти ҳуқуқҳои субъективиро муайян мекунад, балки ба тартиби амалигардонии онҳо низ таъсир мерасонад ва ҳамон хусусиятҳоеро ба вуҷуд меорад, ки ҳангоми таҳлили назариявӣ ва татбиқи амалӣ бояд ба инобат гирифта шаванд» [116, с. 98].

В.А. Хохлов бар ин андеша аст, ки «ҳама тарзҳои асосӣ ва муҳимтарини амалигардонии ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла, вобаста амалигардонии онҳо – ҳуқуқҳои субъективии шахсӣ (фардӣ) ё дастаҷамъӣ мебошад» [100, с. 255-257]. Моҳиятан, ӯ қайд менамояд, ки ҳуқуқҳои субъективӣ дар гуногунишаклии амалисозии онҳо зоҳир мегарданд ва худи тарзҳои амалигардонии ҳуқуқро набояд танҳо ҳамчун механизми техникии иҷроиш баррасӣ кард, зеро онҳо моҳияти ҳуқуқи дахлдорро инъикос намуда, хусусияти шахсӣ ё дастаҷамъӣ доштани онро ифода менамоянд. Ин гуна равиш имкон медиҳад, ки сохтори дохилӣ, хусусияти мутобиқшавандагӣ ва қобилияти зоҳиршавии ҳуқуқҳои субъективӣ дар намудҳои гуногуни

рафтори субъектҳо ба таври амиқ дарк гарданд. Ин барои таҳлили назариявии мақоми ҳуқуқии шахс ва хусусиятҳои амалисозии ҳуқуқҳои ӯ дар ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҷузъиёти асосии ҳамагуна ҳуқуқи субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқи вобаста озодии интихоби рафтори мувофиқи худи субъекти ваколатдори ҳуқуқ мебошад. Маҳз барои ҳамин ҳуқуқҳои субъективии маданӣ пеш аз ҳама тавассути амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳими фаъоли ашхоси салоҳиятдор ба амал бароварда мешаванд. Соҳибмулк ва соҳибҳуқуқ худаш метавонад ба моли худ истифодабарӣ кунад, метавонад онро ба иҷора диҳад, фурӯшад, иваз намояд ва ғ. Дар ҳолати болозикр махсусиятҳои истифодагардии ҳуқуқҳои вобаста ба сифати предмети аҳдҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ишора гардид, ки яке аз заминаҳои муҳими амалишавӣ ва муомилоти чунин ҳуқуқҳо мегарданд ва ин ҳолати мазкурро амалияи ҷодаи мазкур низ тасдиқ карда метавонад.

Т.Қ. Қодиров дар таҳқиқотҳои хеш зикр менамояд, ки «дар ҳамаи ин ҳолатҳо аз тарафи субъект, амалҳои фаъол иҷро карда мешавад, ки бо кӯмаки онҳо манфиатҳояшон қонеъ карда мешаванд. Ҳуқуқ ба амалҳои мусбӣ ҷузъиёти асосии ҳуқуқи субъективӣ аст. Ба амалбарории ҳуқуқҳои субъективӣ дар ин маврид ҳамеша воситаи имконоти содиркунии амалҳои шахсии фарди салоҳиятнок бо имконоти талабкунии иҷро ё риояи уҳдадориҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби дигар ашхос, ифода менамояд. Амалигардонии мушаххаси ин имконот тарзҳои амалигардонии ҳуқукро ҳам ифода мекунад» [71, с. 176; 70, с. 85].

Интихоб намудани тарзи амалигардонии ҳуқуқ на танҳо аз салоҳдиди субъект вобастагӣ дорад, балки аз мазмуни мушаххаси ҳуқуқи субъективӣ ҳам вобаста аст. Охираш дар навбати худ бо таъиноташ муайян мешавад, яъне бо он мақсадҳое, ки барои ноилшавӣ ба онҳо вай ба шахси салоҳиятдор пешниҳод карда мешавад. Чунончӣ ҳуқуқи субъективии муаллифӣ барои таъмини эътирофи ҷамъиятии он ҳамчун воситае, ки шахс созандаи асари

эҷодии мустақили нав мебошад, талаб карда шудааст. Масалан, мазмун ва хусусияти ҳуқуқи субъективии муаллифӣ аз таъиноти мақсаднокӣ он, яъне аз таъмини эътирофи асар ҳамчун натиҷаи фаъолияти эҷодии муаллиф вобаста мебошад. Ҳуқуқи муаллифӣ робитаи байни офаранда ва асари эҷодкардаи ӯро ҳифз мекунад, аслият, мустақилият ва фардияти онро тасдиқ менамояд. Бо ҳамин восита муаллиф на танҳо кафолатҳои ҳуқуқии моликияти зеҳнии худ, балки эътирофи ҷамъиятӣ ва имкони назорати истифодаи асари худро ба даст меорад. Ҳамин тавр, додани ҳуқуқи муаллифӣ мазмуну моҳият ва хусусиятҳои амалишавии онро муайян намуда, ихтиёрдории озодонаи ҳуқуқро аз ҷониби субъект дар доираи ҳадафҳо ва вазифаҳои ин ҳуқуқ маҳдуд месозад.

Худи ҳамин ҳуқуқҳои субъективӣ дар нисбати соҳибҳуқуқи ҳуқуқҳои вобаста дар асос ва дар алоқамандӣ бо ҳуқуқи муаллифӣ ба вуҷуд меояд. Аз хусусияти ҳуқуқи субъективии вобаста дар ниҳояти кор он ҳам вобастагӣ дорад, ки амалигардонии ҳуқуқ бо кадом амал тамом мешавад ё дар амалҳои идомаёфта ва ё такроршавандаи субъекти салоҳиятдор инъикос меёбанд. Чунин фаҳмиш имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои вобаста на ҳамчун як падидаи ҳуқуқии ҷудогона, балки ҳамчун низоми динамикии имкониятҳо баррасӣ шаванд, ки дар раванди татбиқи амалии натиҷаҳои эҷодӣ ошкор мегарданд. Мундариҷаи ин ҳуқуқҳо на танҳо бо ҳудудҳои истифодаи асар, ки қонун муқаррар кардааст, балки бо хусусияти муносибатҳои воқеие, ки байни муаллиф, иҷрокунанда, истеҳсолкунандаи фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ва шунавандагон ташаккул меёбанд, муайян карда мешавад.

Вобаста ба он ки амалигардонии ин ҳуқуқ ба расонидани асар ба омма, нусхабардорӣ, паҳнкунӣ ё шакли дигари истифодаи он равона шудааст, нишондиҳандаҳои ҳуқуқии ваколатҳои дахлдор, аз ҷумла ҳаҷм, усулҳои амалигардонӣ ва хусусиятҳои ҳифзи онҳо, тағйир меёбанд. Илова бар ин, хусусияти ҳуқуқҳои вобаста дар робитаи зичи манфиатҳои иштирокчиёни гуногуни раванди эҷодӣ зоҳир ёфта, талаб менамояд, ки тавозуни байни

озодии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва зарурати ҳифзи манфиатҳои қонунии ҳуқуқдорон риоя карда шавад. Дар ин замина, ҳуқуқҳои субъективии вобаста ҳамчун воситаҳои ҳуқуқии мутобиқшаванда зуҳур ёфта, иштироки самараноки соҳибони ин ҳуқуқҳоро дар муомилоти иқтисодӣ ва фарҳангӣ таъмин карда, ҳамзамон баҳри рушди устувори соҳаҳое, ки ба меҳнати зеҳнӣ асос ёфтаанд, замина фароҳам меоранд.

Ҳамзамон қайд менамоем, ки қонунгузор ҳадди амалигардонии ҳуқуқҳои маданиро муқаррар мекунад ва дар ҳамин ҳолат ҳуқуқҳои вобаста, яъне қонун принсипи амалисозии озоди ҳуқуқҳои субъективии ба шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мансуббудро мустаҳкам карда, дар як вақт талаботҳои муайянро пешниҳод менамояд, ки бояд ҳангоми амалиградонии онҳо риоя карда шаванд. Мундариҷаи ин талаботҳо гуногун мебошад, зеро аз хусусият ва таъиноти ҳуқуқҳои вобастаи субъективӣ вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ҳамин қонун як қатор чунин талаботҳоро дар бар мегирад, ки метавонанд ба сифати ҳадафҳои умумии амалигардонии ҳаргуна ҳуқуқҳои субъективӣ дида баромада шаванд. Мутаассифона дар КМ ҶТ ҳадди умумии амалигардонии ҳуқуқҳои маданӣ хеле кам ифода ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, пеш аз ҳама иҷрокунии ҳуқуқҳои маданӣ набояд ҳуқуқҳо ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ашхоси дигарро вайрон кунад. Мавҷудияти чунин талаботҳо бо он вазъият равона карда шудааст, ки ҳуқуқҳои субъектҳои мухталиф дар ҷомеа хеле зич бо ҳам алоқаманд мебошанд. Ҳуқуқҳои худро амалӣ намуда, субъект бояд бо он мувофиқат кунад, ки дигар ашхос низ дорандаи чунин ҳуқуқҳо ё ҳуқуқҳои вобаста мебошанд, ин ҳолат ба ҳамин хотир аз тарафи қонун эътироф ва ҳифз карда мешаванд. Ба таври дигар гӯем ҳуқуқҳои мадании як субъект дар он ҷо анҷом меёбанд, ки ҳуқуқҳои дигар субъект оғоз мешаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ на танҳо ба таҳкими озодии иштирокчиёни муомилот, балки ба таъмини ҳамоҳангии мутақобилаи онҳо, пешгирии суистифода аз ҳуқуқ ва таъмин намудани устувории

тартиботи ҳуқуқӣ низ равона шудаанд. Дар ҷомеаи муосир, ки робитаҳои иҷтимоӣ ҳарчи бештар мураккаб ва бисёрҷабҳа мегарданд, риояи ҳудуди амалӣ намудани ҳуқуқҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Принсипи мазкур ҳамчун механизми таъмини адолат хизмат мекунад ва ба ҳар як субъект имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро дар ҳадди дахлдор бе расонидани зарар ба дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода баранд. Дар баробари ин қонунгузор на танҳо қобили қабул набудани поймолнамоии ҳуқуқҳои шахси дигарро эътироф мекунад, балки воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла институти сӯиистифода аз ҳуқуқ, механизмҳои масъулияти маданӣ-ҳуқуқӣ ва роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшударо низ муқаррар менамояд. Ҳамаи ин низоми мукаммалеро ташаккул медиҳанд, ки дар он озодии фард ва эҳтироми ҳуқуқҳои дигарон омехта мегарданд.

Мавриди зикр аст, ки самаранокии татбиқи ин принсип бевосита аз сатҳи фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни муомилоти маданӣ вобаста мебошад.

Ҳуқуқҳои маданӣ бояд дар идома вобастагӣ бо таъиноташон иҷро карда шаванд. Таъиноти ҳуқуқҳои субъективӣ ё мустақиман бо қонунгузории маданӣ ё аз тарафи худи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дар шартномаи онҳо муқаррар мешаванд ё аз моҳияти ҳуқуқи мазкур сарчашма мегирад. Амалӣ намудани чунин ҳуқуқҳо маънои истифодаи худсаронаи имкониятҳои додашударо надошта, иҷрои онҳоро бо дарназардошти маҳдудиятҳои муқарраркардаи қонун, принсипҳои поквиҷдонӣ ва эҳтироми манфиатҳои дигар иштирокчиёни муомилот дар назар дорад. Маҳз таъиноти ҳуқуқ он маҳаке мебошад, ки имконияти муайян кардани ҳудудҳои қобили қабули амалисозии онро фароҳам оварда, суистифодаи ҳуқуқро пешгирӣ мекунад ва ба ҳамин восита устуворӣ ва адолатро дар танзими маданию ҳуқуқӣ таъмин месозад.

Ҳангоми амалигардонии як қатор ҳуқуқҳои маданӣ ашхоси ҳуқуқӣ ҳам бояд оқилона ва бовиҷдонона амал кунанд, асосҳои ахлоқӣ ва дигар меъёрҳои дар ҷомеа қабулшударо бояд риоя кунанд. Ин албатта маънои онро надорад,

ки қонунгузории маданиро меъёрҳои ахлоқиро бо ҳуқуқӣ баробар менамояд. Худ ба худ вайронкунии меъёрҳои ахлоқӣ наметавонад барои ширкаткунандагони муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ оқибатҳои ҳуқуқии нобарорро ҷалб кунад.

Мазмуни талаботи дидабаромадашаванда ба нуктаи назари О. Фролова дар он ифода меёбад, ки «субъектҳо ва инчунин мақомотҳои татбиққунандаи ҳуқуқ ба таври ҳатмӣ дар фаъолияти худ қоидаҳои ахлоқии умумиқабулшударо риоя намоянд. Принсипҳои ахлоқии ҷомеа ҳангоми ҳалли як қатор баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мақоми назаррасро доранд, аз ҷумла баҳсҳои бо кӯчонидан аз барои ғайриимкон будани ҳамзистии якҷоя, тақсими молу мулк дар асл, аз меросгирӣ барканоркунӣ ва ғ. алоқамандбуда» [122, с. 192].

Чӣ тавре дар боло мо қайд карда гузаштем, амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста метавонад шахсӣ ва дастаҷамъӣ бошад. Ва албатта боиси шакку шубҳа намешавад, ки моҳияти асосиро ҳангоми амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста фаъолияти аз рӯйи дастаҷамъии идоракунии ҳуқуқҳои молу мулкии муаллифон ва дигар соҳибҳуқуқон, касб мекунад, зеро чӣ тавре, ки дар адабиёт қайд карда мешавад, баъзе асарҳои аз тарафи муаллифон сохташуда ба муаллиф имкони назорати истифодабарии онҳоро намедиҳанд.

Барои мисол, оҳангсоз аслан наметавонад ҳамаи ҳолатҳои нусхабардорӣ ва иҷрои асарҳои худро тавассути радио, телевизион, дар марказҳои дилхӯшӣ, дар тарабхонаҳо ва ғ., назорат кунад. Ягона роҳи аслии баромадан аз ин вазъ – идораи дастаҷамъонаи ҳуқуқҳои молумулкӣ мебошад [100, с. 250-251].

Ба мақом ва моҳияти идоракунии дастаҷамъонаи ҳуқуқҳои вобаста каме поёнтар бармегардем, вале дар ҳамин ҷо мехостем қайд кунем, ки новобаста аз он, ки кадом шакли мушаххасро субъект интихоб мекунад – шахсӣ (фардӣ) ё дастаҷамъонаи амалисозии ҳуқуқҳои вобаста, ин аз интихоби озоди онҳо вобаста аст. Чунин маҳакҳо, чӣ тавре дар адабиёт дуруст қайд мешавад,

принсипҳои амалисозии ҳуқуқҳои вобастаи субъективӣ [116, с. 92] мебошанд, ки бо пояҳои асосии амалигардонии ҳуқуқҳои маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои вобаста, хеле зич алоқаманд мебошанд.

Ба нуктаи назари Н.Ш. Қурбонализода «яке аз чунин воситаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии дастрасии судманди ҳуқуқҳои комили муаллифон ва дигар соҳибҳуқуқон ба асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат идораи дастаҷамъии он мебошад. Идораи мазкур падидаи муҳимми ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқи вобаста бо он буда, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба муомилоти молӣ баровардани ҳуқуқҳои комилро танзим менамояд» [137, с. 189]. Қайд намудан зарур аст, ки рушди босуръати технологияҳои нусхабардорӣ ва паҳнсозии асарҳо назорати инфиродии муаллифонро аз болои истифодаи асарҳои онҳо хеле душвор гардонд, ки дар ин шароит институти идоракунии дастаҷамъӣ ҳамчун роҳи ҳал баромад карда метавонад. Дар шароити афзоиши ҳаҷми истеъмоли контент, густариши шабакаҳои пахшкунанда ва пайдоиши шаклҳои нави коммуникатсияи рақамӣ, муаллифон воқеан имконияти мустақилона назорат кардани истифодаи асарҳои худ, бастани шартнома бо шумораи зиёди истифодабарандагон ва таъмини саривақт гирифтани ҳаққи қаламро аз даст медиҳанд. Дар ин замина, идоракунии дастаҷамъӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифон, балки ҳамчун механизми такмил додани гардиши моликияти зеҳнӣ баромад менамояд, ки имкон медиҳад хароҷоти транзаксионӣ коҳиш ёфта, дар тақсими даромадҳо шаффофияти бештар таъмин гардад.

Муҳим он аст, ки идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳо ба тавозуни манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни бозори фарҳангӣ ва иттилоотӣ мусоидат мекунад. Аз як тараф, он ба ҳуқуқдорон дарёфти кафолатнокии мукофотпулӣ, ҳифзи манфиатҳои моликии онҳо ва дастрасӣ ба доираи васеи истифодабаронро таъмин менамояд. Аз тарафи дигар, истифодабарандагон ба мисли ташкилотҳои пахшкунанда, муассисаҳои таълимӣ, платформаҳои интернетӣ

ва корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ имкон пайдо мекунанд, ки доираи васеи асарҳоро бо риояи талаботи қонун ва бо шароитҳои соддакардашуда, бидуни гузаронидани музокироти мураккаб бо ҳар як муаллиф, истифода баранд. Ҳамин тариқ муҳити устувори ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, ки ба рушди мубодилаи фарҳангӣ, озодии эҷодкорӣ ва густариши дастрасӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ мусоидат мекунад.

Акнун ба мақом ва моҳияти идоракунии дастаҷамъии ҳуқуқҳои молу мулкиро дар амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дида мебароем. Дар ҶТ хусусиятҳои идоракунии дастаҷамъии ҳуқуқҳои молу мулкӣ дар м. 44 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба тартиб дароварда шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар қисмати идоракунии дастаҷамъонаи ҳуқуқҳои муаллифон ва дорандагони ҳуқуқҳои вобаста як қатор таҳқиқотҳои хосияти консептуалӣ ва амалидошта мавҷуданд. Аз ҷумла ин таҳқиқотҳои диссертатсионии А.В. Антонова [125, 203 с.], С.Ф. Зятитский [130, 25 с.; 131, 182 с.], Е.М. Конева [135, с. 154] ва дигарон мебошанд. Инчунин, мақолаҳои алоҳида низ дар ин ҷода навишта шудаанд, аз ҷумла мақолаҳои У.А. Меликов [78, с. 4-12], Е.А. Павлова [114, с. 199-218], М.В. Тюнин [121, с. 57-64], Н.Л. Якимовской [124, с. 152-160], Л.А. Исакова [132, 192 с.] А.Ю. Кувыркова [136, 220 с.], Ф. Абдураҳимзода [103, с. 68-78] ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Дар таҷрибаи амалии ҶТ то кунун ташкилот ва ё ҷамъияти алоҳида ва мустақил ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии муаллифон дар шакли дастаҷамъӣ фаъол нестанд, ки ин яке аз мушкилоти асосӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳисоб меравад. Набудани институтҳои идоракунии дастаҷамъӣ ба он оварда мерасонад, ки муаллифон ва дигар дорандагони ҳуқуқ маҷбур мешаванд манфиатҳои худро мустақилона ҳимоя кунанд, ки ин на ҳамеша самаранок аст ва аксар вақт бо сабаби норасоии захираҳо, дастгирии касбӣ ва имкониятҳои ташкилӣ душвор мегардад. Дар

натиҷа принсипи ҳимояи комили ҳуқуқии эҷодкорони асарҳо вайрон мегардад ва назорати истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста дар фазои рақамӣ ва соҳаи коммуникатсияи оммавӣ ба таври ҷиддӣ душвор мегардад. Илова бар ин, набудани чунин ташкилотҳо сатҳи шаффофият ва низомноknамоиро дар тақсими захираҳо паст карда, ба ташаккули механизми устувори ҳуқуқии ҳамкории байни муаллифон, истифодабарандагон ва сохторҳои давлатӣ монеъ шуда, рушди бозори миллии моликияти зеҳниро суст мегардонад. Ҳамин тариқ, таъсиси низоми самараноки идоракунии дастаҷамъонаи ҳуқуқҳо қадами зарурӣ барои таҳкими институти ҳуқуқҳои вобаста ва таъмини ҳимояи воқеии ҳуқуқи муаллифон дар шароити рушди муосири ҳуқуқӣ ва технологӣ ба ҳисоб меравад.

Айни ҳол бо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии муаллифон дар ҶТ ва истифодаи асарҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 декабри соли 2006, №604 дар назди Вазорати фарҳанги ҶТ шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста таъсис дода шудааст, ки он мувофиқан ҳимояи дастаҷамъии ҳуқуқҳои муаллифонро низ амалӣ менамояд. Албатта, ҳолати мазкур ба андешаи мо мувофиқи мақсад набуда, дар шароити кунунӣ таъсис додан ва ба роҳ мондани фаъолияти ниҳоди алоҳида дар ин самт тақозои замон аст.

Далели гуфтаҳои боло дар банди 46 Стратегияи болозикр бошад дарҷ гардидааст, ки «иштироки соҳибҳуқуқон дар ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ маҳдуд карда мешавад, инчунин рушди низоми идоракунии дастаҷамъии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар сатҳи нокифоя қарор дорад».

Ташкилот дар асоси дастаҷамъӣ идоракунии ҳуқуқҳо дар асоси ваколатҳои ба онҳо аз тарафи дорандагони ҳуқуқҳо пешниҳодшуда фаъолият мебаранд. Моддаи 44 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ваколатҳои ташкилоти идоракунии коллективиро муқаррар менамояд. Дар ин ҷараён нақши шартнома байни соҳибони ҳуқуқҳои

молумулкӣ ва ташкилотҳои зикршуда ниҳоят калон мебошад. Онҳо шартномаҳои муаллифӣ намебошанд ва ба онҳо муқаррароти м.м. 25-29 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» паҳн намешаванд.

Бе ягон асосҳои кофӣ надодани иҷозатнома ба истифодабаранда роҳ дода намешавад. Ҳамин тариқ, институти идоракунии дастаҷамъӣ ҷузъҳои муайяни намояндагиро дошта, хусусиятҳои зеринро дар бар мегирад:

а) чунин намояндагӣ на танҳо аз номи шахсони аз рӯйи шартнома ба дигар кас додани ваколатҳо амалӣ карда мешавад, балки онҳоеро ҳам, ки ваколатҳоро надодааст. Вобаста ба ҳамин сӯйистеъмолҳои зиёде имконпазир мебошанд;

б) намояндагӣ бо роҳи пешниҳодкунии иҷозатнома аз номи ҳама амалӣ мекунад ва дар нисбати ҳар кас иҷозатнома таҳия карда мешавад;

в) бунёд кардани ташкилот роҷеъ ба идоракунии дастаҷамъӣ бо ташаббуси дорандагони ҳуқуқ ба амал бароварда мешавад.

Ба мисли ҳар гуна амалигардонии ҳуқуқҳои субъективӣ, татбиқи ҳуқуқҳои вобаста ҳадҳои муайяни худро дорад, ки пеш аз ҳама, дар маҳдудиятҳои муайян ифода меёбанд. Истифодаи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста бе розигии пешакии соҳибони онҳо ва бе пардохти мукофотпулӣ дар ҳолатҳои истифода барои манфиатҳои ҷамъиятӣ, хизмат намудан баҳри ҳадафҳои маърифатнокнамоӣ ва иттилоотрасонӣ ё қонеъ гардонидани дигар эҳтиёҷҳои муҳимми иҷтимоӣ иҷозат дода мешавад. Чунин ҳолатҳои истисноӣ аҳаммияти ҳуқуқҳои вобастаро коҳиш надода, «балки аз талоши низоми ҳуқуқӣ барои таъмини ҳамбастагии одилонаи манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳанд ва ҳамзамон шароити рушду инкишофи эҷодӣ ва фарҳангиро ҳифз менамоянд» [76, с. 48].

Ҳамин тариқ идоракунии дастаҷамъии ҳуқуқҳои молумулкии марбут ба моликияти зеҳнӣ, хусусан ҳуқуқҳои вобаста дар Тоҷикистон ниёз ба фаъол шудан дорад. Ташкили ин гуна ташкилотҳо барои беҳтар амалӣ кардани

ҳуқуқҳои вобаста ва ҳифзи онҳо мусоидат менамояд. Хусусан дар шароити рушди технологияҳо объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар интернет бо таври фаъол мавриди истифода қарор гирифта истодааст, аммо ҷанбаи қонунӣ истифода шудани онҳо мушиклоти бештарро ба вуҷуд оварда истодааст. Маҳз чунин ташкилотҳо барои кам шудани мушкилотҳо метавонанд саҳмгузор бошанд.

### 3.2. Тарзҳои ҳуқуқӣ-мадании ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста

Қонуни ҳуқуқи муаллиф дар баробари ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотхои пахши эфирӣ ва кабелиро, ки бинобар алокамандӣ бо хукуки муаллиф, ҳуқуқҳои вобаста ном гирифтаанд, низ муҳофизат менамояд.

Муҳофизати ҳуқуқҳои вобаста дар қаламрави ҶТ бори аввал дар Асосҳои қонунгузории граждании ИҶСШ ва ҷумҳуриҳо с. 1991 муқаррар гардида, минбаъд дар қонуни ҳуқуқи муаллиф танзими ҳамаҷониба ва мукаммали худро пайдо кард. Дар таъмини муҳофизати ҳуқуқҳои вобаста, қонунгузории ҶТ мавқеи зарурияти коркарди институти махсуси ҳуқуқҳои вобаста, инчунин таҷрибаи ҷаҳониро пайравӣ намудааст. Ҳоло он, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешаи муҳофизати натиҷаи фаъолияти эҷодии иҷрогарон, асарҳои санъати иҷрогарӣ тибқи ҳуқуқи муаллифӣ ба маънои маҳдуд ҷой дорад.

Ҳуқуқ ба объектҳое, ки таҳти мафҳуми умумии ҳуқуқҳои вобаста муттаҳид шудаанд, дорои табиати гуногун мебошанд. Аз ҷумла, ҳуқуқи иҷрогар дар натиҷаи фаъолияти эҷодии бевоситаи ӯ ба вуҷуд меояд, дар ҳоле ки ҳуқуқи истеҳсолкунандаи фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ бештар ба ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти касбӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, натиҷаи фаъолияти эҷодии иҷрогарро метавон ҳамчун асари санъати иҷрогарӣ арзёбӣ намуд, вале нисбат додани ҳамин мафҳум ба натиҷаҳои

фаъолияти истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун «асар» то андозае муболиға ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, алоқамандии ҳамаи ин ҳуқуқҳо бо ҳуқуқи муаллифӣ бебаҳс буда, маҳз ҳамин робита асоси номгузории онҳо ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста гардидааст.

Мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста (ҳамчунин муаллифӣ)» маҷмуи чораҳои ҳуқуқиро фаро мегирад, ки рафти мусоиди амалигардонии ин ҳуқуқҳоро таъмин менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста як қатор таҳқиқотҳои хосияти консептуалӣ ва амалидошта мавҷуданд. Аз ҷумла, ин таҳқиқотҳои илмии олимон М.А. Колометсева [134, 170 с.], Н.В. Макагонова [138, 154 с.], Ю.В. Трунтсевский [147, 514 с.], Г.И. Уваркин [148, 176 с.], Н.Л. Стреметская [144, 249 с.], М.М. Богуславский [48, 516 с.; 49, 408 с.] ва дигарон ташкил медиҳанд.

Дар баробари фаҳмиши васеи ҳимояи ҳуқуқ дар илм ва қонунгузорӣ, ҳамчунин мафҳуми ҳифз ба маънои маҳдуд истифода бурда мешавад, ки дар он танҳо он чораҳои аз тарафи қонун пешбинишуда ворид мешаванд, ки дар ҳолати то вайроншавии ҳуқуқҳои вобаста, нигаронида шудаанд.

Қонунгузории ҶТ ҳам ба муаллифон ва дигар дорандагони ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқҳои вобаста доираи васеи тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои онҳоро пешниҳод менамоянд. Тавассути тарзҳои ҳимоя пешгирӣ ва бартараф кардани қонунвайронкунӣ, барқароркунӣ ва (ё) ҷуброни зарари дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ расонидашуда имконпазир аст.

Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста метавонанд ба маданӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ тақсим карда шаванд. Дар самти маданӣ-ҳуқуқӣ ҳимоя тавассути барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, ҷуброни зиён, ситонидани ҷуброн ва татбиқи дигар чораҳои ҷавобгарӣ, ки ба танзими баҳс байни соҳиби ҳуқуқ ва вайронкунанда равона шудаанд, амалӣ мегардад. Воситаҳо маъмурӣ-ҳуқуқӣ дахолати мақомотҳои салоҳиятдори давлатиро дар назар дорад, ки метавонанд чораҳои маҷбурсозии давлатӣ, аз ҷумла

ҷаримаҳои маъмурӣ, мусодираи нусхаҳои ғайриқонунии истеҳсолшуда ё боздошти фаъолияти ҳуқуқвайронкунандаро татбиқ намоянд. Усули ҳимояи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои аз ҳама вазнин, вақте ки дахолат ба ҳуқуқҳои вобаста хусусияти хавфноки ҷамъиятӣ мегирад ва татбиқи ҷазо (ҷарима, маҳрум сохтан аз озодӣ ё дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ) талаб карда мешавад, мавриди татбиқ қарор дода мешавад.

Мавҷуд набудани гуноҳи вайронкунанда ӯро аз уҳдадории қатъ намудани вайронкунии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ озод намекунад ва нисбат ба вай чораҳое андешида мешаванд, ки ба ҳимояи ҳамин гуна ҳуқуқҳо равона карда шудаанд. Интишори қарори суд дар бораи вайронкунии содиршуда ва пешгирии амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқ ё таҳдиди вайронкунии онро бавуҷудоранда, ҳамчунин новобаста аз айбу гуноҳ ва аз ҳисоби вайронкунанда ба амал бароварда мешаванд. Ин гуна танзими ҳуқуқӣ бо табиати пешгирикунандаи чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ вобаста мебошад, зеро дар ин ҷо афзалият на ба ҷазо додани ҳуқуқвайронкунанда, балкӣ ба ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда ва барқарор намудани ҳолати то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷойдошта, дода мешавад. Дар ин замина, принсипи ҷавобгарии объективӣ (ҷавобгари барои зарари бегуноҳ расонидашуда) дорои аҳаммияти калидӣ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки истифодаи ғайриқонунии объектҳои моликияти зеҳнӣ боздошта шуда, аз расидани зарари минбаъда ба соҳибҳуқуқ ва ҳам ба муомилот пешгирӣ карда шавад.

Инчунин, вогузор намудани хароҷот ба зиммаи зараррасонанда, ҳатто дар ҳолати мавҷуд набудани гуноҳи ӯ, ҳамчун воситаи ташаккули рафтори софдилонаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ хизмат мекунад ва онҳоро ба риояи бодиққаттари ҳимояи ҳуқуқии объектҳои моликияти зеҳнӣ ҳавасманд месозад. Ин гуна сохтор имкон намедиҳад, ки паёмадҳои манфӣ ба дӯши соҳибҳуқуқ гузошта шаванд ва дар айни замон зарурати риоя ва эҳтиёткорона муносибат намудани дигар субъектҳо ва истифодабаранданро ҳангоми

истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фаридкунонӣ таъкид мекунад.

Дар асоси қ.қ. 1 ва 2, м. 1250 КМ ҶТ дар сурати вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ҳимояи онҳо бо тарзҳои эътирофи ҳуқуқ, барқарор намудани ҳолате, ки то вайронкунии ҳуқуқ ҷой дошт, пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайронкунии он таҳдид менамоянд, товони зарари маънавӣ ва тарзҳои дигари пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешавад. Ҳимояи шаъну шараф ва эътибори кории муаллиф мувофиқи муқаррароти ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар амалӣ карда мешавад. Меъёри зикршуда пурра дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳои ғайримолумулкии субъектони ҳуқуқҳои вобаста татбиқ карда мешавад, зеро онҳо бо ҳуқуқи муаллиф вобастаанд.

Ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он аз рӯйи табиати ҳуқуқиашон ҳуқуқи субъективии маданӣ мебошанд, бинобар ин нисбати онҳо татбиқи тарзҳое, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ истифода мешаванд, ҷоиз аст. Тарзҳои умумии ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ дар КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд ва онҳоро барои ҳимояи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он бо назардошти хусусиятҳои ин ҳуқуқҳо татбиқ кардан мумкин аст.

Мазмун ва хусусиятҳои баъзеи онҳоро муфассалтар дида мебароем:

1. Эътирофи ҳуқуқ.

Эътирофи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он боиси бартарафсозии номуайяниҳо мегардад. Аз ин рӯ, соҳибҳуқуқон ба ин тарзи ҳимоя рӯ меоранд. Зарурати эътирофи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва вобаста ба он дар ҳолатҳои зерин ба вуҷуд меояд:

– вақте мансубияти ҳуқуқи муаллифӣ ва вобаста ба он ба шахси муайян инкор карда мешавад;

– вақте чунин ҳуқуқҳо мавриди баҳс ё зери шубҳа қарор мегиранд;

– вақте таҳдиди воқеӣ ба амалҳои болоӣ ҷой дорад.

2. Барқарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ин ҳуқуқҳоро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардан таҳдид менамоянд.

3. Водор намудани иҷрои уҳдадорӣ дар шакли асл.

Доираи амали ин тарзи ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ва вобаста ба он хеле маҳдуд мебошад. Сабаб дар он аст, ки иҷрои воқеии уҳдадорӣ на ҳамеша имконпазир аст. Яке аз хусусиятҳои иҷрои уҳдадорӣ дар шакли асл аз мазмуни моддаи 22 Қонун бармеояд. Мувофиқи он муаллифи асари санъати тасвирӣ ҳуқуқ дорад барои амалӣ сохтани ҳуқуқи таҷдиди асари худ аз соҳиби асар фароҳам овардани имконияти воқеиро барои ин амал талаб намояд.

4. Рӯёнидани товони зиён.

Рӯёнидани товони зиён аслан дар шакли пулӣ сурат мегирад. Бо талаби соҳибони ҳуқуқи муаллиф ва вобаста ба он зиён дар ҳаҷми пурра ё қисман мумкин аст аз ҳисоби нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограмма пардохта шавад. Вале дар Қонун ин масъала аниқ ва равшан ҳал нашудааст.

5. Ҷуброни зарари маънавӣ.

Соҳибони ҳуқуқи муаллифӣ ва вобаста ба он метавонанд ҷуброни зарари маънавиро талаб намоянд, агар дар натиҷаи вайрон гаштани ҳуқуқҳои ғайри молу мулкиашон ба онҳо азоби рӯҳию маънавӣ расонида шуда бошад. Набояд фаромӯш сохт, ки ҳуқуқи талаби ҷуброни зарари маънавӣ танҳо ба шахсони ҷисмонӣ тааллуқ дорад ва шахсони ҳуқуқӣ аз ин тарзи ҳимояи ҳуқуқ истифода бурда наметавонанд. Ҷуброни зарари маънавӣ танҳо дар шакли пулӣ сурат мегирад.

6. Қатъ кардан ё тағйир додани муносибати ҳуқуқӣ.

Ин тарзи ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар доираи шартномаҳо васеъ истифода мешавад. Масалан, дар шартномаҳои муаллифӣ асосҳои гуногуни тағйир ёфтан ва қатъ гаштани онҳо пешбинӣ шуда

метавонад, ки ба тағйир ёфтан ва қатъ гаштани муносибатҳо оварда мерасонад.

Гурӯҳи дуюми тарзҳои ҳимоя ин тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ мебошад, ки онҳоро қонунгузории маданӣ махсус барои ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он) пешбинӣ кардааст. Ин тарзҳои ҳимоя дар КМ ҶТ ва моддаи 18 Қонун омадаанд:

1. Ба ҷои рӯёнидани товони зиён ситонидани даромад, ки вайронкунанда дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба даст овардааст.

2. Пардохти ҷубронпулӣ дар ҳаҷме, ки аз тарафи суд ба ҷои рӯёнидани товони зиён ва ё ситонидани даромад муайян шудааст.

3. Нашр намудани мавод дар воситаҳои ахбори омма оид ба вайронкунии содиршуда.

Ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он бо тарзҳои номбаршуда маҳдуд намегардад. Қонун ба ғайр аз ин тарзҳо чораҳои иловагии ҳимояи ҳуқуқҳои онҳоро пешбинӣ кардааст, ки бештар хусусияти маъмурӣ доранд. Ин чораҳоро Қонун ба ду намуд ҷудо кардааст:

– нобуд кардани нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограммае, ки аз тарафи соҳиби ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он талаб карда нашудаанд;

– нобуд кардан ё ба манфиати давлат гирифтани мавод ва таҷҳизоте, ки барои тайёр кардан ва таҷдиди нусхаҳои ғайриқонунии асарҳо ё фонограммаҳо истифода шудааст.

Чораҳои мазкур бо мақсади пешгирии тайёр намудан, таҷдид ё истифодаи нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограмма равона шудаанд.

Нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограмма гуфта, он нусхаҳои асар ва фонограммаро меноманд, ки таҳия ва паҳн кардани онҳо боиси вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он мешавад. Бояд қайд

сохт, ки ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он танҳо дар муҳлати пешбиникардаи Қонун ва бо шарти нагузаштани муҳлати даъво имконпазир аст. Баъзе ҳуқуқҳои ғайри молу мулкии соҳибҳуқуқон (ҳуқуқ ба муаллифият, ҳуқуқ ба ном ва ғ.) бемуҳлат ҳимоя мешаванд. Нисбати талабот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ муҳлати даъво татбиқ намегардад. Масалан, муҳлати пешниҳоди талабот оид ба ҷуброни зарари маънавӣ номаҳдуд аст.

Чунин равиши қонунгузор хусусияти хосаи моликияти зеҳниро инъикос менамояд, ки дар он ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ табиати гуногун дошта, ҳадафҳои мухталифро пайгирӣ мекунанд. Агар ҳуқуқҳои молумулкӣ ба таъмини манфиатҳои иқтисодии муаллиф равона шуда, дар доираи муҳлатҳои муайян маҳдуд гарданд, пас ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, ки бо фардияти эҷодии муаллиф вобаста мебошанд, новобаста аз гузашти вақт ҳифз карда мешаванд. Ин ба ҳифзи робитаи муаллиф бо асар мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки ҳолатҳои ғасби муаллифӣ ё таҳриф кардани асар ҳатто даҳсолаҳо баъд аз пайдо шудани он пешгирӣ карда шаванд.

Ҳамзамон, ҳифз аз такрористеҳсолнамоӣ ва паҳнкунии ғайриқонунии асарҳо мавқеи фаъоли соҳибҳуқуқро талаб мекунад. Муайян намудани ҳуқуқвайронкунандаи мушаххас нақши муҳим дорад, зеро маҳз ин имконият медиҳад, ки ӯ ба ҷавобгарӣ кашида шуда, ҷуброни зарари расонидашуда, аз ҷумла талафоти моддӣ ва зиёнҳои маънавӣ, талаб карда шавад.

Гузашта аз ин, ҷанбаи муҳимми амалии татбиқи ҳуқуқ зарурати исбот намудани ғайриқонунӣ будани таҳия ё паҳн кардани нусхаҳо мебошад. Ба соҳибҳуқуқ аксар вақт лозим меояд, ки талаботи худро бо хулосаҳои экспертӣ тақвият бахшад, ки ҳолати бе иҷозат нусхабардории асар ё аломатҳои қалбакӣ будани нусхаҳоро тасдиқ мекунанд. Ҳангоми баррасии чунин парвандаҳо, мақомоти судӣ на танҳо моҳияти техникии нусхаҳоро ба

инобат мегиранд, балки ҳолатҳои муомилоти онҳо, дараҷаи қасди ҳуқуқвайронкунанда ва ҳаҷми зарари расонидашударо низ ҳисоб мекунанд.

Ҳамин тариқ, қонунгузор чораҳои ҳимояро маҳдуд накардааст ва имкон додааст, ки дар дигар қонунҳо ҳам чораҳои ҳимоя муқаррар карда шавад.

Ҳамзамон дар қ. 5, м. 1250 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқдор метавонад ба ҷойи ҷуброни зиёни расондашуда пардохти товони пулиро барои ҳуқуқи вайроншудаи мазкур талаб намояд. Андозаи товон аз ҷониби суд вобаста ба хусусияти вайронкунӣ ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад. Мутаассифона дар ин ҷо қонунгузор мушаххас меъёри пардохти товони пулиро мушаххас накардааст. Ин норасоӣ дар м. 48 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» низ мушоҳида мешавад. Дар Россия ва Қазоқистон меъёрҳои зикршуда дар қонунгузорӣ мушаххасанд ва дар таҷриба зиёд истифода мешавад [64, с. 200; 65, с. 177].

Яке аз масъалаҳое, ки ба назари мо дар моддаи мазкур ба назар гирифта нашудааст, ин дар фазои маҷозӣ вайрон кардани ҳуқуқҳои вобаста мебошад. Яъне имрӯзҳо дигар бо диску, маводҳои чипӣ ҳуқуқҳо камтар вайрон мешаванд, балки объектҳои ҳуқуқҳои вобаста бештар дар интернет бидуни розигии соҳибони ҳуқуқ паҳн, таҷдид, тарҷума ва ғ., мегарданд.

Барои ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда, ки дар м. 47 зикр шудаанд, дар м. 48 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар шакли зерин тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳо муқаррар гардидаанд:

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар қонунгузории маданӣ ду сатҳи танзимкунии тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои вобастаро муайян кардааст. Сатҳи якум, чунин тарзҳои ҳимояе маънидод мешавад, ки хосияти универсалӣ доранд ва метавонанд барои ҳимояи ҳар гуна ҳуқуқи субъективии вобаста татбиқ шаванд. Тарзҳои мазкур дар м. 11 КМ ҶТ номбар карда шудаанд. Ба онҳо шомиланд: эътирофи ҳуқуқҳо, худмуҳофизати ҳуқуқҳо, рӯёниши ҷаримаҳо, ҷуброни зарари маънавӣ. Сатҳи дуюм тарзҳои бо қонун

муқарраршударо фаро мегирад, ки барои ҳимояи танҳо намудҳои муайяни ҳуқуқҳои маданӣ ё барои ҳимоя аз вайронкуниҳои муайян татбиқ мешаванд.

Зарурияти ҳифзи чунин намудҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он, ба монандӣ: ҳуқуқи артистон - иҷрогарон аз ҷониби бисёр мутахассисон кайҳо дастгирии худро ёфта буданд [97, с. 86-88; 42, с. 93; 68, с. 33-34; 67, с. 73-75; ]. Лекин ақидаҳо оиди имконияти шаклҳои ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти эҷодии иҷрогарон ба якчанд гуруҳ тақсим шуданд. Ба ақидаи як гуруҳи олимон, дар натиҷаи фаъолияти эҷодии иҷрогарон объекти нави ҳуқуқи муаллифӣ – асари санъати иҷроишӣ, ки ҳуқуқ ба он мумкин аст, дар доираи ҳуқуқи муаллифӣ ба маънои маҳдуд ҳимоя карда мешавад, пайдо гардад [67, с. 82-83].

Аз нуқтаи назари олимони дигар бошад, дар бораи офаридани асари нав аз тарафи артистон - иҷрогарон бо як мураккабии ночиз сухан гуфтан мумкин аст. Дар асл, оқибати фаъолияти эҷодии иҷрогарон эътироф ва ҳифзи ҷамъиятиро шоён аст, лекин охирон дар он вақт таъмин карда мешавад, ки вай бо сохти махсуси институти ҳуқуқҳои вобаста ба он асос ёфта бошад [112, с. 69]. Ақидаи дуюм вобаста ба таҷрибаи амалӣ беҳбудии худро нишон дод [94, с. 215].

Ба ғайр аз ҳуқуқи иҷрогарон, ба ҳуқуқҳои вобаста ба он қонунгузор ба Конвенсияи Римӣ такя намуда, ҳуқуқи офарандагони фонограммаҳо, инчунин ташкил намудани намоиши эфирӣ ва кабелиро ворид намудааст. Субъектони мазкурро он асос муттаҳид мекунад, ки бо ташаббуси фаъолияти онҳо асари барои иҷроиши оммавӣ таъиншуда, на танҳо ба шунаванда ва тамошобин, балки ба шахсони васеъ дастрас мегардад, ки асосан ба манфиати муаллифон мутобиқ аст. Рушди низоми ҳуқуқҳои вобаста дар ин самт аз зарурати воқеӣ баҳри таъмини ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди эҷодӣ вобаста мебошад, зеро паҳн кардани асарҳо дар фазои иттилоотии муосир бе иштироки миёнаравони касбӣ, ки имконияти техникии сабт, такрор ва интиқоли муҳтаворо таъмин мекунанд, ғайриимкон мебошад. Маҳз ҳамон таҳрикунандагони фонограмма ва ташкилотҳои

паҳнкунанда шароитҳои моддӣ ва технологиро ташкил месозанд, ки намоишҳои мусиқӣ ва аудиовизуалӣ метавонанд мавриди истифодаи омма қарор гиранд. Чунон ки муаллиф қайд менамояд, «сармояи онҳо ба таҷҳизот, инфрасохтор ва ташкили пахшнамоӣ саноати махсуси фарҳангиро ташаккул медиҳанд, ки ҳимояи ҳуқуқиро дар баробари дигар объектҳои анъанавии ҳуқуқи муаллифӣ талаб мекунад». Бинобар ин, қонунгузор аҳаммияти онҳоро эътироф намуда, ба онҳо ҳуқуқҳои истисноӣ медиҳад, ки ба ҳавасмандгардонии истеҳсоли мундариҷаи босифати воситаҳои ахбори омма ва дастгирии рушди устувори бозори хизматрасонӣ нигаронида шудааст.

Равиши мазкур таҳаввулоти танзими ҳуқуқиро дар шароити пешрафти босуръати технологӣ инъикос мекунад, ки усулҳои паҳн кардани асарҳо дар байни омма мунтазам такмил меёбанд ва хатари истифодаи ғайриқонунӣ ба таври назаррас меафзояд. Ҳимояи ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста на танҳо сатҳи зарурии ҳимояи манфиатҳои субъектҳои дахлдорро таъмин менамояд, балки ба таҳкими механизмҳои муомилоти қонунии моликияти зеҳнӣ, фароҳам овардани шароит барои ҳамкории мутақобилаи муаллифон, иҷрокунандагон, таҳиягарон ва истифодабарандагони асарҳо мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, дар вақти иҷроиши асарҳои муаллифон манфиати ҳар се гурӯҳи субъектон ва муаллифони асар чунон ба ҳам зич алоқаманд мебошанд, ки модули анъанавии муносибатҳои байниҳамдигарии дорандагони ҳуқуқҳои муаллифӣ ва истифодабарандагони асар нокифоя аст. Амалияи муосир нишон медиҳад, ки тақсими ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, ки танҳо ба сохтори анъанавии ҳуқуқи муаллифӣ асос ёфтааст, аҳаммияти рӯзафзуни миёнаравон, майдони рақамӣ ва дигар иштирокчиёнеро, ки ба гардиши асарҳо таъсир мерасонанд, ба инобат намегирад. Дар натиҷа, зарурати объективии навсозии танзими ҳуқуқӣ, густариши дастгоҳи мафҳумӣ ва ташаккули низоми мутобиқшаванда ба миён меояд, ки тавонад динамикаи манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳоро ба инобат гирад ва балансро миёни ҳифзи ҳуқуқи муаллифон, озодии дастрасӣ ба иттилоот ва воқеияти иқтисодии муҳити нави фарҳангӣ

таъмин намояд.

Ҳаёти воқеӣ ба чунин истифодабарандагони асар пешниҳод намудани ҳуқуқҳои махсусро талаб намуд, ки аз ҳуқуқҳои муаллиф вобаста бошанд ҳам, лекин ба ҳуқуқҳои муаллифони тибқи шартнома пешбинишуда, алоқамандӣ надорад. Дар айни ҳол, агар масъалаи баҳодиҳии хусусияти фаъолияти артистон - иҷрогарон баҳснок бошад ҳам, вале фаъолияти тайёркунандагони фонограммаҳо, инчунин ташкилотҳои намоишӣ - хусусияти эҷодӣ надорад: яъне онҳо асосан ба фаъолияти техникӣ машғуланд, ки дар натиҷаи он ягон асари нав офарида намешавад, ба амал бароварда мешаванд. Азбаски шабеҳии манфиатҳои ин муносибатҳо бо манфиати дорандагони ҳуқуқҳои муаллифии асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат баръало аён аст, ҳуқуқҳои шахсони мазкур одилона ҳуқуқҳои вобаста ба он номида мешавад.

Оғози (асоси) эҷодӣ, инчунин дар фаъолияти тартибдиҳандагони манбаи маълумот ва шахсоне, ки асарҳои паҳнгардида ё паҳннагардидаро ба омма дастрас намудаанд ё асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъатро ба боигарии ҷамъиятӣ гузаронидаанд, вуҷуд надорад. Азбаски шахсони номбурда барои ба даст овардани оқибати мазкури фаъолияти зеҳнӣ вақт ва воситаҳои муайянро масраф намудаанд, эътироф накардани баъзе ҳуқуқҳо барои ноил шудан ба оқибати ба даст овардаи онҳо, беадолатӣ ба шумор меравад. Ҳуқуқҳои номбурда низ бо табиати ҳуқуқии худ ба ҳуқуқҳои вобаста ба он наздикӣ доранд, бинобар он, беҳуда нест, ки ин муаммоҳо дар қисми сеюми Кодекси граждании ҶТ танзим карда шудаанд [5].

Эҳтимол карда мешавад, ки шумораи объектҳое, ки ба воситаи ҳуқуқҳои вобаста ҳифз карда мешаванд, дар оянда боз ҳам зиёдтар мегарданд.

Хусусияти хоси аксарияти ҳуқуқҳои вобастаи анъанавӣ ин аз ҳуқуқи офарандагони асарҳои эҷодӣ - ***чун маҳсул ва вобастаи он*** ҳисоб меёбанд. Танҳо дар ҳолатҳое, ки агар асарҳои қонунан ҳифзнашаванда ё объектҳои оқибати фаъолияти эҷодӣ ҳисоб наёфта, ба монандӣ: иҷро, сабти

фонограммавӣ, барнома ё намоиши кабелӣ, офарида мешавад, ҳуқуқҳои вобаста хусусияти мустақил пайдо мекунад. Дар ин ҳолат истеҳсолкунанда танҳо дар доираи ҳуқуқҳои ба ӯ додашуда объектҳои номбурдаро дар намоиш истифода мебарад. Ҳуқуқҳои вобастаи истеҳсолкунандаи манбаи маълумот на он қадар бо ҳуқуқҳои муаллифӣ алоқамандӣ дорад.

Таҳлили тарзҳои мушаххаси ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста ва имкони татбиқи онҳоро мебинем:

Эътирофкунии ҳуқуқҳои вобаста. Эътирофкунии ҳуқуқҳои вобаста аз рӯйи мазмун ва моҳияти он ба сифати тарзҳои ҳимоя танҳо бо тартиби ҳуқуқӣ (судӣ) таъмин мегардад, на ин ки аз ҷониби даъвогар яктарафа амалӣ намудани ягон амали дигар. Дархости даъвогар оид ба эътирофи ҳуқуқ ба он равона мегардад, ки мавҷуд будан ва ё набудани ҳуқуқи даъвогарро ба таври расмӣ тасдиқ намояд.

Агар шахсе, ки ҳуқуқро вайрон карда, даромад гирифтааст, он гоҳ шахсе, ки ҳуқуқаш вайрон карда шудааст, ҳақ дорад дар баробари дигар зарарҳои аз даромади аздастрафта дар ҳаҷми на камтар аз чунин даромадҳо, ҷубронро талаб намояд. Чунин равиш дар асоси принсипи нораво будани бойшавӣ аз ҳисоби амалҳои ғайриқонунӣ асос ёфта, ба барқарорсозии ҳуқуқҳои молумулкии вайронгардидаи тарафҳо, бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва пешгирии эҳтимолии сӯистифода дар оянда равона шудааст.

Дар ин маврид чуноне ки аз санадҳои таҷрибаи судӣ бармеояд, маълум мегардад, ки «зарурати асоснок кардани чунин хароҷот ва андозаи тахминии онҳо талаб карда мешавад, ки он бояд бо ҳисоби оқилона, исботҳо тасдиқ гарданд, ки ба сифати онҳо смета (ҳисобкунӣ (калкулятсия))-и хароҷот барои бартараф кардани камбудиҳо, корҳо ва хизматҳо метавонад пешниҳод карда шавад; шартномае, ки андозаи ҷавобгариро барои вайронкунии уҳдадориҳо муайян кардааст ва ғ.» [160, с. 3-4].

Аммо, чӣ тавре дар адабиёти илмӣ дуруст қайд мешавад, дар ин ҷо коллизия ба амал меояд. Зеро, ин дастур ба эҳтимоли бештар, маънои онро дорад, ки «вайронкунанда бояд хароҷоти мақомотҳои салоҳиятдорро барои амалӣ намудани ин амалҳо аз ҳисоби худ пардохт кунад. Вале бо кадом методика чунин хароҷотҳо (ва аз тарафи кӣ) муайян карда мешаванд, пурра маълум нест» [46, с. 98].

Агар ба соҳибҳуқуқ муайян кардани истеҳсолгари ғайриқонунии нусхаҳои асар муяссар шавад, вай метавонад ба суд бо даъво муроҷиат кунад. Мавриди зикр аст, ки муроҷиат ба суд ягона механизми вокуниш ба чунин амали ғайриқонунӣ нест. Муаллиф ё дигар соҳиби ҳуқуқ метавонад ҳамчунин ба мақомоти ваколатдори ҳифзи ҳуқуқ ё назоратӣ, аз ҷумла, ба суди иқтисодӣ, прокуратура, мақомотҳои тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ ва дигар сохторҳое, ки барои андешидани чораҳо ҷиҳати боздоштани истифодаи ғайриқонунии объектҳои моликияти зеҳнӣ ваколат доранд, муроҷиат намояд. Чунин равиши бисёрсатҳа имконият медиҳад, ки ба ҳолати вайрон гардидани ҳуқуқуҳо саривақт вокуниш нишон дода шуда, далелҳо сабт гарданд ва раванди ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунанда оғоз ёбад, ки дар натиҷа ба таъмини самараноки ҳифзи ҳуқуқии асар мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, муайян намудани соҳаи татбиқи тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он муҳим мебошад. Баъзе муаллифон бар онанд, ки тарзҳои ҳимояи пешбинишуда танҳо ба ҳолатҳои берун аз шартнома вайронкунии ҳуқуқҳои истисноии муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста, татбиқ мегарданд. Мутобиқи ақидаи дигар мутахассисон, муқаррароти нишондодашуда метавонанд ҳангоми ҳимоя кардани ҳуқуқҳои вайронкардашудаи муаллиф, ки аз шартнома бармеоянд, истифода гарданд, ки ба андешаи мо нисбатан саҳеҳ мебошад. Чунин фаҳмиш аз он вобаста аст, ки табиати ҳуқуқи вобаста, новобаста аз он ки ҳуқуқвайронкунӣ дар натиҷаи истифодаи ғайриқонунии асар аз ҷониби шахсони сеюм ба миён омадааст, ё дар натиҷаи иҷрои нодурусти уҳдадориҳои шартномавии ҷониби муқобил,

тағйир намеёбад. Дар ҳар ду ҳолат объекти таҷовуз ҳуқуқи истисноии муаллифӣ боқӣ мемонад, аз ин рӯ истифодаи механизмҳои ягонаи ҳимоя мантиқан дуруст буда, ба принсипҳои умумии қонунгузории маданӣ мутобиқат мекунад.

Илова бар ин, ҷудо кардани соҳаҳои татбиқи тарзҳои ҳимоя танҳо бо меъёри вуҷуд доштан ё надоштани муносибатҳои шартномавӣ метавонад ба холигиҳои беасос дар амалияи татбиқи ҳуқуқии оварда расонад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва мураккабшавии сохторҳои шартномавӣ, асарҳои муаллифӣ ҳар чи бештар дар доираи созишномаҳои мураккаби омехта истифода мешаванд, ки дар онҳо вайроншавии ҳуқуқ метавонад ҳам хусусияти шартномавӣ ва ҳам ғайришартномавӣ дошта бошад. Маҳдуд намудани тарзҳои ҳимоя танҳо ба соҳаи ғайришартномавӣ дар амал муаллифро аз имкони ҳимояи самараноки манфиатҳои худ дар ҳолатҳои содир гардидани поймолкунии ҳуқуқ аз ҷониби шарики шартномавиаш, маҳрум месозад ва байни иштирокчиёни муомилоти маданӣ нобаробарӣ ба вуҷуд меорад.

Масъалаи дигари муҳим ин муайян кардани ваъи ҳуқуқии миёнравони иттилоотӣ мебошад. Дар КМ ҶТ ин масъала дар м. 1251 ба инобат гирифта шудааст. Миёнаравони иттилоотӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муаллиф нақши калон доранд. Зеро маҳз аз вазъи ҳуқуқии онҳо вобаста аст, ки объектҳои ҳуқуқи вобастаро бо таври дахлдор ҳифз карда, онҳоро тибқи асосҳои қонунӣ манзури доираи шахсони номуайян гардонанд.

Барои ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста дар замони муосир масъалаи тавассути технологияҳои замонвӣ ҳимояи кардани онҳо муҳим мебошад. Воқеан аксари ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин ҷода дар интернет сурат мегирад. Аз ҳамин хотир чораҳи ҳифзи технологӣ ниҳоят муҳим мебошад, хусусан бастани сайтҳо ва маводҳо, полондани онҳо дар интернет ҳамчун усулҳои ғайримаъмулӣ ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ дар назар бояд гирифта шавад.

Ҳангоме, ки и баъзе мавод дар интернет ба манфиатҳои ин ё он шахс дахл менамояд, бо мақсади пешгирӣ ва «безарар гардондани онҳо» ва паёмадҳои манфии онҳо чунин чораҳо, аз қабили хориҷ, бастан ва полонидан, татбиқ карда мешаванд. Хориҷ, бастан ва полонидан дар интернет чораҳои дорои хусусияти техникӣ буда, на танҳо ба ҳуқуқҳои оммавии инсон (ҳуқуқ ба озодии сухан, озодии баён, дастрасӣ ба иттилоот), балки ҳамчунин ба ҳуқуқҳои хусусии субъект (ҳуқуқ ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ғ.) таъсир мерасонанд. Ин ҳолат дар тамоми ҷомеаи байналмилалӣ дар ҳоли рушд мебошад.

Полонидан бештар ҳамчун чорабинии хусусияти пешгирикунанда дошта барои пешгирии дастрасӣ ба контенти ғайриқонунӣ ва паҳншавии он истифода мешавад. Ин мафҳум дар қонунгузории ҶТ мустақиман муқаррар нагардидааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ ба ин масъала хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. С.А. Куликова мафҳуми зеринро барои полонидани контенти интернет пешниҳод менамояд: «Полонидани контенти интернет — ин раванди ҷудо намудани сайтҳо вобаста ба мазмуни онҳо бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-таҷҳизотӣ ва техникӣ мебошад…» [113, с 94].

Дар ин маврид бояд таъкид кард, ки полонидан танҳо бо роҳи ҷудо намудани сайтҳо аз рӯи мазмун бо истифода аз воситаҳои техникӣ амалӣ намегардад. Чунин навъи полониданро шартан метавон полонидани техникӣ номид. Дар бисёр ҳолатҳо полонидан таҳлилу таҳрири мазмуни сайтро дар бар мегирад (филтратсияи мазмунӣ), ки одатан аз ҷониби ҳуқуқдорандаи сайт анҷом дода мешавад. Ҳуқуқдоранда маводи ҷойгиршуда дар сайтро таҳрир намуда, иттилооти ғайриқонуниро ошкор ва аз паҳншавии он пешгирӣ менамояд.

Агар дар сайт иттилоот дар реҷаи онлайн паҳн карда шавад (масалан, форумҳо, шарҳҳо ва монанди инҳо), ҳуқуқдорандаи сайт маҷбур мешавад онҳоро таҳрир намояд. Ба ин тартиб, полонидани иттилооти ғайриқонунӣ

анҷом дода мешавад. Чунин ҳолат натанҳо ба сайтҳо, балки барои фесбукҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам хос аст.

Таҳрири сайтҳо аз моҳияти ҳуқуқии худи сайт ҳамчун объекти фаъолияти зеҳнӣ бармеояд, ки ба ин ё он субъект тааллуқ дорад. Яъне ҳуқуқдоранда барои контенти сайт масъул мебошад. Дар сурати ҷой доштани иттилооти ғайриқонунӣ дар сайт, масъулият пеш аз ҳама ба дӯши ҳуқуқдоранда меафтад. Аз ин рӯ, ҳатто агар қонунгузорӣ уҳдадории мустақими таҳрирро пешбинӣ накарда бошад ҳам, чунин уҳдадорӣ аз моҳияти мақоми ҳуқуқии ҳуқуқдоранда бармеояд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи хусусӣ, таҳрири мавод дар сайтҳо ҳуқуқи худи ҳуқуқдорандаи сайт ба ҳисоб меравад. Ба сайт ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ татбиқ мешавад. Агар ҳуқуқдорандаи сайт имконияти мубодилаи интерактивии иттилоотро фароҳам оварад, ҳуқуқи таҳрири ин иттилоот на танҳо ҳуқуқи ӯ, балки то андозае уҳдадории ӯ низ мебошад. Масалан, агар дар бахши шарҳҳо фисқу фуҷур ё дигар иттилооти ғайриқонунӣ ҷойгир карда шавад, ӯ уҳдадор аст онро хориҷ намояд. Дар ин ҳолат таҳрир шакли мазмунии полониданро ташкил медиҳад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар қонунгузорӣ меъёре пешбинӣ гардад, ки мувофиқи он ҳуқуқдорандаи сайт уҳдадор бошад маводи сайтро таҳрир ва полон намояд, бо мақсади пешгирии паҳншавии иттилооти ғайриқонунӣ.

Хориҷ ва бастан ин ё он мавод дар интернет баъзан бо озодии сухан алоқаманд мегардад. Вобаста ба ин масъалаҳо як қатор қарорҳои Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон қабул гардида, гузоришҳои таҳлилӣ, мақолаҳо дар ВАО ва дигар маводҳо нашр шудаанд. Аммо ҳамеша бояд манфати умум дар ҷойи аввал бошад, Ягон озодии сухан аз оромии ҷомеа боло намеистад. Оромӣ ва сулҳу субот бошад, озодии сухан маъно дорад, аммо агар сулҳ набошад, озодии сухан ягон маъно надорад.

Таҳлили якчанд қарорҳои Суди Аврупо нишон медиҳад, ки равандҳои хориҷ ва бастани захираҳои интернетӣ аксаран аз ҳифзи ҳуқуқҳои

ғайримолумулкии шахси мушаххас оғоз ёфта, баъдан бо масъалаҳои озодии сухан (м. 10 Конвенсияи аврупоии ҳуқуқи инсон) бархӯрд мекунанд ва дар ниҳоят хусусияти сиёсӣ касб менамоянд. Дар қарорҳои Суди Аврупо масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии субъектҳо, аз ҷумла тавассути ҷуброни зарари маънавӣ, инъикос меёбанд, аммо ҳифзи озодии сухан ҳамеша мавриди назар аст.

Кумитаи Шурои Аврупо тавсия надодааст, ки механизмҳои давлатии бастан истифода шаванд, аммо истисноҳоро барои ҳифзи ноболиғон иҷозат додааст. Ҳамзамон, давлатҳои аъзо метавонанд имконияти насб ва истифодаи полонро дар ҷойҳое, ки барои кӯдакон дастрасанд (масалан, мактабҳо ва китобхонаҳо), баррасӣ намоянд.

Чораҳои техникии хориҷ ва бастан новобаста аз он ки хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ касб намудаанд, ҷанбаҳои маданӣ -ҳуқуқӣ низ доранд. Ҳамчун усулҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ, онҳо метавонанд барои ҳифзи моликияти зеҳнӣ, маълумоти шахсӣ ва дигар ҳуқуқҳои мадании субъект, ки тавассути интернет вайрон мегарданд, истифода шаванд. Моҳияти ин усулҳо дар он зоҳир мешавад, ки шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон шудаанд, талаб менамояд, то иттилооте, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ дахл дорад, аз захираҳои интернетӣ хориҷ ё ҳадди ақал баста шавад.

Гарчанде дар қонунгузории ҶТ истилоҳи мустақими «ҳуқуқ ба хориҷ ва бастани иттилооти ғайриқонунӣ» пешбинӣ нашуда бошад ҳам, чунин институт дар амалияи қонунгузории як қатор кишварҳои ҷаҳон ҷой дорад (масалан дар Туркия, Россия ва дигар давлатҳо).

Мушкилии асардуздии онлайнӣ то ҳол қариб ҳалнашуда боқӣ мемонад. Соли 2019 Россия ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ ҷиддӣ кард. Россия барои рушди меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар муҳити онлайн ва мубориза бо захираҳои ғайриқонунӣ қадамҳои муҳим мегузорад. Бастаи тағйиру иловаҳо ба қонуни зиддиасардуздӣ ба ҳуқуқдорандагон имкон дод, ки захираҳои калони асардуздонро маҳкам

кунанд. Тарҷриба нишон дод, ки дар соли 2019 дар Россия сатҳи асардуздӣ қариб 27% поён рафт [108, с. 77].

Одатан ҳуқуқдорандагон аксаран бо мушкилоти давр задани қону бо роҳҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мушкил дар он аст, ки ҳуқуқдорандагон аксаран дар имконияти муроҷиат ба чораҳои васеътар барои маҳдуд кардани дастрасӣ ба захираҳои ғайриқонунӣ маҳдуданд; масалан, кофист сайти асардузд ба домени аз ҷиҳати ном монанд «кӯчад», дар он сурат ҳуқуқдоранда дигар наметавонад ҳалномаи судиро дар бораи маҳдуд кардани доимии дастрасӣ ба сайт бинобар вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ба даст орад.

Ҷанбаҳои мурофиавии ҳимояи ҳуқуқои онлайнӣ хеле муҳим мебошанд. Дар Россия пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани Қонуни федералии № 187-ФЗ ҳуқуқдорандагони филмҳо имконияти маҳдуд кардани дастрасӣ ба маводи ғайриқонунӣ тавассути Суди шаҳри Москва  ва Роскомнадзорро гирифтанд. Тибқи м. 144.1 Кодекси мурофиавии граждании ФР, Суд дар муҳлати як шабонарӯз пас аз пешниҳоди аризаи ҳуқуқдоранда онро баррасӣ карда, чораҳои пешакии таъминкунанда меандешад ва Роскомнадзор ин таъиноти судиро иҷро менамояд. Мутобиқи банди 3 моддаи 15.2 Қонуни федералии аз 27 июли соли 2006 № 149-ФЗ «Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот» асос барои бастани захира аризаи ҳуқуқдоранда ба Роскомнадзор оид ба андешидани чораҳо барои маҳдуд кардани дастрасӣ ба захираест, ки маводро бо вайрон кардани ҳуқуқҳои истисноӣ паҳн мекунад.

Ариза бояд бо ҳуҷҷатҳое ҳамроҳ бошад, ки ҳуқуқҳои довталабро ба объекти ҳуқуқи истисноӣ ва воқеаи истифодаи он объект дар Интернет тасдиқ мекунанд. Мақомоти соҳавӣ баъди гирифтани огоҳиномаи ҳуқуқдоранда ва таъиноти суд дар бораи чораҳои пешакии таъминкунанда, хостинг-провайдерро муайян карда, ба ӯ огоҳинома бо нишон додани номи асари баҳснок мефиристад. Дар муҳлати як рӯзи корӣ хостинг-провайдер

уҳдадор аст соҳиби сайтро дар бораи зарурати ҳазфи контенти ғайриқонунӣ дар муҳлати як рӯзи корӣ огоҳ намояд.

Агар контент ҳазф нашавад, хостинг-провайдер уҳдадор аст худ дастрасиро маҳдуд кунад. Агар дар муҳлати се рӯзи корӣ низ контент хориҷ нашавад, мақомоти соҳавӣ чораҳои бастанро дар сатҳи операторони алоқа тавассути ворид кардани маълумот дар бораи суроғаи шабакавӣ, домен ва URL ба феҳристи махсус амалӣ менамояд.

Дар асоси ин феҳрист оператор уҳдадор аст дастрасиро ё ба иттилооти ғайриқонунӣ, ё (агар ин имконнопазир бошад) ба тамоми захира маҳдуд намояд. Ҳангоми бекор шудани таъинот ё ҳалномаи суд, мақомот хостинг-провайдер ва операторони алоқаро дар бораи бекор кардани чораҳои маҳдудсозӣ огоҳ мекунад [108, с. 78].

Миёнаравони иттилоотӣ дар оянда низ барои нигоҳдорӣ, паҳн кардан, ҳифз намудани объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ҳам ҳавасманд мебошанд ва ҳам масъул. Албатта қонунгузор то дараҷае масъулияти онҳоро дар м. 1251 КМ ҶТ мушаххас кардааст. Аммо бояд зикр кард, ки онҳо дар аксари ҳуқуқвайронкуниҳо ҳамҷавобгар мебошанд, зеро аксари ҳуқуқвайронкуниҳо дар майдонҳои электронии таҳти назорати онҳо мавҷудбуда сурат мегирад. Илова бар ин, душвории рӯзафзуни технологияҳо ва гуногунии шаклҳои паҳншавии иттилооти рақамӣ таҳияи равишҳои нави ҳуқуқиро талаб мекунад, ки ҳам манфиатҳои ҳуқуқдор ва ҳам имкониятҳои иқтисодию техникии худи миёнаравонро ба назар гирифта шаванд. Зарур аст, ки баҳри маҳдуд нагардидани рушди инноватсия ва ҳамзамон коҳиш додани хатари сӯистифода байни озодии гардиши иттилоот ва уҳдадории риояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ тавозун барқарор карда шавад.

Ҳамин тариқ, такмили минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқҳои вобаста бояд маҷмӯи тадбирҳоеро пешбинӣ намояд, ки ба баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ, эҷоди расмиёти

самарабахши вокуниш ба қонуншиканӣ ва таъмини тақсимоти одилонаи масъулият миёни иштирокчиёни экосистемаи рақамӣ равона шудаанд.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста тарзу усулҳои хос ба объектҳои нави пайдомешуда зарур аст. Масалан, дар замони ҳозира аксари объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар интернет ҷойгир шудаанд. Аз ҳамин ҷиҳат дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи соҳибони ҳуқуқҳои вобаста, тарзҳои нави ҳифзи ҳуқуқро (бастани саҳифаи сомонае, ки дар он ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд аст (блокировка), хориҷ кардани маводи ғайриқонунӣ аз сомона коркард ва истифода бурдан зарур аст. Рушди технологияҳои рақамӣ боиси пайдоиши шаклҳои мураккабтари истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста мегардад, ки ин такмили пайвастаи воситаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои амалии вокунишро талаб мекунад. Ба ғайр аз чораҳои техникии ҳифз, нақши расмиёти муайян кардани шахсияти ҳуқуқвайронкунанда, сабти далелҳо дар фазои рақамӣ ва ҳамкории фаврӣ бо провайдерҳои хизматрасониҳои интернетӣ, ки дар таъмини дастрасӣ ба мундариҷа нақши калидӣ доранд, бештар мегардад. Ҳамчунин инкишофи танзими меъёрӣ, ки тартиби татбиқи чунин чораҳо, ҷавобгарӣ барои иҷро нагардидани онҳо ва кафолати риояи тавозуни байни манфиатҳои соҳибони ҳуқуқ, истифодабарандагон ва миёнаравонро муайян мекунад, муҳим арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, барои ҳифзи самаранокии баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва огоҳии шаҳрвандон ва ташкилотҳо оид ба ҷавобгарӣ барои истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста шартҳои зарурӣ ба ҳисоб мераванд. Маҷмӯи чораҳои мазкур имкон медиҳанд, ки дар шароити рушди босуръати технологӣ ва рақамикунонии рӯзафзуни муносибатҳои ҷамъиятӣ низоми устувори ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ташаккул дода шавад.

Яке аз мушкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳангоми барориши маҳсулоти қалбакӣ дар надонистани ҳуқуқҳои худ аз ҷониби муаллифон ва дигар дорандагони ҳуқуқ мебошад, дар онҳо мавҷуд

набудани тасаввурот дар бораи он, ки чӣ тавр ва ба куҷо бо ариза дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда бояд муроҷиат намоянд. Ҳамзамон, бояд дар назар гирифт, ки ҷиҳати рушди самараноки соҳаи мазкур давлат бояд платформаи мусоиди ҳуқуқиро, яъне асосҳои танзими ҳуқуқиро мустаҳкам намуда, шароити арзандаи эҷод намудан ба муаллиф ва аз он дарёфт намудани самараи мувофиқро фароҳам созад ва дар навбати худ давлат аз истифодаи асарҳои дар муомилоти иқтисодӣ буда, даромади дахлдор гирад.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳлили мавзуи таҳқиқот хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. ҶТ аз замони эълони Истиқлолияти давлатӣ тадриҷан ба марҳилаи нави инкишоф ва бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ягонаи иҷтимоӣ қадамҳои устувор гузошта, дар заминаи мазкур ҷиҳати шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муқаддасоти давлатдорӣ аз диди тоза назар карда, дар қонунгузорӣ арзишҳо ва ченакҳои беҳтаринро муайян намудааст, ки метавонанд манфиатҳои имрӯзу фардои миллату давлатамонро дилпурона ҳифз намоянд. Аз ҷумла, вобаста ба таъмини натиҷаи офаридаи зеҳну тафаккур ва меҳнати ақлонии одамон бори нахуст истилоҳи «ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба қонунгузории навини миллӣ ворид гардид, ки ин нишонаи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахс ба ҳисоб меравад. Албатта, ин мустаҳкамсозии қонунгузорӣ аз санадҳои байналмиллалӣ сарчашма мегирад. [2–М].

2. Ҳуқуқҳои вобаста ба пайдоши худашон, пеш аз ҳама, аз заминаҳои иқтисодӣ ва технологӣ вобастаанд. Дар маҷмуъ, бавуҷудоӣ ва таҳавули босуръати шаклу усулҳои нави техникӣ, ихтирои радио, сабти мусиқӣ дар пленкаҳои махсус ва кинематография, ки ба анҷом додани амалиёти аксбардорӣ ва садодиҳӣ имконият медиҳанд, инчунин раванди иҷро ва истеҳсоли фонограммаҳо, интиқоли барномаҳои ташкилотҳои пахшкунанда ва инчунин эҷоди шабакаи ҷаҳонии компютерии интернет мушкилоти риояи манфиатҳои молу мулкии сарояндагон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахшро шадидан ба миён гузоштааст. [15–М].

Агар мо ҳуқуқҳои вобастаро ба маънои объективӣ ҳисобем, пас он бояд аллакай дар марҳилаи кунунӣ ҳамчун як падидаи мустақили ҳуқуқӣ-маданӣ эътироф карда шавад, ки «маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии маданиро дар назар дорад, ки муносибат оид ба истифодаи фонограмма ва барномаҳои пахшро

ҳамчун дуюминдараҷа ва инчунин иҷроро як объекти мустақил танзим мекунад». [9–М].

3. Ҳуқуқҳои вобаста, ки як падидаи объективӣ мебошанд, вижагии хосе доранд. Омили асосӣ ва муайянкунандаи рушди ҳуқуқҳои вобаста ва такмили танзими ҳуқуқии онҳо рушд ва мустақилкунии объектҳои вобаста мебошад. Ба фарқ аз объектҳои ҳуқуқи муаллиф, объекти ҳуқуқҳои истисноии вобаста самараи фаъолияти эҷодии шахс нест, балки натиҷаҳои фаъолияти дорои хусусияти истеҳсолӣ-техникӣ мебошанд, ки талошҳои моддӣ, техникӣ, молиявӣ, ташкилӣ ва касбии эҷодкоронро дар бар мегиранд. [11–М].

4. Категорияи якуми ҳуқуқҳои вобаста - иҷроҳо, бешубҳа, ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ наздик мебошанд ва аз рӯйи табиати худ аз дигар объектҳои ҳуқуқҳои вобаста каме фарқ мекунанд. [16–М].

Гуногунӣ ва реҷаи мухталифи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста зарурати таснифи онҳоро ба миён меорад. Тибқи ин маҳак, объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро метавон тасниф намуд ва ба 2 гурӯҳ: 1) мустақил; 2) вобастабуда. Дар айни замон, объектҳои гурӯҳи якуми ҳуқуқҳои вобаста (мустақил) дигар объектҳои ҳифзшавандаро дар бар намегиранд ва мутаносибан оғози «пайдоиши ҳифзи ҳуқуқии чунин объектҳо»-ро танҳо бо лаҳза (далелҳо)-и офариниши онҳо алоқаманд кардан мумкин аст.

Объектҳои гурӯҳи дуюми ҳуқуқҳои вобаста (ҳосилшуда) дар асоси асарҳо ва намоишномаҳои ҳифзшудаи ҳуқуқи муаллиф ба вуҷуд меоянд ва барои пайдоиши ҳифзи ҳуқуқии онҳо ду далели зарурии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад: эҷоди объект ва иҷозати шахсоне, ки дар ин ҳолат асарҳояшон истифода мешаванд.

Объектҳои мустақил ва ҳосилшудаи ҳуқуқҳои вобаста низ дорои доираи мухталифи ҳуқуқҳои истисноӣ мебошанд. Гурӯҳи якум (объектҳои мустақили ҳуқуқҳои вобаста) нисбат ба эҷодкорони гурӯҳи дуюм (объектҳои ҳосилшудаи ҳуқуқҳои вобаста) хеле васеътар мебошанд. [8–М].

5. Дар заминаи анҷом додани таҳқиқоти мазкур аён мегардад, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар самти идоракунии дастаҷамъонаи ҳуқуқҳои молумулкии эҷодкорон дар маҷмуъ ягона шакли имконпазири ташкилию ҳуқуқии ташкилотест, ки ҳуқуқҳои истисноии ҳуқуқҳои вобастаро ба таври мукаммал ва дастаҷамъона идора мекунад. [10–М].

6. Таҳлили назария ва таҷрибаи амалӣ исбот мекунад, ки татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста ба он на танҳо қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқӣ аст, балки арзиши муҳим барои соҳиби ҳуқуқҳои вобаста мебошад. Ин ҳолат аз ҷониби соҳиби ҳуқуқҳои вобаста ба се шарти ҳатмӣ ба миён меояд ва амалӣ мешавад:

1) муайян намудани вақт ва шартҳои вайронкунӣ ё баҳси ҳуқуқҳои молики ҳуқуқҳои вобаста;

2) ҷамъоварӣ ва мукаммал намудани далелҳо;

3) ҷиҳати татбиқи онҳо пеш аз ҳама ҳаракати фаъол ва қонунии соҳиби ҳуқуқҳои вобаста ва ё намояндаи ӯ талаб карда мешавад. [12–М].

